№1, 2024



# ОМӮЗГОР ВА ЗАМОН

Маҷаллаи таълимӣ, методӣ ва илмии Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф»





Омӯзгорони мо бояд, пеш аз ҳама, ба номи баланди муаллим, яъне шахси соҳибилм ва таълимдиҳандаву тарбиятгар содиқ бошанд ва хуб дарк намоянд, ки онҳо ду рисолат доранд, яъне ҳам меомӯзанд ва ҳам омӯхтаҳои худро ба шогирдонашон меомӯзонанд.

**Эмомалӣ РАҲМОН**


**МАҶАЛЛАИ ТАЪЛИМӢ, МЕТОДӢ ВА ИЛМИИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «ДОНИШКАДАИ ҶУМҲУРИЯВИИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА БОЗОМӮЗИИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ»**



**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**

**Раҳим САИДЗОДА** – вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Равшан КАРИМЗОДА** – муовини вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Шодӣ САФАРОВ** – президенти Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
**Асадулло НАҶМИДДИНИЁН** – директори Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А.Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон
**Аҳлиддин ИБОДУЛЛОЗОДА** – ректори Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ
**Шавкат КАРИМЗОДА** – директори Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Эҳсон САФАРЗОДА** - сармуҳаррири ҳафтаномаи «Омӯзгор»
**Файз ГУЛМАТОВ** – мудири шуъбаи педагогика ва методикаи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**

**Абдусаттор НАҶМИДДИНИЁН** – муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ
**Шаҳбози РУСТАМШО** - директори филиали ДҶТИБКСМ дар шаҳри Кӯлоб
**Наврӯзи ҶУМЪАМУРОД** – директори Маркази таҳия, нашр ва муомилоти китобҳои дарсӣ ва илмӣ-методии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
**Сино ЛУТФУЛЛОЗОДА** – мушовири ректори ДҶТИБКСМ
**Тутихон ДЕВОНШОЕВА** - омӯзгори калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ДҶТИБКСМ
**Шодӣ МАЛАХОВ** – мутахассиси раёсати илм ва инноватсияи ДҶТИБКСМ

**САРМУҲАРРИР:**

**Наврӯз МИРЗОЗОДА** – ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳами маориф

**КОТИБИ МАСЪУЛ:**

**Сафарбек СОБИРОВ** – муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи ДҶТИБКСМ

**ҲАЙАТИ ТЕХНИКӢ:**

**Умедҷони ФАЙЗАЛӢ** – сардори раёсати илм ва инноватсияи ДҶТИБКСМ
**Манучеҳр СОБИРОВ** – мудири маркази таълимӣ ва омӯзиши инноватсионии ДҶТИБКСМ
**Субҳониддин КОМИЛОВ** – и.в. сардори раёсати корҳои таълимӣ–методии ДҶТИБКСМ

**ТАРРОҲ:**

**З. МИРЗОЗОДА**



**Омӯзгор ва замон**

№1

№1 (1),2024



**Нишонӣ:** шаҳри Душанбе, кӯчаи Нисор Муҳаммад 15 А
**Телефон:** +992-37-223-12-90
**E-mail:** takmili-ihtisos@maorif.tj



Андозаи 60x84 1/8. Чопи офсетӣ.
Дар нашриёти «Илм» ба табъ расида аст.
Адади нашр **100** нусха.

Маҷалла аз 28 майи соли 2024, №350/МҶ-97 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.


Сомонаи расмӣ

Саҳифаи иҷтимоӣ

# МУНДАРИҶА


**ПАЁМИ ТАБРИКОТӢ**

**Р.САИДЗОДА.** Оинаи тамомнамо ........ 3

**ТАМАННИЁТ**

**Н.МИРЗОЗОДА.** «Омӯзгор ва замон» манбаи маълумот ва роҳнамои омӯзгорон ........ 5

**ИСЛОҲОТ**

**Н.МИРЗОЗОДА.** Ислоҳоти низоми такмили ихтисос-кафили боэътимоди пешрафти таълиму тарбия ........ 7

**ТАКМИЛИ ИХТИСОС**

**А.НАҶМИДДИНИЁН.** Омӯзиши дуалӣ дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ........ 11

**ТАКМИЛИ ИХТИСОС ВА ЗАМОН**

**С.СОБИРОВ.** Нақши системаи таълими модулӣ дар такмили ихтисоси омӯзгорон ........ 14

**НАЗОРАТИ ДОХИЛИМУАССИСАВӢ**

**Ш.РУСТАМШО.** Симои директори муассисаи таълимӣ дар замони муосир ........ 19

**ТАҲСИЛОТИ ТОМАКТАБӢ**

**Т.ДЕВОНШОЕВА.** Давраи гузариши кӯдакон аз оила ба мактаб: мушкилот ва роҳҳои бартарафкунии онҳо ........ 23

**ДИДАКТИКА**

**Д.КАРИМОВА.** Нақши бозиҳои дидактикӣ  дар рушди фарҳанги экологии кӯдакон ........ 27

**МЕТОДИКА**

**Ш.АКОБИРОВ.** Истифодаи усулҳои инноватсионии таълим дар омӯзиши фанни география ........ 31

**ТАҲСИЛОТ**

**С.ШЕРДИЛОВА.** Арзёбии ташаккулдиҳанда ........ 35

**МАОРИФ ВА ЗАМОН**

**Б.НЕЪМАТОВА.** Модели сезинагии таълим ва моҳияти он дар шароити кунунӣ ........ 43

**РАВОНШИНОСӢ**

**Н.АМОНОВ.** Таъсири усулҳои муошират ба ҷараёни таълиму тарбия ........ 48

**НИЗОМ**

**З.РАҶАБОВ.** Вусъати омӯзишҳои фосилавӣ дар низоми такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф (дар мисоли омӯзиши омехта)........ 52

**МИНБАРИ МУТАХАССИС**

**М.СОЛИЕВА.** Ҳамқадами замон бояд буд ........ 56

**ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМ**

**А.ОРИФОВ.** Нақши омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ........ 58

**БИСТСОЛАИ ОМӮЗИШ**

**У. ФАЙЗАЛӢ.** Истифодаи технологияи инноватсионӣ дар таълими фанни математика ........ 63

**ИНТЕРАКТИВ**

**М.ҶУМАХОНОВА.** Усулҳои фаъоли таълим дар дарсҳои таърихи халқи тоҷик........ 69

# ОИНАИ ТАМОМНАМО

Мухтарам омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф ва илм!

Саҳифаи нахустини нашрияи «Омӯзгор ва замон»-ро, ки дар арафаи сиву сеюмин солгарди Истиқлоли давлатии кишварамон ба нашр мерасад, ба тамоми кормандони соҳа табрику таҳният мегӯям.

Бояд гуфт, ки такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф аз қисмҳои муҳимтарини низоми таҳсилоти миллӣ ба шумор рафта, дар баланд бардоштани сифати таҳсилот ва маҳорати касбии кормандони соҳа нақши муҳим дорад. Аз ин лиҳоз, ин бахши таҳсилот дар маркази таваҷҷуҳи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад.

Рисолати Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, ки пеш аз ҳама, таҳким бахшидани таҳсилоти заминавӣ, ба муҳит ва талаботи нави иқтисодиву иҷтимоӣ мутобиқ сохтани омӯзгорон ба шумор меравад, бе мавҷудияти маҷаллаи соҳавӣ наметавонад комил бошад. Зеро, нашрияҳо барои пажуҳиш ва дастоварду



**Раҳим САИДЗОДА,**
**вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон**

таҳқиқоти инноватсионии соҳаро сари вақт пешкаши алоқамандон кардан нақши муҳим мебозанд. Ҳамзамон, манбаи беҳтарини маълумот барои омӯзгорону хонандагон маҳсуб ёфта, дар рушди маърифат ва касбияти онҳо чун ғизои маънавӣ хизмат менамоянд. Аз ин ҷост, ки дар ҳама давру замон васоити ахбори омма, аз ҷумла, матбуот оинаи тамомнамо ва инъикосгари тамоми дастоварду пешрафт ва рушду таҳаввули соҳаҳои гуногуни ҷомеа ба шумор рафта, дар бозтобу ифшои мушкилоти мавҷуда, пешниҳоди роҳҳои ҳал ва рафъ намудани норасоию камбудиҳо саҳми муассиру мондагор мегузоранд.

Воқеан, масъалаи маҳорати касбии омӯзгорон дар замони муосир муҳимму асосӣ ба шумор рафта, дар баланд бардоштани сатҳи касбияту маҳорати касбии онҳо такмили ихтисос ва бозомӯзӣ заминаи боэътимод ва калидӣ дониста мешавад, ки ин омили беҳтарини самаранок гардидани раванди таълиму тарбия ва сифати таҳси-

лот мебошад. Бесабаб нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаи худ ба Маҷлиси Олии ҷумҳурӣ (28.12.2023) ба ин масъала таваҷҷуҳ зоҳир намуда, аз ҷумла, зикр карданд: «Дар ин раванд бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода намудани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбии омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад». Аз ин ҷост, ки омӯзиши пайвастаи омӯзгор аз сарчашмаю адабиёти илмӣ – методӣ ва бо иштирок дар курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти ӯ хеле муҳим мебошад.

Бовар дорам, омӯзгорони муҳтарам барои инъикосу муаррифӣ ва тарғиби таҷрибаи пешқадами омӯзгорону устодони муваффақ, дастоварду комёбӣ ва икдому навовариҳои омӯзгорону кормандони Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва ҳар омӯзгори соҳибмактаб таъсис ва ба майдон омадани нашрияи навро, ки зарурату тақозои замон аст, падидаи хурсандибахш дар соҳаи маориф ҳисобида, маҷалларо, ки дар шакли чопию электронӣ нашр ва дастраси кормандону омӯзгорони аҳли маорифи кишвар мегардад, хуб пазирой мекунанд. Ин дастоварди муҳимро ба ҳар яки шумо ва ба кулли кормандони донишкада ва филиалҳои он сидқан муборакбод мегӯям. Бигзор, маҷаллаи мазкур дар фазои иттилоотии кишвар дар радифи дигар нашрияҳои маъруфу шинохта, дар бозтобу муаррифии дастовардҳои аҳли маориф, таҳлилу баррасии масоили ҳалталаби мушкилоти соҳа, муҳимтар аз ҳама, инъикоси ҳамаҷонибаи фаъолияти омӯзгорону кормандони донишкада, раванди баргузории курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ бо нашри мақолаю матолиби пурмуҳтавою ҷолиб саҳми босазо гузошта, чун падида дар соҳаи маориф нуфузу эътибори хосаро соҳиб гардад.

Нашрияи нав муборак бошад, устодону омӯзгорони азиз!

***Рушди сармояи инсонӣ омили калидии баланд бардоштани сатҳу сифат ва самаранокии соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан, маорифу тандурустӣ, илму инноватсия, инчунин, фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ мебошад.***

***Дар навбати худ, рушди илму маориф калиди пешрафти ҳамаи соҳаҳо ва омили муҳимтарини таъмин намудани ояндаи босуботи давлат ва фардои босаодати ҷомеа ба ҳисоб меравад.***

***Дастгирии таҳқиқоти илмӣ тавассути боло бурдани меъёри маблағгузории он, таъсиси марказҳои муосири илмӣ, озмоишгоҳҳо ва ба роҳ мондани ҳамкории муассисаҳои илмӣ бо истеҳсолот дар давраи минбаъда муҳим арзёбӣ мегардад.***

***Эмомалӣ РАҲМОН***

# «ОМӮЗГОР ВА ЗАМОН» МАНБАИ МАЪЛУМОТ ВА РОҲНАМОИ ОМӮЗГОРОН

Устодони гиромӣ, муҳандисони руҳи инсон!

Дар рӯзҳое, ки дар саросари кишвари маҳбубамон Истиқлолияти давлатӣ бо шукӯҳи хосса ҷашн гирифта мешавад, шуморо бо мунису ҳамқадам ва шарики боэътимоди ҷадидамон, маҷаллаи «Омӯзгор ва замон» ошно сохта, тавассути он ибрози андеша менамоям.

Мактаб, маориф, омӯзгор, таълиму тарбия, омӯзиш аз вожаҳое махсуб меёбанд, ки бе онҳо ҳастии ҷомеаву кишварҳоро тасаввур кардан имконнопазир аст. Маҳз дар заминаи андӯхтани донишу маҳорат, хираду фазилат, камолоти маънавӣ, тафаккуру ҷаҳонбинии фард ташаккул ёфта, барои ба шахсият мубаддал гардидан нақши бориз дорад, ки мисоли онро дар Ҷумҳурии соҳибистиқлоламон ҳамарӯза мушоҳида мекунем. Мусаллам аст, ки омӯзонандаи донишу савод ва роҳнамои ақлу хирад ба як сухан, маърифатбахшу ҳомии шогирд устод – омӯзгор ба шумор меравад. Омӯзгор дар ҷомеаи кунунии мо нақши асосию калидӣ дошта, ба василаи тарбияву ба камол



**Наврӯз МИРЗОЗОДА,**
**ректори Муассисаи давлатии «Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳами маориф»**

расондани насли ҷӯёву кӯшо ва бархӯрдор аз абзорҳои нави техникӣ дар татбиқи сиёсати маорифпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши меҷвариро иҷро мекунад.

Ба ҳамагон маълум аст, ки маҳорат дар фаъолияти касбии омӯзгор аз омилҳои асосии муваффақият ба шумор рафта, аз салоҳиятҳои асосии омӯзгорон мебошад. Боиси сарфарозист, ки ба рушди маҳорати касбии омӯзгорон Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он масъул буда, татбиққунандаи сиёсати давлатӣ дар системаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ба ҳисоб мераванд. Вобаста ба муҳиммияти такмили ихтисоси омӯзгорон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сухан-

рониашон дар «Рӯзи дониш» ва «Дарси сулҳ» аз 1.09.2023 қайд намуда буданд: «Дар шароити нави татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф гузаштан аз такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорон аҳаммияти торафт бештар касб менамояд. Тавассути такмили ихтисос омӯзгор метавонад таҳсилоти заминавии худро таҳким бахшида, фаъолияти хешро ба муҳит ва талаботи нави иқтисодиву иҷтимоӣ мутобиқ созад. Шароити кунунии пешрафти илму техника талаб мекунад, ки омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф ҳар се сол як маротиба аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида шаванд». Дар иртибот ба ин таъкиди Пешвои муаззами миллат, дар донишкада бо мақсади гузаштан ба низоми 3-солаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» тағйирот ворид карда шуд ва он аз ҷониби Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдорӣ гардид.

Имрӯз боиси хурсандист, ки дар баробари устодону мактабшиносони пуртаҷрибаву саршинос, дар донишкада ва филиалҳои он омӯзгорону пажуҳишгарони ҷавону умедбахш низ машғулият мегузаронанд. Самараи чунин машғулиятҳои фарогир ва посухгӯ ба талаби замон мебошад, ки сатҳу сифати таълим ва дараҷаи азхудкунии хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ беҳтару пурмоҳияттар мегардад.

Воқеан, дар донишкада корҳои зиёде ба анҷом расонда шуда истода, дар татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф қадамҳои устувор гузошта мешавад. Ҳамакнун суоле ба миён меояд, ки амалҳои дар самти рушди маҳорати касбии омӯзгорон анҷомдодашударо чӣ тавр ва бо кадом роҳу шева метавон муаррифӣ ва тарғиб намуд? Бе шубҳа, танҳо бо роҳи инъикоси густардаи фаъолияти гуногунҷабҳаи донишкада дар матбуот, ки ин рисолатро маҷаллаи навтаъсиси «Омӯзгор ва замон» бар дӯши худ гирифтааст. Бояд зикр намуд, ки матолибу мақолаҳои омӯзгорони Донишкада пайваста дар саҳифаҳои нашрияҳои соҳавии вазорат – ҳафтаномаи «Омӯзгор», маҷаллаҳои «Маорифи Тоҷикистон», «Маърифати омӯзгор» ва ғайра ба табъ мерасанд, аммо доманаи самтҳои муҳимми фаъолияти донишкада хеле густурда аст. Ин талабот заруратеро ба миён овард, ки баҳри муаррифии ҷанбаҳои омӯзандаи таҷрибаи омӯзгорон ва рушди касбияти онҳо маҷаллаи нав таъсис ёбад.

Итминони комил дорем, ки маҷаллаи «Омӯзгор ва замон» дар масъалаи инъикосу таблиғи дастовардҳои донишкада ва филиалҳои он ҳамчун тифли навпойи замони соҳибистиқлоли кишвар хидмати шоиставу назаррасро анҷом хоҳад дод. Аз ин рӯ, ба майдон омадани нашрияи навро ба кулли кормандони соҳаи маориф, мактабшиносону педагогҳо ва устодону омӯзгорон табрик гуфта, ба кормандон ва ҳайати эҷодии маҷалла дар кори пурмасъулият - рӯйи сафҳа овардани матолиби дархӯри завқи хонандаи имрӯз, ки ба масоили мухталифи таълиму тарбия ва фаъолияти донишкада бахшида шудаанд, муваффақият ва комёбиҳои нав ба навро хоҳонам.

Тавлиди маҷаллаи нав муборак бошад, ҳамкорон ва устодону омӯзгорони азиз!

***Ман дар асоси таваҷҷуҳу эҳтироме, ки нисбат ба илму маориф ва мактабу омӯзгор дорам, иброз медорам, ки маҳз тавассути рушди босуботи соҳаи маориф, таҳкими заминаҳои он ва заҳмати содиқонаи омӯзгорон мо тавонистем, ки чеҳраи воқеии халқи тоҷикро дар замони муосир ба ҷаҳониён муаррифӣ намоем.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

# ИСЛОҲОТИ НИЗОМИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС – КАФИЛИ БОЭЪТИМОДИ ПЕШРАФТИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

**Тоҷикистони азизи мо дар тули 33 соли соҳибистиқлолӣ ба пешрафту дастовардҳои беназир ноил гардид. Воқеан, Истиқлоли давлатии Тоҷикистон барои ҳар фарди солимфикру бомаърифат сарчашмаи тамоми хушбахтиҳову пирӯзиҳост. Имрӯз мо дар фазои орому осудаи Ватани маҳбуби хеш зиндагӣ менамоем. Истиқлолият рамзи сарҷамъиву соҳибихтиёрӣ ва мустақилияту иродатмандии ҳар фарди Тоҷикистони биҳиштосост. Фаромӯш набояд сохт, ки ин неъмати бебаҳо ба гарави ҷони ҳазорон фидоии меҳандӯсту сарсупурда ва талошу ҷонисориҳои абармардони шуҷои ватан ба даст омадааст. Аз ин лиҳоз, дар хотир бояд дошт, тамоми муваффақиятҳое, ки имрӯз мо дорем, аз баракати Истиқлолу Ваҳдати миллист.**



**Наврӯз МИРЗОЗОДА,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ректори Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахусти давлатдориашон илму маорифро соҳаи афзалиятноку калидӣ арзёбӣ намуда, мавқеъ ва мақоми омӯзгоронро баланд бардошта истодаанд. Сарвари давлат ҳамеша таъкид мекунанд, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон илмро яке аз омилҳои асосии рушди кишвар ва олимонро захираи бузурги зеҳнии ҷомеа донista, бо мақсади пешрафти ҳамаҷонибаи он ва беҳтар гардондани шароити иҷтимоии кормандони соҳаи илм ҳамаи имконотро муҳайё намудааст.

Яке аз бахшҳои муҳимми соҳаи маорифи кишвар низоми такмили ихтисос мебошад. Такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маориф аз қисмҳои муҳимтарини низоми таҳсилоти миллӣ ба шумор рафта, дар таъмини сифати таҳсилот ва маҳорати касбии кормандони соҳа нақши калидӣ дорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ислоҳоти соҳаи маориф, аз ҷумла, такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф таваҷҷуҳи хоса зоҳир мекунанд. Ин аст, ки дар ҷараёни сафари корӣ ба ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ва иштирок дар Рӯзи дониш, 1-уми сентябри соли 2023 баён доштанд: «Дар шароити нави татбиқи ислоҳоти соҳаи маориф гузаштан аз такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии омӯзгорон аҳаммияти торафт бештар касб менамояд. Тавассути такмили ихтисос омӯзгор метавонад таҳсилоти заминавии худро таҳким бахшида, фаъолияти хешро ба муҳит ва талаботи нави иқтисодиву иҷтимоӣ мутобиқ созад. Шароити кунунии пешрафти илму техника талаб мекунад, ки омӯзгорон ва дигар кормандони соҳаи маориф ҳар се сол як маротиба аз курсҳои такмили ихтисос гузаронида шаванд» .

Дар робита бо ин, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии

Тоҷикистон ҳамчун мақоми пешбарандаи сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ба рушди маҳорати касбии омӯзгорон ва роҳандозӣ намудани роҳу усулҳои нави таълим таваҷҷуҳи хоса зоҳир менамояд.

Донишкадаи ҷумҳуривии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ҷумҳурӣ ягона муассисае мебошад, ки ба такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф машғул мебошад. Донишкада ва филиалҳои он тули фаъолияти худ дар рушди такмили маҳорати касбии кормандони соҳа корҳои зиёдеро анҷом дода истодааст. Вазъи имрӯзаи соҳаи маорифи кишвар тақозо дорад, ки дар самти такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи кишвар ислоҳоти ҷиддӣ ба роҳ монда шавад.

Бо ҳамин мақсад, дар донишкада вобаста ба самти танзимдарории такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони соҳа зиёда аз 10 санади меъёрии ҳуқуқӣ таҳия ва тасдиқ гардида, таҳия ва тасдиқи «Қоидаҳои фарогирии шунавандагон ба курсҳои такмили ихтисос», «Низомномаи аттестатсияи хатми шунавандагони курсҳои такмили ихтисос», «Низомномаи баргузории курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф дар шакли фосилавӣ-омехта», «Низомномаи бахши мониторинг ва арзёбии сифати таҳсилот», «Тартиби гузаронидани ҷаласаҳои раёсати Донишкада» ва ғайра ҳамчун ислоҳот ҷиҳати танзими раванди таълим ба рушди соҳа таъсиргузор мебошанд. Таҳияи зиёда аз 25 санади дигар ба нақша гирифта шудааст.

Бо дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ҷиҳати аз 5 ба 3 сол гузаштани курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф тағйиру иловаҳо ворид карда шуд. Ин амал талаби замон буда, дар натиҷаи он кормандони соҳаи маориф ҳар чи зудтар аз дастовардҳои соҳа ва роҳу усулҳои нави омӯзиш огаҳӣ пайдо мекунанд. Минбаъд, омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф дар давоми 3 сол як маротиба аз курсҳои такмили ихтисос мегузаранд.

Инчунин, ҷиҳати иҷрои нақшаи чорабиниҳо бахшида ба Рӯзи дониш дар Донишгоҳи тиббии Хатлон бо мақсади ба роҳ мондани бозомӯзии кормандони соҳаи маориф лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи намунаи диплом барои хатмкунандагони курсҳои бозомӯзии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф» ва лоиҳаи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Оид ба ворид намудани тағйир ба қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» таҳия гардида, дар баррасӣ ва мувофиқаи вазорату идораҳо қарор дорад. Амалӣ гардидани бозомӯзӣ ба омӯзгорон ва кормандони соҳаи маориф, ки солҳои тулонӣ ғайриихтисос фаъолият менамуданд, имкон медиҳад, ки аз курсҳои бозомӯзӣ гузашта, соҳиби ҳуҷҷати намунаи давлатӣ гарданд. Мусаллам аст, ки дар ҷумҳурӣ теъдоди чунин омӯзгорон зиёд буда, ҳамаи онҳо дорои таҷрибаи хуби корӣ ва мутахассисони соҳа мебошанд. Аз курсҳои бозомӯзӣ гузаштани онҳо мушкилоти норасоии кадрӣ ва ғайриихтисос будани омӯзгоронро аз байн мебарад.

Дар донишкада бори аввал «Стратегияи рушди Донишкадаи ҷумҳуривии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои давраи то соли 2030» таҳия ва тасдиқ гардид, ки дурнамои рушди донишкадаро дар бар мегирад.

Дар доираи Стратегияи мазкур афзалият ба самтҳои зерин дода шудааст:

- дастрасии кормандону омӯзгорони соҳаи маориф ба шаклҳои гуногуни такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- таъмин намудани сатҳу сифати таҳсилот барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- рақамикунонии низоми такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф;
- идоракунии низоми курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- баланд бардоштани нуфузи донишкада дар дохил ва хориҷи кишвар.

Дар самти дастрасии кормандону омӯзгорони соҳаи маориф ба шаклҳои гуногуни такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ва таъмин намудани сатҳу сифати таҳсилот барои шунавандгони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзӣ

корҳои зиёде ба нақша гирифта шудааст. Дар назар дошта шудааст, ки дар донишкада ба ғайр аз шакли ягонаи амалкунандаи такмили ихтисос (анъанавӣ-классикӣ) шаклҳои дигари он, ба монанди фосилавӣ, омехта, дуалӣ, худомузӣ ва мавзуӣ низ роҳандозӣ карда шаванд.

Имрӯзҳо дар донишкада, аз рӯйи 64 барнома курсҳои такмили ихтисос амал мекунанд. Бо дарназардошти ворид намудани ислоҳот дар ин самт барномаи таълимии курсҳои такмили ихтисос ба чунин категорияҳо ҷудо карда шуд:

- омӯзгорони дорои собиқаи кории то 5-сола;
- омӯзгорони дорои собиқаи кории то 10-сола;
- омӯзгорони дорои собиқаи кории то 15-сола;
- омӯзгорони дорои собиқаи кории аз 15-сола зиёд;
- омӯзгорони дорои таҳсилоти олии касбии тахассусӣ;
- омӯзгорони дорои таҳсилоти миёнаи касбии тахассусӣ;
- омӯзгорони дорои таҳсилоти миёнаи умумӣ;
- омӯзгорони дорои таҳсилоти ғайритахассусӣ (ғайрипедагогӣ).

Тибқи нақшаи миёнамуҳлати амали Стратегия, то соли 2030 барои 64 барномаи таълимии курсҳо аз рӯйи талаботи зикршуда барномаҳои таълимӣ таҳия карда мешаванд. Дар назар дошта аст, ки вобаста ба талаботи замон номгӯйи барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос низ зиёд карда шаванд.

Дар самти беҳтар намудани мазмуни барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос низ ислоҳот идома дорад. То соли 2026 тамоми 64 барномаи таълимӣ бо дарназардошти омӯзиши таҷрибаи пешқадами дигар давлатҳо ва талаботи имрӯзаи соҳа таҷдиди назар карда мешаванд. Дар ин самт гурӯҳи корӣ аз ҳисоби кормандони пуртаҷрибаи донишкада фаъолият карда истодааст. Аз сабаби ба 8 категория ҷудо намудани барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос, зарурати таҳия намудани зиёда аз 400 барномаи таълимӣ ба миён меояд. Таҳия намудани ин миқдор барномаҳои таълимӣ танҳо барои шакли классикии таълим (шакли ҳузурӣ) мебошад. Бо дарназардошти дигар шаклҳои таълим (ҳузурӣ, фосилавӣ, дуалӣ, омехта), ки дар навбати худ ба дигар намудҳо ҷудо мешаванд, теъдоди таҳияи барномаҳои таълимӣ аз 1000 адад зиёд хоҳад шуд, ки дар доираи Стратегия давра ба давра таҳия мегарданд.

Роҳандозӣ гардидани чунин тадбирҳо имкони дастрасии баробари кормандону омӯзгорони соҳаи маориф ба шаклҳои гуногуни такмили ихтисос, таъмини сатҳу сифати таҳсилот ва рушд додани маҳорати касбии шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ва бозомӯзиро фароҳам меорад.

Масъалаи дигар, рақамикунони низоми такмлили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф мебошад. Бо мақсади рақамикунонии низоми такмили ихтисос дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд платформаи рақамии «Системаи иттилоотии рушди касбии омӯзгор» (СИРКО) коркард гардида, моҳи феврали соли 2024 ба таври расмӣ мавриди истифода қарор дода шуд. Татбиқи платформаи мазкур қадами муҳим дар рақамикунонии низоми такмили ихтисоси омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Дар платформа тамоми маводи таълимӣ, нақшаву барномаҳо, маҳфилҳои фаннӣ ва дарсҳои омӯзгорони навовару эҷодкор гузошта мешаванд. Тартиби бақайдгирии шунавандагони курсҳои такмили ихтисос ҳангоми ворид шудан ба платформа коркард гардида, ҳамаи омӯзгорону кормандони Донишкада ва филиалҳо аз омӯзиш гузаронда шудаанд. Айни замон зиёда аз 24 ҳазор нафар омӯзгор дар платформа ба қайд гирифта шудаанд. Дар қадамҳои минбаъда мудирону мушовирони кабинетҳои методии шуъбаҳои маориф, директорон ва омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ аз омӯзиш гузаронда хоҳанд шуд.

Бояд зикр кард, ки донишкада дар ҳамкорӣ бо Маркази ҷумҳуриявии технологияи информатсионӣ ва коммуникатсияи назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон то охири сол таҳияи платформаи махзани маълумотро дар донишкада ба нақша гирифтааст. Дар назар дошта шудааст, ки платформа таҳия ва ба истифода дода мешавад.

Тибқи Стратегияи донишкада то соли 2030 таъсиси якчанд платформа дар самти ба

роҳ мондани пешбурди таълим аз рӯйи омӯзиши омехта, фосилавӣ ва худомӯзӣ дар назар дошта шудааст. Идоракунии низоми такмили ихтисос ва нуфузи донишкада яке аз самтҳои муҳимми соҳа ба шумор меравад. Дар ин самт таҷдиди сохтори донишкада бо дарназардошти талаби замони имрӯзу оянда муҳим мебошад.

Робитаю ҳамкориҳои байналмилалии Донишкада сол то сол тақвият меёбанд ва самараи хуб ба бор оварда истодаанд. Далели ин гуфтаҳо, бастани шартномаҳои ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад. Моҳи марти соли 2024 Ёддошти тафоҳум байни Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва Маркази маҳорати педагогии ташкилоти худмухтори таълимии «Мактабҳои зеҳнии Назарбоев»-и Ҷумҳурии Қазоқистон ба имзо расонда шуд. Дар доираи ин ҳамкориҳо моҳи май дар донишкада барои омода намудани 50 нафар тренери сатҳи байналмилалӣ курси омӯзишии 12-рӯза гузаронда шуд. Курси мазкур дар доираи ҳамкориҳо бо дастгирии лоиҳаи «Кумаки техникӣ ба соҳаҳои маориф ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз ҷониби намояндагони Маркази маҳорати педагогии Ҷумҳурии Қазоқистон баргузор гардида, моҳи июни соли 2024 бо муваффақият ҷамъбаст гардид. Дар курси мазкур 50 нафар корманду омӯзгори донишкада ва филиалҳо ҳамчун тренерон соҳиби сертификати сатҳи байналмилалӣ гардиданд.

Инчунин, дар доираи санади мазкур, шуруъ аз 29-уми июл то 24-уми августи соли ҷорӣ 50 нафар тренери донишкада дар ҳамкорӣ бо тренерон аз Маркази маҳорати педагогии «Мактабҳои зеҳнии Назарбоев» - и Ҷумҳурии Қазоқистон 1206 нафар омӯзгори шаҳри Душанберо аз семинари омӯзишӣ оид ба «Барномаи байналмилалии арзёбии хонандагон» (PISA) дар се сатҳ (саводнокии табиӣ, саводнокии математикӣ ва саводнокии хондан) гузарондаанд. Нимаи дуюми моҳи сентябр ба онҳо сертификат дода мешавад.

Донишкада бо мақсади баланд бардоштани мақоми худ дар дохили кишвар низ корҳои зиёдеро ба нақша гирифтааст. Аз ҷумла, аз ҷониби донишкада 60 нафар омӯзгори ҷавони синни то 35 - солаи шаҳри Душанбе, ки донандаи дараҷаи баланди забонҳои русӣ ва англисӣ мебошанд, ба ҳайси тренер омода карда шуданд. Тибқи нақшаи тасдиқгардидаи раёсати донишкада дар оянда аз онҳо тренерони сатҳи миллӣ ва байналмилалӣ омода мегардад. Инчунин, онҳо ҳамчун тренерони ғайриштатӣ дар донишкада ба кор қабул гардида, дар татбиқи лоиҳаҳо ва маорифии ҷумҳурии азизамон дар хориҷи кишвар саҳмгузор хоҳанд шуд. Ҳамзамон, дар донишкада маҷаллаи «Омӯзгор ва замон» таъсис дода шуд. Шакли электронии ин маҷалла дар сомонаи донишкада ва платформа ҷойгир карда мешавад.

Донишкада ҷиҳати рушди системаи такмили ихтисос бо як қатор шарикони рушд ҳамкориҳои самарабахш ва густурдаро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, бо Хазинаи кӯдакони Созмони Милали Муттаҳид UNICEF, Лоиҳаи «Биё, бо ҳам омӯзем» - и USAID, лоиҳаи «Мактабҳои-2030», «Такмили ихтисоси омӯзгорони фанни забони англисӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва 26 муассисаи илмии кишварҳои хориҷ (19 муассисаи таълимии Федератсияи Русия, 7 муассисаи таълимии ҷумҳуриҳои Беларус, Қазоқистон ва Ӯзбекистон).

Сол то сол мо шоҳиди пешравӣ ва комёбиҳои беназир дар ҷодаи сиёсат, фарҳанг, иҷтимоиёт, маориф ва дигар ҷабҳаҳои давлатдориамон шуда истодаем. Ҳамаи ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мо ба марҳилаи нави рушду таҳаввул ворид гардида истодаем.

Бояд қайд кард кард, ки тамоми дастоварду комёбиҳои ватанамон, пеш аз ҳама, ба кӯшиш ва талошҳои хастанопазири Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандии зич доранд..

Таманно дорам, ки Соли нави таҳсил соли муваффақиятҳо ва дастовардҳо барои Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва омӯзгорону хонандагон ва дар маҷмуъ, аҳли маорифи кишвар гардад.

# ОМӮЗИШИ ДУАЛӢ ДАР НИЗОМИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОН

**Дар замони муосир, ҳангоме ки техникаву технологияҳои нав бо суръати кайҳонӣ рушд карда, талаботи ҷомеа ба таълим босуръат тағйир меёбанд, зарурати такмили ихтисоси омӯзгорон боз ҳам аҳамияти бештар пайдо мекунад. Яке аз равишҳои самаранок дар таъмини сифат ва самаранокии раванди омӯзишӣ – татбиқи системаи дуалӣ мебошад. Омӯзиши дуалӣ таълимест, ки назария ва амалияро бо ҳам муттаҳид карда, дар раванди такмили ихтисос нақши калидӣ мебозад. Мақолаи мазкур ба таҳлили он ихтисос ёфтааст, ки чӣ тавр омӯзиши дуалӣ метавонад, дар низоми такмили ихтисоси омӯзгорон муфид бошад ва бо чӣ роҳҳо онро ба таври самаранок истифода кардан мумкин астпешниҳод мегардад.**



**Абдусаттор НАҶМИДДИНИЁН,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ-методии ДҶТИБКСМ

**1. Афзалиятҳои омӯзиши дуалӣ дар низоми такмили ихтисос:**

*- Татбиқи амалии донишҳо:*

Омӯзиши дуалӣ имкон медиҳад, ки омӯзгорон донишҳои назариявии дар давоми курсҳои такмили ихтисос ҳосилкардаашонро дар шароити воқеӣ, яъне дар муассисаҳои таълимӣ ва синфхонаҳо дар амал татбиқ намоянд. Ин раванд ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки на танҳо донишҳои назариявиро омӯзонанд, балки онро дар амалия истифода баранд. Масалан, агар омӯзгорон дар курси такмили ихтисос методҳои нави таълими фаъолро омӯхта бошанд, онҳо метавонанд, ин методҳоро дар раванди таълим ба хонандагон татбиқ кунанд ва натиҷаи онро бевосита арзёбӣ намоянд. Ин равиш ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки на танҳо донишҳои назариявӣ, балки таҷриба ва малакаҳою маҳорати заруриро низ ба даст оранд.

*- Мустаҳкам намудани ҳамкориҳо:*

Омӯзиши дуалӣ боиси мустаҳкам шудани ҳамкориҳо байни Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он ва муассисаҳои таълимӣ мегардад. Барои самаранокӣ ва устувории ин система зарур аст, ки донишкада ва филиалҳои он бо муассисаҳои таълимӣ ва раёсату шуъбаҳои моариф зич ҳамкорӣ кунанд. Ин ҳамкорӣ на танҳо ба таҷрибаомӯзии амалӣ мусоидат мекунад, инчунин, ҷиҳати огаҳ шудани омӯзгорон ва муассисаҳои такмили ихтисос аз талабот ва эҳтиёҷоти бозори меҳнат ёрӣ мерасонад. Масалан, Донишкада ва филиалҳои он метавонанд дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ барномаҳои махсуси таҷрибаомӯзиро ташкил кунанд, ки дар онҳо омӯзгорон малакаҳои навро дар шароити воқеӣ омӯзанд ва такмил диҳанд.

*- Баланд бардоштани сатҳи омодагии омӯзгорон:*

Омӯзгороне, ки аз омӯзиши дуалӣ гузаштаанд, дар

муқоиса бо онҳое, ки танҳо донишҳои назариявӣ гирифтаанд, сатҳи баланди омодагии касбӣ доранд. Онҳо дар шароити воқеӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, мушкилоти педагогиро мустақилона ҳал мекунанд. Инчунин, онҳо метавонанд, ки усул ва методҳои таълими муосирро самаранок истифода баранд. Масалан, омӯзгороне, ки дар системаи дуалӣ таҳсил кардаанд, метавонанд, бо истифода аз усулҳои таълими интерактивӣ хонандагонро фаъолона ба раванди омӯзиш ҷалб ва ба рушди фикррونии онҳо мусоидат намоянд.

**2. Таҷрибаҳои байналмилалӣ дар татбиқи системаи дуалӣ дар низоми такмили ихтисос**

- Олмон:

Олмон яке аз кишварҳое мебошад, ки системаи омӯзиши дуалӣ дар он бомуваффақият татбиқ мешавад. Дар ин кишвар омӯзгорон дар донишкадаҳо таҳсил мекунанд ва ҳамзамон, дар муассисаҳои таълимӣ аз таҷрибаомӯзӣ мегузаранд. Ин равиш ба онҳо имкон медиҳад, ки назария ва амалияро омӯзанд. Дар барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос омӯзгорон, инчунин, таҳти назорати роҳбарони таҷрибаомӯзӣ амал мекунанд. Ин ба онҳо кумак мекунад, ки донишҳои назариявиро дар шароити амалӣ санҷанд.

- *Финляндия:*

Финляндия низ яке аз кишварҳоест, ки дар он системаи дуалӣ ба таври васеъ татбиқ мешавад. Дар ин кишвар барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон на танҳо донишҳои назариявӣ, балки амалияи кориро низ дар бар мегиранд. Омӯзгорон дар синфхонаҳо бо хонандагон кор мекунанд ва ин ба онҳо имкон медиҳад, ки малакаҳои навро бевосита дар раванди таълим татбиқ кунанд. Системаи омӯзиши дуалӣ дар Финляндия боиси баланд шудани сифати таҳсилот ва омодагии касбии омӯзгорон гардидааст.

- *Кореяи Ҷанубӣ:*

Кореяи Ҷанубӣ низ дар татбиқи омӯзиши дуалӣ дар таҳсилот муваффақиятҳои бузург дорад. Дар ин кишвар, омӯзгорон дар донишкадаҳо таҳсил мекунанд ва ҳамзамон, дар муассисаҳои таълимӣ кор мекунанд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, ки донишҳои назариявиро дар амалия татбиқ кунанд. Барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос дар Кореяи Ҷанубӣ бо унсурҳои омӯзиши дуалӣ ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки малакаҳои касбии худро такмил диҳанд ва ба талаботи муосири бозори меҳнат ҷавобгӯ бошанд.

**3. Мушкилоти татбиқи системаи дуалӣ**

- *Норасоии инфрасохтор:*

Яке аз мушкилоти асосӣ дар татбиқи омӯзиши дуалӣ норасоии инфрасохтори зарурӣ мебошад. Бисёр донишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ аз таҷҳизоти таълимӣ ва воситаҳои замонавӣ маҳруманд. Барои самаранок татбиқ кардани системаи дуалӣ зарур аст, ки ин инфрасохтор такмил дода шавад.

- *Мушкилоти ҳамоҳангсозӣ:*

Ташкили ҳамкории самарабахш байни донишкадаҳо ва муассисаҳои таълимӣ мушкили дигарест, ки дар роҳи татбиқи системаи дуалӣ вуҷуд дорад. Дар бисёр ҳолатҳо байни ин муассисаҳо ҳамоҳангӣ ва робитаи зич вуҷуд надорад, ки ин боиси коҳиши самаранокии барномаҳои дуалӣ мегардад. Барои ҳал кардани ин мушкилот зарур аст, ки як системаи самарабахши ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ таҳия ва татбиқ карда шавад.

- *Норасоии маблағгузорӣ:*

Мушкилоти маблағгузорӣ низ метавонад ба татбиқи системаи дуалӣ таъсир расонад. Барои таъмин намудани инфрасохтор ва таҳияи барномаҳои муваффақ маблағгузории кофӣ зарур аст. Дар шароити норасоии маблағ мумкин аст, барномаҳои дуалӣ ба пуррагӣ амалӣ нашуда монанд.

**4. Тавсияҳо барои истифодаи самараноки системаи дуалӣ**

- Тақвияти инфрасохтор:

Барои самаранок татбиқ кардани системаи дуалӣ, зарур аст, ки инфрасохтори зарурӣ, аз ҷумла, дар муассисаҳои таълимӣ таҷҳизоти таълимӣ ва воситаҳои техникии замонавӣ таъмин карда шаванд. Инчунин, зарур аст,

ки омӯзгорон бо истифода аз технологияи муосир ба донишҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ дастрасӣ пайдо кунанд.

- *Ташкили системаи ҳамоҳангсозӣ:*

Дар ин самт, инчунин, зарур аст, ки системаи самарабахши ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозӣ байни донишкадаҳо ва муассисаҳои таълимӣ таҳия карда шавад. Ин система бояд ҳамкории наздик байни ҷонибҳои манфиатдорро таъмин намояд ва ба омӯзгорон имкон диҳад, ки донишҳои назариявиро дар амалия татбиқ кунанд.

- *Таъмини маблағгузорӣ:*

Барои амалӣ кардани барномаҳои дуалӣ зарур аст, ки маблағгузории кофӣ таъмин карда шавад. Ин маблағҳо бояд барои такмили инфрасохтор, таҳияи барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос ва таъмини омӯзгорон бо воситаҳои замонавӣ истифода шаванд.

- *Инноватсияҳо ва таҳқиқоти илмию амалӣ:*

Татбиқи технологияҳои рақамӣ ва инноватсияҳо дар системаи дуалӣ метавонад ба баланд бардоштани самаранокии системаи мазкур мусоидат кунад. Масалан, истифодаи платформаҳои онлайнӣ ва воситаҳои таълимии рақамӣ метавонад омӯзгоронро дар такмили малакаҳои нав бо усулҳои муосир кумак кунад. Барномаҳои дуалӣ метавонанд таҳқиқоти илмӣ ва амалиро бо методологияи навтарини таълим дар бар гиранд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, ки бо истифода аз маводи муосир ва таҳқиқоти навтарин ба омӯзиши касбӣ ва такмили ихтисоси худ машғул шаванд.

- *Таъмини устувории система:*

Барои таъмини устувории системаи дуалӣ зарур аст, ки як стратегияи дарозмуддат таҳия карда, дар он мақсад, вазифаҳо ва роҳҳои татбиқи система ба таври равшан муайян ва мушаххас карда шавад. Ин стратегия бояд ҳамоҳангии байни ҷонибҳои гуногун, аз ҷумла, вазоратҳо, донишкадаҳо, муассисаҳои таълимӣ ва шарикони рушдро таъмин кунад. Мақсади ниҳоии ин стратегия бояд таъмини устувории системаи дуалӣ ва мутобиқ кардани он ба шароити маҳаллӣ бошад.

- Таъмин намудани омӯзиш ва дастгирии омӯзгорон:

Омӯзгороне, ки дар барномаҳои таълимии омӯзиши дуалӣ иштирок мекунанд, бояд дастгирии доимӣ ва омӯзиши иловагӣ дошта бошанд. Инчунин, зарур аст, ки барои омӯзгорон курсҳои махсуси омӯзишӣ ва такмили ихтисос таҳия карда шаванд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки малакаҳои навро омӯхта, дар амал татбиқ кунанд. Масалан, курсҳои онлайнӣ ва вебинарҳо метавонанд барои омӯзгорон дастрас бошанд, ки онҳо дар вақти худ курсҳоро гузаранд ва малакаҳои худро такмил диҳанд.

- Ташкили шабакаи омӯзгорон ва мубодилаи таҷрибаҳо:

Ташкили шабакаҳои омӯзгорон ва платформаҳо барои мубодилаи таҷрибаҳои педагогӣ ва иттилооти муфид метавонад ба беҳтар кардани сифати таълим ва такмили ихтисоси омӯзгорон мусоидат кунад. Омӯзгорон метавонанд дар ин шабакаҳо бо ҳамкорони худ робита барқарор намуда, таҷрибаҳои худро мубодила кунанд ва дар бораи истифодаи усулҳои нави таълим маслиҳатҳои амалӣ гиранд.

Хулоса, омӯзиши дуалӣ метавонад дар такмили ихтисоси омӯзгорон нақши муҳимеро иҷро кунад, агар он бо роҳҳои самаранок ва устувор татбиқ шавад. Бо истифода аз ин система омӯзгорон метавонанд, малакаҳои амалӣ ва назариявии худро баланд бардоранд, ки ин ба беҳтар шудани сифати таълим ва тарбияи хонандагон мусоидат мекунад. Барои самаранок татбиқ кардани системаи дуалӣ зарур аст, ки инфрасохтор такмил дода шавад, ҳамоҳангии самаранок байни донишгоҳҳо ва муассисаҳои таълимӣ таъмин гардад ва маблағгузории кофӣ ба даст оварда шавад. Дар оянда системаи дуалӣ метавонад яке аз унсурҳои муҳимми такмили ихтисоси омӯзгорон гардад, ки ба рушди устувор ва пешрафти соҳаи маориф мусоидат мекунад.

# НАҚШИ СИСТЕМАИ ТАЪЛИМИ МОДУЛӢ ДАР ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ ОМӮЗГОРОН

**Такмили ихтисоси омӯзгорон аз зумраи самтҳое ба шумор меравад, ки мунтазам ба навоварию ислоҳот ниёз дошта, вобаста ба талаботи рӯз ва дастёбӣ ба стандартҳои ҷаҳонию навигариҳои дар соҳаи илму техника ба вуқуъ пайваста, таҷдиди ҳамешагиро тақозо дорад. Зеро, зиёд гардидани сарчашмаҳои иттилоот, пешрафти илм ва ба вуҷуд омадани шаклҳои инноватсионии таълим аз омӯзгорону тарбиятгирандагон донишу маҳоратҳои нав ба нав ва самарабахшро талаб мекунад. Маҳз омӯзгорону кормандони соҳаи маориф барои такмили тахассус намудан ва воқиф гардидан аз пешравию дастовардҳои соҳа ба курсҳои баландбардории маҳорати касбӣ фаро гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, такмил намудани низоми мавҷудаи такмили ихтисоси омӯзгорон ва ба талаботи ҷомеаи имрӯза мутобиқ сохтани он, ба куллӣ беҳтар намудани нишондиҳандаҳои миқдорӣ, таркибӣ ва сифатии муассисаҳои такмили ихтисос, густариши ташаккули системаи такмили ихтисосу бозомӯзии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва назорати мунтазами самаранокии курсҳои такмили ихтисос амри воқеӣ мебошад.**



**Сафарбек СОБИРОВ,**
номзади илмҳои педагогӣ, муовини ректор оид ба корҳои илм ва инноватсияи ДҶТИБКСМ

Мувофиқи таҳлилҳои гузаронидашуда ва мушоҳидаҳои амалӣ, яке аз шаклҳое, ки ба самаранокии раванди курсҳои такмили мусоидат хоҳад кард, таълими модулӣ дар соҳаи такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ба шумор меравад, ки айни ҳол дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он коркард шуда истодааст. Аз омӯзиши натиҷаи таҳлилҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар омода намудани омӯзгорон ва такмили ихтисоси онҳо таълими модулӣ метавонад нақши муҳим дошта бошад. Гузариш ба таълими модулӣ дар соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон дар «Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» низ таъкид карда шудааст. Аз ҷумла, дар қисмати Афзалиятҳо дар самти беҳтар намудани сифат ва муҳиммияти таълим сарҳати ҷорӣ намудани низоми таълими пешрафтаи кредитӣ - модулии такмили ихтисос оварда шуда, дар «Стратегияи рушди Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф барои давраи то соли 2030» гузариши пурра ба системаи модулӣ аз ҳадафҳои стратегӣ ба шумор меравад.

Бо мақсади амалӣ намудани снадҳои мазкур зарур аст, то барои ҳар як ихтисос дар

алоҳидагӣ маҷмӯаи модулҳо таҳия карда шаванд, ки дар раванди курс вобаста ба онҳо машғулият гузаронида мешавад. Ин шакл аз он сабаб ҳадафманд аст, ки бо сабаби дар алоҳидагӣ таҳия кардани модулҳо, омӯзгор метавонад дар тамоми курсҳо модули мазкурро истифода намуда, ин модулҳо ҳамзамон ҳамчун маводи методӣ ё ба қавле, китоби дарсӣ истифода карда шавад.

Дар системаи такмили ихтисос мебояд модулҳо тарзе таҳия карда шаванд, ки дар онҳо мақсадҳо мушаххас, вазифа ва сатҳи азхудкунии мавзуъҳо муайян ва малакаву маҳорат ва шаклҳои арзёбӣ номбар карда шаванд. Дар модулҳо нақшаи тақвимӣ оварда шуда, вобаста ба ҳар як мавзуъ мақсаду натиҷаҳои ниҳоӣ нишон дода мешаванд. Азбаски яке аз мақсадҳои таълими модулӣ, таъмини фаъолияти амалӣ ва худомӯзии шунавандагон ба шумор меравад, мебояд, то чи гуна расониданни тамоми ҷараёни таълим аз ҷониби омӯзгор – тренер қадам ба қадам дар модул нақшагирӣ ва ба таври мушаххас нишон дода шавад. Зеро, дар низоми таълими модулӣ самарабахшии таълим дар сурате афзун мегардад, ки агар шунаванда донишҳоро худ ба даст оварад, фаъолияти омӯзгор бошад, ҷараёни машғулиятҳоро идора намудану, аз ҳавасманд ва машварату хулосабарорӣ кардан иборат бошад. Ё ин ки «Барои баланд бардоштани дараҷаи тахассусӣ, ташаккули қобилияти эҷодӣ, салоҳиятнокии кормандони педагогӣ, ки барои ҳалли масъалаҳои мукаммалсозии системаи таҳсилот, бо ташаккули навгониҳои фаъолияти омӯзишии кормандони соҳаи маориф, татбиқи натиҷабахшии технологияи ҳозиразамони таълим ҷалб мешаванд, амалӣ гардонидани чунин шакл ва тарзҳои фаъолияти таълимӣ мақсаднок аст.

Технологияи таълими модулӣ дар бахши такмили ихтисос ва бозомӯзӣ ба талаботи муосири раванди таълим то андозае ҷавобгӯ мебошад. Зеро он ба истифодаи принсипи модулӣ асос меёбад. Дар ин шакли таълим модули таълимӣ ҳамчун воситаи тарҳрезӣ ва татбиқи системаи педагогӣ хидмат мекунад, ки дар он ҳадафи таълим аз раванд ба натиҷа гузаронида шуда, ба даст овардани натиҷа, танзим, мутобиқсозии системаи таълим ба таври ҳамешагӣ вобаста ба машғулиятҳо мебошад. Асоси ин намуди таълимро модулҳо ташкил медиҳанд. Дар таҳсилоти миллӣ мафҳуми «модул» то ҷое нав буда, фарқи асосии он аз шакли анъанавӣ бештар ба амалия нигаронида шудан ва иҷрои амалии машғулиятҳо аз ҷониби шунавандагони курсҳо фаҳмида шуда, бештари мавод мустақилона, бо роҳи худомӯзӣ омӯхта мешавад. Аз ин рӯ, таҳияи модулҳои таълимӣ асоси ин шакли таълимро ташкил медиҳад.

Модул аз калимаи лотинии modulus гирифта шуда, маънои сохт, меъёр, воҳиди шартӣ ва андозаро дорад. Омӯзиши сарчашмаҳо ва таҳқиқоти дар ин самт анҷомшуда баёнгари онанд, ки модулҳо дар маҷмуъ, ба се навъ ҷудо карда мешаванд. Аз ҷумла:

- маърифатӣ, ҳангоми омӯзиши асосҳои илм истифода мешаванд;
- амалӣ-ташаккули усулҳо/фаъолият;
- омехта.
- Дар системаи такмили ихтисоси омӯзгорон омӯзиши модулӣ навъи омӯзишие мебошад, ки дар он маводи таълимӣ ба модул ё бобҳои алоҳида ҷудо карда мешавад.

Мушоҳидаҳои амалӣ, андешаи муҳаққиқон ва натиҷаҳои таҳқиқотҳо баёнгари онанд, ки таълими модулӣ дар соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон чунин бартариҳоро доро мебошанд.

- беҳтар намудани раванди курсҳои такмили ихтисос ба дастрасии маводи таълимӣ;
- фароҳам овардани шароит барои худомӯзии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ ва ба ин восита, таъмини омӯзиши пайваста дар системаи такмили ихтисос ва бозомӯзӣ;
- муайян гардидани стратегия ва қадамҳои мушаххаси омӯзиш;
- таъмини имкон ҷиҳати ҷойгир намудани модулҳои

таълимӣ ба платформаҳои рақамӣ;

- имкони ислоҳи фаврии мазмуни барнома ва мавод мувофиқи талабот ва ниёзи шунавандагони курсҳои такмили ихтисос;

- аз ҷониби шунавандагони курсҳо бевосита истифода шудани салоҳиятҳои ҳосилшуда дар амалияи фаъолияти касбӣ;

- ҷой додани нақшаи тақвимӣ ё барномаи таълимӣ дар мавод;

- кам кардани вақти омӯзиш ва фароҳам овардани имкон барои таълими фосилавӣ ё «Омӯзиши омехта»;

- ташаккул додани раванди такмили ихтисос бо дарназардошти таҷрибаи касбӣ ва дархостҳои таълимӣ.

Аз натиҷаи таҳқиқотҳо маълум мегардад, ки дар системаи такмили ихтисоси омӯзгорон вобаста ба ихтисос ё намуди курсҳо метавон маҷмуи якчанд модулро таҳия намуд. Дар соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон модулҳои таълимӣ махсусиятҳои худро дошта, дар асоси як барномаи таълимӣ метавонад якчанд модул таҳия карда шуда, чунин қисматҳоро дар бар гирад:

- мушаххас будани мақсадҳои таълимӣ ва натиҷаҳои ниҳоӣ;

- муайян будани мавзуъ, малакаву маҳоратҳои рушддодашаванда ва шаклҳои арзёбӣ;

- пешниҳод намудани стратегияҳои омӯхташаванда, вазъ ва фарҳанги омӯзишӣ;

- пешниҳод намудани нақшаҳои таълимӣ ва тақвимӣ (мутобиқи барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос);

- таъмини фаъолияти амалӣ ва худомӯзии шунавандагони курсҳои такмили ихтисос;

- бо мақсади таъмини идора намудани ҷараён идора намудан ва машварату хулосабарорӣ кардани тренер дар модул, нишон додани қадамҳои баргузории машғулиятҳо;

- муайян намудани омӯзиши ҳатмии ҳар як ҷузъи системаи дидактикӣ ва намоиши визуалии онҳо дар барнома ва модулҳои таълимӣ;

- ба эътибор гирифтани шаклҳои гуногуни таълим;

- ҳамгироии намуд ва шаклҳои гуногуни таълим;

- ба назар гирифтани ба таври мустақилона омӯхтани маводи таълимӣ;

- муайян гардидани салоҳиятҳои барои омӯзиши шунавандагон зарур.

Технологияи тарҳрезии педагогии модулҳои таълимӣ се марҳилаи асосиро дар бар мегирад:

1. Таҳияи мушаххасоти модул.

2. Таҳияи маводи арзёбӣ барои модулҳо.

3. Таҳияи маводи таълимӣ барои модулҳо.

Дар асоси ихтисосҳое, ки дар донишкада ва филиалҳо аз рӯйи онҳо курсҳои такмили ихтисос гузаронда мешаванд, модулҳоро метавон ба чунин гурӯҳҳо муттаҳид кард:

- фанҳое, ки дар тамоми гурӯҳҳо аз руйи онҳо машғулият гузаронида мешаванд. Барои мисол, менеҷменти сиёсӣ, асосҳои технологияи информатсионӣ, экология, ҳифзи муҳити зист ва амсоли ин;

- фанҳои муайяне, ки аз рӯйи як барномаи таълимӣ машғулият гузаронида мешаванд. Аз ҷумла, педагогика ва психологияи касбӣ барои омӯзгорони фанҳои гуманитарӣ ва табиӣ – риёзӣ, педагогика ва психологияи касбӣ барои мураббиёни муассисаҳои томактабӣ, коргузорӣ ва ҳуҷҷатнигорӣ дар соҳа;

- ихтисосҳои муайян. Ба монанди, омӯзгорони фанни забони русӣ, математика, география ва монанди инҳо.

Дар маҷмуъ, модулҳои таълимӣ дар системаи такмили ихтисос метавонад дар шаклҳои гуногун, вобаста ба меъёрҳои дар боло овардашуда таҳия ва барои омӯзгорон/тренерон ё шунавандагони курсҳо таҳия карда шаванд.

**Намунаи сохтори модулҳои таълимӣ барои омӯзгорони муассисаҳои такмили ихтисос/тренерон пешбинишаванда**

| Қисматҳои модул | Маводи зарурӣ |
|---|---|
| Мавзуъ | Мутобиқи барномаи таълимӣ, ки нақшаи тақвимии он дар саҳифаҳои аввали модул оварда мешаванд, овардани мавзуъҳо |
| Мақсади машғулият | Муайян намудани мақсадҳои таълимӣ дар асоси модели сезинагии таълим ва дар шакли натиҷаи интизоршаванда |
| Вақт | Муайян намудани вақти барои иҷрои машғулият пешбинишуда |
| Мавод | Маводи зарурӣ дар асоси стратегияҳои пешбинишуда. Варақаҳои тақсимотӣ, маркер ва дигар маводи барои омӯзиши мавзуъ зарур |
| Водорнамоӣ/ Ҳавасмандгардонӣ | Ба воситаи истифодаи саволҳои кушода, вазъиятҳои таълимӣ, навор ва дигар усулҳо бедор намудани ҳавасмандии шунавандагони курс |
| Арзёбии пешакӣ | Ба воситаи саволнома, пурсишнома ё шакли дигар муайян намудани салоҳиятҳои ибтидоии шунавандагони курсҳо |
| Раванд: Муносибати омӯзгор-шунаванда ва ҳамкории шунавандагон | Қадам ба қадам овардани тарзи пешниҳоди машғулият, аз ҷумла, корҳои дунафара, гурӯҳӣ..... |
| Арзёбии ҷамъбастӣ | Ба воситаи саволнома ва пурсишномаҳо муайян намудани салоҳиятҳои ниҳоии шунавандагони курсҳо |
| Рефлексия | Хулосабарорӣ |

Дар ҳар як марҳила омӯзгорон/тренерон метавонанд вобаста ба махсусиятҳои мавзуъ ва маҳорати касбии худ стратегияҳои мувофиқро истифода баранд.

**Модулҳои барои шунавандагони курсҳои такмили ихтисос пешбинишаванда**

| Қисматҳои модул | Маводи зарурӣ |
|---|---|
| Мундариҷа | Муҳтавои модул. Номгӯи мавзуъҳое, ки дар модул оварда мешаванд |
| Пешгуфтор | Пешниҳоди маълумот оид ба мазмуну муҳтавои модул ва зарурати таҳияи он |
| Нақшаи тақвимии курсҳои такмили ихтисос | Овардани нақшаи тақвимии барномаҳои таълимии курсҳои такмили ихтисос |
| Тарзи истифодаи модул | Овардани маълумот оид ба мавзуъ, стратегия, шаклҳо ва тарзи истифодаи онҳо |
| Мавзуъҳо | Дар мутобиқат ба модули барои омӯзгорон/тренерон таҳиякардашуда овардани маълумот вобаста ба мавзуъҳо |
| Рӯйхати мавод барои худомӯзӣ | Овардани номгӯи мавод ва мавзуъҳое, ки барои худомӯзии шунавандагон пешбинӣ мегардад |

Барои гузариш ба таълими модулӣ, нахуст мебояд сохтор бо қисматҳо, марҳилаҳои омоданамоӣ ва татбиқнамоию самаранокии модулҳо муайян карда шаванд.

Вобаста ба таҳаввулоти солҳои охир дар системаи такмили ихтисоси омӯзгорон, зина ба зина гузаштан ба таълими модулӣ метавонад раванди курсҳои такмили ихтисосро боз ҳам самаранок гардонад. Табиист, ки самаранокии курсҳои такмили ихтисос ба беҳтар гардидани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимӣ боис мегардад. Зеро омӯзгорон бо истифода аз усулҳои ташкилнамудаи раванди таълиму тарбия ва методҳои муосири таълим бохабар хоҳу нохоҳ дар раванди таълим дигаргуниҳоро ворид мекунанд. Истифодаи стратегияҳои гуногун ва муосири таълим доираи салоҳиятҳои эҷодкорӣ ва навоварии ҳам омӯзгорон ва ҳам сарваронро васеъ гардонда, барои амиқтар аз худ кардани маводи таълимии пешниҳодшаванда мусоидат менамояд, ки он дар навбати худ ҷиҳати ноил шудан ба таълими босифат боис мегардад.

## АДАБИЁТ:

1. Акобиров, Ш.З. Системаи модулӣ, кредитӣ ва фосилавӣ дар такмили ихтисос. Маводи конференсияи Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф.– Душанбе: –2016. С. 83-88.

2. Акобиров, Ш.З. Ҳасанов С. Муносибати мусбат – асоси самаранокии таълим.– Душанбе 2022:

3. Акобиров, Ш.З. Ҳасанов С. Муносибати мусбат – асоси самаранокии таълим Дастур барои тренер – Душанбе 2022.

4. Олимкулов, С.О., Мелибоев А.Р., Рустамов А.Ш., Роль компетентного учителя в сфере современного образования // Вопросы науки и образования. 2019. №7 (53).

5. Барномаи давлатии рушди системаи такмили ихтисос ва бозомӯзии касбии кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, – Душанбе, 2017.

6. Панасенкова, М.М. Формирование профессиональных компетенций учителя в системе дополнительного профессионального образования // Инновационная наука. 2019. №12.

7. Собиров, С.Ф. Роҳҳои баландбардории маҳорат, малака ва салоҳияти касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017, №3/7. – С. 247-253, ISSN 2074-1847.

8. Собиров, С.Ф. Роҳҳои тақвияти чараёни такмили маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият дар таълим: автореф. дис.... номз. илм. пед. / С.Ф. Собиров. - Душанбе, 2020.

9. Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. - Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 сентябри соли 2020, №526. Душанбе, 2020.

10. Х.Қурбонзода, Ҳ.Бобоев. Самтҳои аввалияи рушди такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф, Душанбе, 2016.

11. Х.Қурбонзода, Ҳ.Бобоев. Ташаккули системаи миллии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, 2016.

***Шумо – устодону омӯзгорони муҳтарам, дар баробари ба шогирдон омӯзонидани илми табобати инсон, ба онҳо маданияти баланди муошират ва хислатҳои хуби инсониро таълим диҳед ва фаромӯш накунед, ки мо – тоҷикон миллати соҳибмаърифат ва тамаддунсоз ҳастем.***

***Эмомалӣ Раҳмон***

# СИМОИ ДИРЕКТОРИ МУАССИСАИ ТАЪЛИМӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**Дар радифи комёбиҳои солҳои охир, дар қатори тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат муассисаҳои таълимӣ, махсусан, муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳам тағйироти зиёдеро аз сар гузаронида истодаанд. Соҳаи маориф, ки имрӯз тамоми бори гарони таълиму тарбияро ба дӯш дорад, аз омӯзгорон тақозо мекунад, ки бояд бо тамоми ҳастӣ шароитҳои мусоиди донишандӯзиро барои кӯдакону наврасон фароҳам оваранд ва сифати таълимро боз ҳам баланд бардоранд.**

Дар раванди амалӣ намудани барномаи ислоҳот дар соҳаи маориф тули ин солҳо тамоми масоили банақшагирифташуда пурра ҳалли худро ёфта истодаанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки ҳамаи ин пешравиҳо тавассути ғамхорию дастгириҳои беандозаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва заҳматҳои зиёди кулли омӯзгорону роҳбарони муассисаҳои таълимӣ ва кормандони соҳаи маориф ба даст омада истодаанд. Боварии комил аст, ки омӯзгорон минбаъд ҳам сиёсати хирадмандонаи Президенти кишварро оид ба рушду нумуи соҳаи маориф дастгирии ҳамаҷониба намуда, пайваста ҷидду ҷаҳд менамоянд, ки дар ҳама ҷабҳаҳои таълиму тарбия фаъолияти хубу босамар нишон медиҳанд, зеро симои асосии муассисаи таълимӣ омӯзгор аст. Омӯзгори асил шахсест, ки тамоми дониш, малака ва маҳорати худро дар симои шогирдони худ дида тавонад.

Ба касе пӯшида нест, ки муваффақияту пешравии кори омӯзгор, умуман, ҷараёни таълиму тарбия дар навбати аввал ба фаъолияти эҷодию кордонии роҳбари муассиса вобастагии амиқ дорад. Зеро роҳбари муассиса роҳу равиши корбарии омӯзгоронро омӯхта, диққати асосиро барои баланд бардоштани сифати дониши хонандагон равона месозад. Паст будани дониши баъзе аз хонандагон сабабҳои зиёде дорад.

Қисми зиёди омӯзгорон омили паст будани дониши баъзе хонандгонро, пеш аз ҳама, дар надоштани завқу хоҳиши омӯзиши онҳо мебинанд, аммо дар бораи маҳорату малакаи дарсгузарии худ фикр намекунанд. Дар бисёр маврид савияи пасти касбии омӯзгор ва шавқу ҳавас надоштан ба ғанӣ гардонидани дониши худ, сабаби асосии сатҳи пасти дониши хонандагон мегардад. Дар қатори дигар сабабҳои объективӣ, инчунин, ҳамкории сусти волидайн бо муассиса ва омӯзгорон омили манфист.



**Шаҳбози РУСТАМШО,**
номзади илмҳои филологӣ,
директори ФМДДҶТИБКСМ
дар шаҳри Кӯлоб

Агар омӯзгорон аз рӯйи усулҳои пешин меҳнат намоянду сатҳи пасти технологияи педагогиро доро бошанд, пас хоҳиши пайваста мукаммал гардонидани роҳу усулҳои ме-

тодии худро дошта бошанд, беҳтарин роҳи ҳалли масъала мебошад. Бинобар ин, роҳбарони муассисаҳоро зарур аст, ки баҳри иҷрои нақшаи таълимӣ кушиш намоянд ва пайваста ба эътибор гиранд, ки омӯзгорони муассиса аз илму техника ва технологияи нави муосир огоҳ бошанд ва истифодаи дастовардҳои васеи онҳоро дар дарсҳояшон бо роҳу усулҳои замонавӣ истифода карда тавонанд. Барои баланд бардоштани савияи дониши касбии омӯзгорон баъзе омилҳои дигар низ таъсири бевосита расонида метавонад, аз ҷумла, қадр кардани фаъолияти омӯзгор аз тарафи роҳбар ва коллективи муассиса.

Мавҷуд будани омилҳои ҳисси масъулиятшиносӣ ва вазифашиносӣ, шавқи ба ҷамъият овардани фоида, шавқ доштан ба тақдири шогирдон, эҳтиёҷ ба эҷод шахсро водор месозад, ки новобаста аз назорат ва ҷидду ҷаҳди роҳбар, маҳорату касбияти худро такмил диҳад. Лекин ин омилҳо на дар ҳама омӯзгорон ба андозаи зарурӣ инкишоф меёбад. Барои ташаккули чунин омилҳо шароиту имконоти мусоид лозим аст. Аз ин лиҳоз, барои ба вуҷуд овардани чунин шароитҳо заҳмати роҳбари муассиса ва дуруст иҷро кардани вазифаҳои хидматии ӯ дар мадди назар меистад. Зимни суҳбатҳо дар курсҳои такмили ихтисос аз омӯзгорон суол менамоем, ки кадом омилҳо боиси баландшавии маҳорати касбиашон гардидааст? Маълум мешавад, ки дар ин раванд нақши асосиро се омил мебозидааст: роҳбарии хуби директори муассисаи таълимӣ, аз курсҳои такмили ихтисос гузаштани омӯзгорон ва омӯхтани адабиёти зарурии педагогӣ-равоншиносӣ.

Аз ин ҷо хулоса баровардан мумкин аст, ки дар он вақт муваффақият ва пешравии кори омӯзгор ҳис карда мешавад, ки агар таъсири асосиро дар ин раванд роҳбари муассиса, худомӯзӣ ва худтакмилдиҳии омӯзгор боис гардад.

Таассуфовар аст, ки бисёр роҳбарони муассисаҳо ба коллективи педагогӣ, барои баланд шудани маҳорати касбии омӯзгорон корҳои заруриро ба анҷом намерасонанд ва дар ин самт ягон курсу семинарҳои махсуси дохилимуассисавӣ ташкил намекунанд ва натиҷаи кори омӯзгорро мувофиқи мақсад арзёбӣ намекунанд ва дар баландшавии маҳорати касбии омӯзгор, муваффақиятҳои бадастовардаи ӯ қадршиносӣ зоҳир намешавад.

Рушди маҳорати педагогӣ одатан аз дастовардҳои алоҳида маншаъ мегирад. Аз ҷумла, аз усули фаъолгардонии раванди таълим дар пурсиши дурусти вазифаи хонагӣ, муқоиса, истифодаи расмҳои пурмазмун, ташкили мубоҳисаҳо оид ба вазъиятҳои таълими мувофиқ ва ғайра.

Диққати некбинона ба бозёфтҳои педагогӣ ё аз роҳҳои тарғиби таҷрибаи пешқадам буда, барои рушди маҳорати касбии омӯзгорон фазои мусоиди эҷодӣ фароҳам меорад.

Интихоби роҳбар дар қабул ва баҳодиҳии кори омӯзгор, рӯ овардани вай танҳо ба ҷиҳатҳои мусбат ва ё танҳо ба ҷиҳатҳои манфӣ ба беғаразона баҳодиҳии меҳнати педагогӣ оварда намерасонад ва омӯзгорро ноумеду қобилияти ӯро паст мегардонад.

Хоҷа Насриддини Тусӣ дар осори худ масъалаҳои гуногунро дар заминаҳои фаъолияти роҳбарӣ, дар асари панду ахлоқиаш «Ахлоқи Носирӣ» мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор додааст. Ӯ дар хусуси равобити инсонӣ ба роҳбар тавсия мекунад, ки муносибати худро бо зердастон бояд дар асосӣ муҳаббат ва якдигарфаҳмӣ ба роҳ монад, на дар асоси тарс. Роҳбарон фаъолияти худро барои таъмини имконоти тамоми зердастон равона намуда, ҳамеша дар талош бошанд ва бо онҳо чунон рафтор намояд, ки кормандон инро эҳсос намуда, аз рӯйи нишот ва виҷдон кор кунанд, на аз рӯи маломат. Ӯ равишҳои ташвиқ ва танбеҳро мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Ба ақидаи файласуф, бояд фаъолияти муназзами корӣ риоя шавад. Роҳбар бояд аз нигоҳи хусусияти роҳбарӣ аз дигарон бартарӣ дошта бошад.

Барои кормандони педагогӣ усули маслиҳатомези дастурдиҳӣ мувофиқ меояд. Маълум аст, ки барои инсон таҳсин шунидан, хусусан, дар он ҳолатҳое зарур аст, ки вай

ба дурустии фаъолияти худ боварии пурра дорад. Омӯзгор низ мустақилона ба кори худ баҳо дода наметавонад. Тасодуфӣ нест, ки то ҳол барои баҳо додан ба меҳнати омӯзгор меъёри боэътимоду мустаҳкам вуҷуд надорад. Барои ҳамин омӯзгор ба ҳаяҷон омада, баъзан бо тарсу ҳарос баҳои корашро интизор мешавад. Дар чунин ҳолат хайрхоҳӣ намудан, ҷиҳати мусбатро дар фаъолияти ӯ нишон додан, қаноатмандии худро гуфтан, таҳсин ва қайд намудани муваффақияти омӯзгор дар ҳузури коллектив – ҳамаи ин барои омӯзгор аҳамияти беандоза дошта, ба ӯ пару бол мебахшад, аз ҳама зиёд воситаи таъсирбахш дар баланд гардидани касбияти ӯ мегардад.

Таҷрибаҳои бисёрсола нишон медиҳанд, ки дар байни шаклҳои гуногуни баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон таъсирбахштаринаш дарсҳои намунавӣ ва мубодилаи таҷрибаи байниҳамдигарии онҳо мебошад. Дуруст мегӯянд, ки «як бор дидан, беҳтар аз сад бор шунидан аст». Даромадан ба дарси намунавии омӯзгори соҳибтаҷриба ба баланд гардидани маҳорати касбии омӯзгор мусоидат мекунад, лекин на ҳамеша чунин дарсҳо дар сатҳи баланди илмӣ – методӣ ташкил карда мешаванд. Баъзан дар чунин дарсҳо намоишкорӣ дида мешавад, ба монанди пешакӣ хонандагонро омода кардан, хонандагони дигар синфҳоро муттаҳид намудан ва монанди инҳо. Агар дар дарси намунавӣ таҷрибаи хуби шахси обрӯманди коллектив нишон дода шавад ва омӯзгорони ба дарс даромада, мақсади омӯхтани таҷрибаи пешқадамро дошта бошанд, дар он вақт ин дарсҳо боиси баланд гардидани маҳорати эҷодии омӯзгорон мегардад. Умуман, хоҳ дар дарси намунавӣ бошад, хоҳ дарси муқаррарӣ, бояд омӯзгор пеши худ мақсад гузорад ва кӯшиш намояд, ки ба мақсади гузоштааш ноил шавад.

Роҳҳое, ки аз ҳама зиёдтар ба кори омӯзгор таъсири бевосита мерасонанд, ин қадр намудани меҳнати ӯст. Аҳамият додан ба муваффақияту пешравиҳои омӯзгор боиси баланд гардидани фаъолияти педагогӣ мегардад. Талаботи сахт аз тарафи роҳбари муассиса ва коллектив, ки ба талаботи низомнома ва оинномаи муассисаи таълимӣ ҷавобгӯ нест, дар фаъол гаштану эҷодкор будани омӯзгор на он қадар нақши муҳим мебозад. Аз ин ҷо бармеояд, ки равиши эҷодкорӣ мураккаб буда, баркамол гардонидани шахсият ба фишороварӣ аз тарафи маъмурият он қадар натиҷаи дилхоҳ намедиҳад ва ин шеваи кор дар санъати роҳбарӣ қобили қабул нест. Муваффақият дар он вақт ҳис карда мешавад, ки агар майлу хоҳиши ботинии шахс ба кор зиёд бошад, кӯшиши ноил гаштан ба натиҷаҳои баланд дар вай дида шавад. Аз ин хотир, баҳодиҳии мусбат дар пайдо шудани майлу рағбат нисбат ба кор хеле муҳим аст. Барои ин ба роҳбар лозим меояд, ки тарафҳои мусбати кори омӯзгорро ба назар гирифта, дилгармии ӯро нисбат ба кор бедор созад.

Дар фаъолияти дигарон мушоҳида намудани тарафҳои хуби кор қобилияти махсусро тақозо намуда, мушоҳида намудани камбудиҳои зердастон осонтар аст. Барои баъзе роҳбарони муассисаҳои таълимӣ чунин менамояд, ки танқид ин роҳи асосии муваффақият аст. Баъзе аз роҳбарони муассиса ба дарс бо мақсади ҳар чи зиёдтар дарёфт намудани камбудиҳо медароянд. Ба фикри онҳо, агар паҳлуҳои сусти кори омӯзгоронро нишон надиҳанд, гӯё ин ҷиддӣ набудан нисбат ба корро мефаҳмонад.

Баъзан, таҳлили дарс камбудии зиёдро ошкор мегардонад. Бархе аз роҳбарони муассисаҳо нуқсону камбудиҳои ошкоргардидаро ҳисоб мекунанд. Шумораи зиёди сарзанишҳои ҷиддӣ метавонанд омӯзгорро ба роҳгумӣ андозанд, хоҳиши вайро нисбат ба кор кам кунад, боварии ӯро ба худаш заиф гардонад. Ғайр аз ин, ба омӯзгор дар як вақт бартараф намудани камбудиҳои зиёди ҷиддӣ хеле мушкил аст. Аз ин хотир, роҳбарони таҷрибадор миқдори муайяни огоҳӣ ва сарзанишро фикр мекунанд, пайдарҳамии онҳоро муайян месозанд ва истифода мебаранд. Агар роҳбар усто-

ди кори худ бошад, дар назди хонандагон ва коллектив обрӯ дорад, пас хонандагони ин роҳбар аз дарсҳои ӯ донишҳои мустаҳкам мегиранд. Дар ин сурат суханони чунин роҳбари кордон барои омӯзгорон таъсирбахш ва эътимоднок аст.

Таълим ҳамон вақт шавқовар мешавад, ки агар дониш, малакаю маҳорати даркорӣ барои рушди ҳаёт истифода бурда шавад ва дар ин мавриди ба натиҷаи самаранокии раванди таълиму тарбия умед бастан мумкин аст. Вале таҷрибаҳо нишон медиҳанд, ки агар омӯзгорон усулу шеваҳои гуногуни корро ба роҳ монанд, дар шароити мавҷуда натиҷаҳои хуброноил шудан мумкин аст, инро худи омӯзгорон ҳам мефаҳманд. Қисми зиёди онҳо чунин меҳисобанд, ки дар сурати майлу рағбат доштан метавонанд натиҷаи кори худро беҳтар созанд.

Дар идора намудани рушди коллективи педагогӣ ду омили асосӣ нақши муҳим мебозад: таъсири мақсаднок расонидан ба шахсият ва таъмин намудани ӯ бо донишу маҳорати даркорӣ. Вақте ки чунин хоҳиш бошад, вай маълумоти барои мукаммалгардонии маҳорати касбиро меҷӯяд, маҳорату малакаҳои заруриро, ки барои ноил гаштан ба муваффақият лозим аст, аз худ мекунад.

Зиндагии ҳаррӯза нишон медиҳад, ки ҳоло талабот ба фаъолият, кордонӣ ва масъулияти роҳбарон зиёдтар шуда истодааст. Ин аз он маълум мегардад, ки аз сабаби дастрас будани миқдори зиёди адабиёти касбию тахассусӣ ба омӯзгорон бахри аз худ кардани донишҳои зарурӣ он қадар мушкил нест.

Сарвари муассисаи таълимӣ бояд дарк намояд, ки ҷомеаи муосир дар раванди бефосилаи дигаргуниҳоянд ва тағйирот дар ҳаёти муассисаи таълимӣ ногузир мебошад. Аз ин хотир, рушди касбии ҳамаи кормандони муассисаҳои таълимиро бояд ба нақша гирифт ва идора намуд.

Хулоса, дар замони муосир роҳбарони муассисаҳои таълимиро зарур аст, ки бахри тағйир додани симои муассиса, мазмуну мундариҷаи таълим, ҷорӣ намудани усулҳои пешқадами педагогӣ хайрхоҳона ва воқеъбинона ба фаъолияти омӯзгорон баҳо дода, дар онҳо ҳисси масъулиятшиносӣ, овардани фоида ба ҷамъият, бетараф набудан ба тақдири хонандагон, омӯхтани забонҳои хориҷӣ, истифодаи технологияи нави муосир ва эҷодкориро тарбия намоянд.

## АСОСИ МЕТОДОЛОГӢ ВА СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ТАРБИЯ

***Асоси методологии тарбияро дар кишвари мо тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангӣ ташкил медиҳад, ки моҳияти он таҳкими истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ мебошад. Мӯҳтавои ин методология дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси одоби хизматчии давлатӣ, Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010, Консепсияи миллии инкишофи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи таълим ва тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таъкид ёфтааст.***

***Консепсияи миллии тарбия***

# ДАВРАИ ГУЗАРИШИ КӮДАКОН АЗ ОИЛА БА МАКТАБ: МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ БАРТАРАФКУНИИ ОНҲО

**Якуми сентябр - Рӯзи дониш. Рӯзи хотирмону фараҳбахш барои ҳамаи хурдсолон, ки бори нахуст бо либоси нав, ҷуздони сабуки мактабӣ ва гулдастаи зебо ба остонаи муассисаҳои таълимӣ қадам мениҳанд. Дар ин рӯз падару модар, бибию бобо саволҳои зиёде ба худ медиҳанд. Бачаамон чӣ хел бошад? Чӣ хел худро ҳис мекарда бошад? Мондаю хаста нашуда бошад? Бо ҳамсолонаш шинос шуда метавонад? Ба ҳамаи ин саволҳо тавсия ё ҷавоби ягона мавҷуд нест, зеро ҳамаи ин аз сатҳи омодагии кӯдак ба мактаб аз оила вобастагӣ дорад.**

Кӯдак дар муҳити оила аз волидайн ва дигар калонсолони хонавода тарзи ба имконияту қобилиятҳои худ бовар кардан ё бовар накардан, муносибату муошрати созанда ё ногувору нохушро бо атрофиён, вафодорӣ ё бевафоӣ, хушию хурсандӣ ё дамдуздию мардумгурезӣ, дарки мусибату ранҷурии атрофиён ё бепарвоию дилсахтӣ нисбат ба онҳо, ҳисси масъулиятшиносию бемасъулиятӣ, худшиносӣ ё худношиносӣ барин хусусиятҳои неку бади инсониро аз худ менамояд.

Аз ин рӯ, волидонро зарур аст, ки фарзандонро пешакӣ бо тағйироти куллии ба ҳаёти муассисаи таълими умумӣ алоқамандбуда, шинос намоянд. Падару модарон бояд дар ниҳоди фарзандон на танҳо қобилияту малакаҳои барои омӯзиш зарурро инкишофу тарбия диҳанд, балки, пеш аз ҳама, онҳоро аз ҷиҳати равонӣ ва руҳӣ омода намоянд, яъне ин маҳорати гӯш карда тавонистани ҳамсолону калонсолон, ба ҷо овардани эҳтироми онҳо, озодии назару баёну озодонаи фикр, дарки мазмуни қоидаҳои талабагӣ ва риоя намудани онҳо, доштани малакаҳои муошраткунӣ бо ҳамсолон ва ғайра метавонанд иродаи кӯдакро боз қавитар гардонанд.

Дар ин ҷода нақши хонавода, муҳити оила ва муносибати онҳо нисбат ба кӯдак ва донишандӯзии ӯ хеле бузург аст, чунки акнун на танҳо хусусияти фаъолиятҳои ҳаррӯза тағйир меёбанд, балки муносибати худи кӯдак ба атрофиён, ҳамсолон ва муассисаи таълимӣ, ки аз оила ба куллӣ фарқ мекунад, ҷиддитар мегардад.



**Тутихон ДЕВОНШОЕВА,**
омӯзгори калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ДҶТИБКСМ

Муассисаи дигаре, ки кӯдаконро барои ба мактаб рафтан тайёр мекунад, муассисаи томактабист. Кӯдакистон тавассути бозиҳои сюжетӣ ва нақшдор оид ба мафҳуму мазмуни мактаб бо тарбиятгирандагон саҳначаҳо меофаранд, кӯда-

кони синни калони томактабиро бо моҳияту мазмуни мактаб, фаъолияту касбҳои гуногуни калонсолон шинос намуда, таъкид менамояд, ки барои боз ҳам васеътар дарк намудану азхуд кардани атрофу атрофиён мактаб кумак мерасонад. Чунин тадбиру фаъолиятҳо дар кӯдакони 5-7 - сола хоҳишу орзуи хонанда шуданро пайдо менамоянд. Дар муҳити оила низ бо кӯдакон чунин бозию суҳбатҳо доир кардан мумкин аст.

Саволе ба миён меояд, ки дар кадом мавридҳо кӯдаки 6-7-сола хоҳиши ба мактаб рафтан надорад? Вақте ки кӯдак ба мактаб омода намешавад. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки хонандаи синфи 1 дар чунин ҳолатҳо дар ичрои супоришҳои хонагӣ, дар азхудкунии барномаи таълимӣ, дар муошират танқисӣ мекашад. Дар таҳсили хонандагон мушкилот пайдо мегардад ва калонсолон бояд, пеш аз ҳама, сабабҳои чунин вазъияти бавуқуъомадаро муайян кунанд, на ин ки нисбат ба онҳо чазоҳои гуногун раво бинанд, ки бе ин ҳам ҳолати руҳии кӯдакон боз ҳам вазнинтар мегардад.

Бояд қайд кард, ки баъзан падару модарон дарачаи омодагии фарзандашонро ба мактаб муайян карда наметавонанд. Онҳо чунин ақида доранд, ки агар кӯдакон бо ҳарфу рақамҳо шинос бошанд, афсонаҳои зиёдро донанд, аллакай ба мактаб омодаанд. Аммо волидон бояд ба ҳисоб гиранд, ки ғайр аз ёд додани ҳарфу ададҳо, инчунин, ба самтҳои дигари рушди кӯдакон, ба монанди ташаккул додани нутқи шифоҳӣ, хотир, диққат, тафаккур, тахайюлот, рушди малакаҳои таҳрику серҳаракат будан низ диққат диҳанд ва таваччуҳ зоҳир намоянд.

Дигар ин ки, айни ҳол, дар муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар, ки мақому барномаҳои таълимии мухталиф доранд, нисбат ба қабули кӯдакони ҳафтсола ба синфи 1 талаботи гуногун гузошта шудааст. Бархе аз омӯзгорони синфи 1 ақида доранд, ки кӯдаки ба мактаб навомада бояд пурра малакаҳои хондану навиштанро дошта бошад, лекин бо дарназардошти талаботи барномаҳои таълимии томактабиён онҳо бояд аввал руҳан (дастгирии эҳсосот) қавӣ бошанд ва баъд барои хондану навиштан омода карда шаванд.

Бояд тазаккур дод, ки на ҳамаи волидон имконияти ба мактаб омода намудани фарзандро доранд. Аз ин рӯ, саволе пайдо мешавад, ки кӯдакро дар кучо ба мактаб омода намоянд? Беҳтарин шакле, ки омодагии кӯдаконро ба мактаб таъмин менамояд, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ амал кардани марказҳои инкишофи кӯдак (МИК) аст, ки онҳоро волидон хеле хуб пазируфтанд.

Кӯдаконе, ки ба кӯдакистон ё МИК фаро гирифта нашудаанд ва ҳамеша дар иҳотаи наздикон мебошанд ва ба ин муҳит одат кардаанд, малакаҳои дар коллектив будану фаъолият кардан надоранд. Баъзан падару модарон мегӯянд, ки дар саҳни ҳавлиҳои назди хона бо бачаҳои ҳамсоя бозӣ мекунанд ва маҳорати дар коллектив амал кардану бо бачаҳои дигар муросо кардан доранд. Лекин бозии кӯдак бо кӯдакони ҳамсоя ҳама вақт таҳти назорати қатъии калонсолон сурат мегирад. Ва ин маънои он надорад, ки кӯдак аллакай маҳорати мустақилонаи муошират кардан бо ҳамсолонро дорад. Барои ин вақт лозим аст, то ки кӯдак оҳиста-оҳиста ба ҳамсолон унс гирад ва ба шароиту муҳити синфу мактаб мутобиқ шавад.

Инчунин, дар оила ба машғулияту фаъолиятҳои бозию таълимии кӯдак беэътиборӣ зоҳир намудан ва диққати кам додани волидону дигар аъзои хона ба шахсияти кӯдак мебошад, ки он дар баҳо надодан ба саъю кӯшишҳои кӯдак дар лаҳзаҳои дарстайёркунӣ, кашидани расм ё тайёр кардани ягон маводи дастисохт, дастгирӣ накардан ва ғайраҳо ифода меёбад. Ин ба он овардa мерасонад, ки кӯдак худро нороҳат ҳис карда, фикр мекунад, ки пешравиҳои ӯ ба падару модар даркор нест.

Ё чизи дигаре, ки дар оилаҳо мушоҳида мегардад, аз тарафи волидон нисбат ба фарзандон сахтгир будан мебошад. Онҳо ба он ақидаанд, ки бо чунин тарзи рафтор ме-

тавонанд дар кӯдак интизоми баланд ва таҳсили хубро таъмин намоянд. Дар асл бошад, чунин муносибат натиҷаи дилхоҳ дода наметавонад. Волидон фикр намекунанд, ки бо ин муносибати худ кӯдакро на танҳо аз мактаб, балки аз худ ҳам дур мекунанд. Зеро чунин вазъият сабаби аламу ранҷиш ва паст гаштани кӯшишҳои иродавии кӯдак мегардад.

Барои ин падару модар бояд бисёртар бо фарзандон вақти худро гузаронанд, бо онҳо муносибати баробар ва дилсӯзона дошта бошанд, то ки кӯдак дар суҳбатҳо худашро мустқил ҳис кунад.

Барои бартараф кардани мушкилот, пеш аз ҳама, зарурати ҳамкории падару модарон ва омӯзгорон ба миён ояд, то ки ба кӯдакон кумаки амалии хешро расонанд. Барои муваффақиятҳои ками хонандагон ҳам, робитаи зичи якҷояи онҳо зарур аст. Ва дар ин ҷода масъулияти зиёдтарро бояд волидон ба ухда дошта бошанд, зеро омӯзгорон бе ёрии падару модарон ягон мушкилро ҳал карда наметавонанд.

Бояд дар хотир дошт, ки кӯдак, хусусан, хонандаи синфи 1 ҳамеша ва доимо ба кумаки волидону калонсолон ниёз дорад. Фарзандро бовар кунондан даркор, ки ӯ боирода, нотарс ва лаёқатманд аст. Зарурати мунтазам суҳбат кардан бо фарзанд бояд бошад, фикри ӯро шунидан ва саривақт дастгирӣ намудан ба матлаб мувофиқ аст. Аз ин лиҳоз, аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки давраи гузариш аз оила ба мактаб, давраи муҳимтарин ва ҳалкунанда аст дар ҳаёти кӯдак. Чӣ бояд кард, ки кӯдак давраи гузариш - мутобиқшавиро дуруст ва беозор аз сар гузаронад?

Равоншиносон се сатҳи мутобиқшавии кӯдаконро ба мактаб муайян намудаанд. Агар волидон дар бораи онҳо маълумот дошта бошанд, метавонанд дар давраи мутобиқшавӣ ба ҳаёти мактаб ва синф - ба фарзанди худ кумак расонанд:

- Сатҳи баланди мутобиқшавӣ: кӯдак маводи таълимро осон ва хуб қабул мекунад, супоришҳои омӯзгорро дуруст мефаҳмад ва иҷро менамояд, омӯзгорро бодиққат гӯш мекунад ва бо ҳамсинфон хушмуомила мебошад.
- Сатҳи миёнаи мутобиқшавӣ: кӯдак ба мактаб бо табъи хуш меравад, маводи таълимиро дарк менамояд. Лекин супоришҳоро дар он сурат иҷро мекунад, ки агар мавод диққатҷалбкунанда ва барои ӯ шавқовар бошад.
- Сатҳи пасти мутобиқшавӣ: он қадар майли ба мактаб рафтан надорад, табъаш хира мешавад, гапу супоришҳои омӯзгоронро нағз гӯш намекунад, супоришҳои хонагиро бо душворӣ иҷро мекунад. Дӯстони наздик надорад, камфаъол мебошад. Ҳамаи ин далелҳо гувоҳи он ҳастанд, ки ӯ ба назорати доимӣ ва кумакҳои калонсолон ниёз дорад.

Як нуқтаи дигари муҳимро бояд хотиррасон кард, ки агар аз рӯзҳои аввали таҳсил муносибати омӯзгор бо кӯдак хайрхоҳона ба роҳ монда шуда бошад, кӯдак бе ягон биму ҳарос ба мактаб рафтанро ихтиёр мекунад. Вазифаи асосии волидон дар ин давраи муҳим-тарбияи малакаҳои муошират бо калонсолону ҳамсолон мебошад, ки ин дар байни ҳамсинфон бисёр нофаҳмиҳоро бартараф менамояд.

Сабаби дигаре, ки кӯдакон ба мактаб рафтан намехоҳанд, сарбории зиёди супоришҳои хонагист, ки ба сифати дониши хонандагон таъсири манфӣ мерасонад. Имрӯзҳо мушоҳида мешавад, ки барномаҳои таълимӣ барои синфҳои ибтидоӣ хеле мураккаб буда, хонандагон ҳар рӯз онҳоро бо душвориҳо аз худ мекунанд. Дар баробари ин, баъзе падару модарон боз машғулиятҳои иловагӣ, ба монанди омӯзиши забонҳо, мусиқӣ ва ғайраҳоро интихоб намуда, ҳолати физиологию равонии фарзандонро коста менамоянд.

Яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти зикршуда тартиб додану риояи қатъии реҷаи муайяни рӯз мебошад. Бигузор тарбиятгиранда субҳро бо варзиш оғоз намояд, ки дар оянда натиҷаи хуб медиҳад, яъне солимии рух ва ҷисми кӯдакро таъмин менамояд. Баъд аз мактаб баргаштан дарҳол ӯро ба иҷрои вази-

фаҳои хонагӣ маҷбур накунанд. Ӯ бояд каме бозӣ кунад, ба корҳои хона ёрӣ расонад, инчунин, ба хонандаи синфи 1 хоби рӯзона тавсия дода мешавад.

Дарстайёркунӣ дар хона набояд то бевақтии шаб давом ёбад, он бояд 1-1,5 соатро дар бар гираду халос, зеро иҷрои тулонии супоришҳо кӯдакро хаста менамояд. Баъзан волидон талаб мекунанд, ки то кӯдак дарсҳоро пурра тайёр накунад, аз паси миз нахезад. Ин қатъиян нодуруст аст. Зеро вақти дар мактаб будани кӯдакро бояд ба ҳисоб гирифт, чунки дар паси миз бисёр нишастан қобилияти ӯро паст мегардонад.

Бояд тазаккур дод, ки агар ҳамкории омӯзгорон ва оила натиҷаҳои дилхоҳ надиҳад ва фарзанд хоҳиши мактабравӣ надошта бошад, падару модарон метавонанд ба равоншиносон муроҷиат намоянд.

Бояд дар хотир дошт, ки дар аксари лаҳзаҳо асабонияти кӯдакон ба нобоварӣ ба худ, ноумедӣ ва бечуръатӣ вобаста аст. Дар кӯдакон бо кумаки равоншинос бояд фаъолиятҳоеро муайян кард, ки онҳоро чӣ дар хона ва чӣ дар синфу мактаб хеле хуб ва моҳирона иҷро мекунанд. Ин иштирок дар чорабиниҳои мусобиқавӣ, саёҳатҳои мақсадноки берунасинфӣ ва ғайра ба мақсад мувофиқ аст, зеро тақвият бахшидан ба рушди эҳсосот мавқеи хонандагонро мустаҳкам мегардонад. Дар ин самт нақши тарафҳо (волидон ва омӯзгорон) хеле бузург аст.

Набояд фаромӯш кард, ки ба хонандаи синфи 1 дар давраи гузариш аз оила ба мактаб ҳамеша ёрии хайрхоҳона расонидан мумкин аст, фақат онро дастҷамъона ва якҷоя анҷом додан зарур аст.

## МАФҲУМ, МАҚСАД, ВАЗИФА ВА ЗАМИНАҲОИ ТАРБИЯИ МИЛЛӢ

***Тарбия падидаи иҷтимоӣ, фарҳангӣ, психологӣ ва педагогӣ буда, барои танзими ҳаёти инсон ва пешрафти ҷамъият хизмат менамояд. Он ҳамчун фаъолияти махсуси мақсадноки инсон барои рушди шахс ва ворид шудани инсон ба ҷараёни зиндагии воқеӣ ва бунёди ҳаёти маданӣ равона карда мешавад.***

***Мақсади тарбия қисми таркибии мақсаду вазифаҳои давлат қарор мегирад, ки барои амалӣ намудани манфиатҳои давлат, ҷомеа ва ҳар як шаҳрванд равона карда мешавад. Давлат чунин тартибу низомро ҷорӣ мекунад, ки барои ҳаёт ва фаъолияти инсон ва тарбияи миллии шаҳрвандон мусоидат менамояд.***

***Тарбияи миллӣ дар шаҳрванд сифатҳои баланди ахлоқӣ, ҳуввияти миллӣ, инсондӯстӣ, озодандешӣ, мавқеи шаҳрвандӣ, ташаббускорӣ ва амсоли инро ташаккул медиҳад. Чунин шаҳрванд қодир аст, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ фаъолият намояд, нисбати зуҳуроти манфии ҷомеа аз лиҳози танқид назар кунад, Ватани хешро дӯст дорад ва манфиатҳои онро ҳимоя намояд, ҳамчун соҳиби тафаккури миллӣ ва посдори тамаддуни миллӣ дар пешрафти ҷомеа саҳмгузор бошад.***

***Мақсаду вазифаҳои ниҳоии тарбияи миллӣ ташаккули инсони комил, соҳиби Ватан, нангу номуси миллӣ, ифодагари симои зеҳнию маънавӣ, ахлоқӣ, фарҳангӣ ва арзишҳои дигари инсонӣ мебошад.***

***Консепсияи миллии тарбия***

# НАҚШИ БОЗИҲОИ ДИДАКТИКӢ ДАР РУШДИ ФАРҲАНГИ ЭКОЛОГИИ КӮДАКОН

**Дар марҳалаи ҳозираи рушди тамаддунҳо, проблемаи муносибатҳои байни инсон ва муҳити атроф муҳим ва нигароникунанда арзёбӣ мегардад. Прогресси иҷтимоию техникии замони муосир боиси дигаргунсозиҳои табиат гардида, оқибатҳои зиёди манфии характери иҷтимоию экологидоштаро ба миён гузоштааст.**

Ҳамагӣ чанд сол пеш ба тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намегардид. Ҳоло ин масъала ба яке аз самтҳои муҳимми педагогикаи томактабӣ табдил ёфта, дар бисёре аз муассисаҳои таҳсилоти томактабии Ҷумҳурӣ роҳандозӣ мегардад. Дар иртибот ба ин, дар бархе аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ чорабиниҳои мухталифи хусусияти экологидошта ташкил ва гузаронида мешавад. Вале таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо вуҷуди пешравиҳо дар ин ҷода, ҳанӯз на ҳамаи проблемаҳои ҷойдоштаи ин самти фаъолият ҳалли худро ёфтааст ва нигаронкунанда боқӣ мондааст.

Дар робита ба ин, олимон ва омӯзгорони зиёде, ба монанди А.М. Галаева, С.Н.Глазачев, И.Д.Зверов, В.С. Шилова ва дигарон оид ба ҳалли проблемаҳои ҷойдошта дар ин раванд корҳои зиёдеро ба анҷом расонида, таъкид доранд, ки таълими экологӣ бояд дар ҳамаи зинаи таҳсилот ҳатмӣ бошад ва ба зинаи ибтидоии он - синни кӯдакони томактабӣ диққати махсус зоҳир карда шавад, зеро ки тарбияи экологии томактабӣ барои рушди минбаъдаи экологии шахсият заминаи устувор мегузорад. Бинобар ин, дар ин давра фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати ташаккули принсипҳои асосии фарҳанги экологӣ, шуурнокӣ ва муносибати дуруст ба табиати атроф ногузир аст. Яке аз тадбирҳои муассир дар тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ бозӣ мебошад. Таҳқиқотҳои равоншиносон А.Н. Леонтев ва Д.Б. Элконина собит мекунанд, ки инкишофи асосии кӯдак дар ин давра маҳз дар бозӣ сурат мегирад. Бозӣ як навъ воситаи омӯхтани воқеият барои кӯдакон аст. Моҳияти он чун як намуди фаъолият дар он зоҳир мегардад, ки кӯдакон дар худ ҷанбаҳои гуногуни ҳаёт ва хусусиятҳои муносибатҳои байни калонсолонро инъикос мекунанд, дониши худро дар бораи воқеияти атроф аниқ мекунанд ва табиатро дӯст доштану ғамхорӣ карданро аз худ мекунанд. Кормандони педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ҷиҳати дуруст ба роҳ мондани бозӣ, хусусан, ба бозиҳои дидактикӣ бояд



**Дилрабо КАРИМОВА,**
омӯзгори калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ФДҶТИБКСМ дар вилояти Суғд

бештар аҳамияти хоса зоҳир намоянд, зеро маҳз бозиҳои дидактикӣ дар тарбияи маърифати экологии кӯдакони нақши муассир дорад.

Ба ақидаи С. Рубинштейн, тамоми паҳлӯҳои шахсияти кӯдакон маҳз дар бозӣ ташаккул меёбад, ки дар психикаи онҳо тағйироти ҷиддӣ ба вуҷуд омада, барои гузаштан ба марҳалаи минбаъдаи инкишоф омода мешаванд. Дар баробари ин, бозӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон

имконоти зиёдеро фароҳам меорад. Ҳангомӣ бозӣ сухан, эҳсосот ва идрок инкишоф ёфта, доираи эҳсосот бой мегардад ва дар натиҷа аввалин қобилиятҳои эҷодии кӯдак ташаккул меёбанд. Бевосита тавассути бозӣ кӯдакон тамоми муносибатҳои байниҳамдигарро аз худ мекунанд. Аз ин рӯ, бозӣ яке аз намудҳои шавқовари фаъолияти пешбарандаи кӯдакони синни томактабӣ, воситаи инкишофи ҳаматарафаи онҳо ва усули муҳимми тарбия ба ҳисоб меравад.

Дар бозӣ кӯдак олами атрофро аз худ мекунад, тафаккур, ҳиссиёт ва ирода, инчунин, муносибати дуруст бо ҳамсолон ва атроф рушд намуда, худбаҳодиҳӣ ва худшиносии ӯ ташаккул меёбад.

Дар бозӣ муҳимтарин фаҳмиши кӯдакон дар бораи ҷаҳони калонсолон пайдо шуда, қобилиятҳои равонии онҳо инкишоф меёбад. Аз ин рӯ, бозӣ, қобилиятҳои равонии барои ҳар як кӯдак заруриро инкишоф дода, минбаъд ба сатҳи инкишофи таҳсили минбаъда дар муассисаҳои таълимӣ таъсир мерасонад. Бо вуҷуди ин, дар бозӣ инкишоф додани қобилиятҳо кофӣ нестанд. Омӯзиш аз бозӣ, пеш аз ҳама, ба ӯҳдадориҳои худ ва кӯшишҳои ақлӣ ба ҳаллӣ вазифаҳо низ равона мегардад ва он аз кӯдак устувории фикрронӣ ва идора кардани амалҳои худро низ талаб мекунад. Бозӣ як навъ воситаи омӯхтани воқеият барои кӯдак низ мебошад. Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки шиносоии кӯдакони синни томактабӣ бо олами табиат тавассути бозӣ, муҳимтарин роҳи ташаккули шахсияти ҳамаҷониба инкишофёфтаи дорои донишу малакаи рафтори экологӣ ва иҷтимоӣ дар табиат мебошад.

Чунонки қайд кардем, дар байни бозиҳо, бозиҳои дидактикӣ барои инкишофи ҳаматарафаи интеллектуалӣ ва фарҳанги экологии кӯдакон аҳамияти махсус дорад. Пайдоиши системаҳои бозиҳои дидактикӣ ба солҳои 60-уми асри гузашта рост меояд. Олимон ва мутахассисони соҳа бозиҳои дидактикиро муҳим дониста, таъсири самарабахши онро ба интеллект (ақл, зеҳн) ва ташаккули фарҳанги экологии кӯдак таъкид мекунанд. Бозиҳои дидактикӣ ба инкишоф ва рушди хусусиятҳои зерини кӯдакон мусоидат мекунад: рушди қобилиятҳои маърифатӣ; аз худ кардани донишҳои нав, умумӣ ва мустаҳкамкунӣ. Дар раванди бозӣ дарки воситаҳо ва усулҳои фаъолияти равонӣ азхуд карда шуда, бисёр ҳодисаҳои мураккаб, аз ҷумла, ҳодисаҳои табиат ба муқаррарӣ ҷудо карда мешаванд ва дар натиҷа фаъолияти таҳлилӣ ва азхудкунии кӯдакон инкишоф меёбад.

Дар раванди бозиҳои дидактикӣ кӯдакон тасаввуроти худро дар бораи ашё ва ҳодисаҳои табиат, наботот ва ҳайвонот аниқ, мустаҳкам ва васеъ намуда, дар баробари ин, ба инкишофи хотира, таввачуҳ ва мушоҳидаи онҳо мусоидат мекунанд. Дар ин ҷода бояд ба кӯдакон имконият дода шавад, ки аз худи объектҳои табиат истифода бурда, онҳоро муқоиса кунанд ва тағйироти онро қайд кунанд.

-ғанӣ гардонидани таҷрибаи ҳассосии кӯдак. Бозиҳои дидактикӣ дар баробари инкишоф додани қобилиятҳои равонии кӯдак, қобилияти муқоиса кардан, ғанӣ гардонидан, ҷудо кардани хусусиятҳои ашё, падидаҳо, муқоисаи онҳо, гурӯҳбандӣ кардани онҳоро азхуд карда, муносибати муайяни эҳсосиро нисбат ба табиат бедор мекунад ва хусусиятҳои баён кардан ва хулоса бароварданро инкишоф медиҳанд;

-инкишофи нутқ; – Дар натиҷаи бозиҳои дидактикӣ дар кӯдакон захираи луғавӣ пурра мегардад ва нутқи мураттаб инкишоф меёбад. Корҳои шавқовар кӯдаконро водор мекунад, ки як комбинатсияи садоҳоро борҳо такрор кунанд ва аз худ намоянд. Аз ин рӯ, ҳар қадаре ки бозӣ барои кӯдак шавқовар бошад, ҳамон қадар садоҳоро такрор мекунад ва ҳамон қадар нутқи онҳо бурро ва инкишоф меёбад.

-рушди иҷтимоӣ ва ахлоқии кӯдакони синни томактабӣ. Ҳангоми бозӣ дар кӯдакон муносибатҳо байни кӯдакон, калонсолон, объектҳои табиати зинда ва ғайризинда ба амал бароварда мешавад ва бо ин васила, кӯдакон муносибати ҳассос зоҳир намуда, адолатро меомӯзанд, хусусиятҳои мусбати кумак расонидан, ҳамдардӣ, ҳифз кардан ва дигар муносибатҳои мусбат дар онҳо ташаккул меёбад.

-тарбияи бадеию эстетикӣ. Кӯдакон ҳангоми иҷро кардани ягон амал фикр мекунанд,

ки он чӣ қадар зебою, шево аст, то чӣ андоза дуруст аст ё мувофиқ аст ё не. Баёнгари нутқи худ буда, суханронии дигаронро назорат мекунанд, инкишофи тасаввуроти эҷодӣ ва ба амал баровардани образи бадеиро ёд мегиранд.

Ҳамин тариқ, ба гуфти А.К. Бондаренко, сохтори бозии дидактикиро ҷузъҳои асосӣ ва иловагӣ ташкил медиҳад. Асосӣ – вазифаи дидактикӣ, амали бозӣ, қоидаҳои бозӣ, натиҷа ва маводи дидактикӣ мебошад. Иловагӣ – ин сюжет ва нақш мебошад.

Мақсади асосии бозиҳои дидактикӣ ба тарбияи кӯдакон равона карда шудааст ва вазифаи он аз рӯи мақсади таълиму тарбияи кӯдакон тибқи барномаи таълимӣ, ки дар он барои ҳар як гурӯҳи синну солӣ ҳаҷми дониш, малака ва маҳорате, ки кӯдакон бояд аз худ кунанд муайян карда мешавад. Бозии дидактикӣ ва машқҳои бозӣ аз ҳам фарқкунандаанд ва дар бозиҳои дидактикӣ қоидаҳои бозӣ тавассути амалҳои бозӣ идора карда мешаванд. Қоидаҳои бозӣ ташкили амал ва рафтори кӯдак мебошад.

Дар педагогикаи томактабӣ тамоми навъҳои бозиҳои дидактикӣ ба се намуди асосӣ муттаҳид карда мешавад; бозиҳо бо ашё ё худ бозичаҳо, бозиҳо бо маводи табиӣ ва бозиҳои чопию калимавӣ:

-Бозиҳо бо ашё. Дар ин ҷо бозӣ бо бозичаҳо ва ҳам бо ашёи воқеӣ гузаронида мешаванд. Дар натиҷа кӯдакон муқоиса кардан, муайян кардани монандӣ ва фарқияти ашёро меомӯзанд ва дар баробари ин, бо хосиятҳои ашё, андоза, ранг ва ғайра шинос мешаванд.

-Бозиҳо бо маводи табиӣ, ки бештар барои шиносоии кӯдакон бо табиат нигаронида шудааст. Бозиҳои сюжет бо маводи табиӣ гузаронида мешавад, ки кӯдаконро ба табиат наздик мекунад, лекин дар ин ҳолат ба шароити табиӣ ва мавод диққати махсус ва муносибати эҳтиёткорона зоҳир карда мешавад. Чунин бозиҳо дар кӯдакон шавқу ҳавас ва фаъолнокиро ба вуҷуд меорад. Ҳангоми гузаронидани чунин намуди бозӣ ҳамчун маводи табиӣ-тухми растаниҳо, баргҳо, сангчаҳо, гулҳои гуногун, навдаҳо, сабзавот, меваҳо, чалғӯзаҳо ва ғайра интихоб карда мешавад.

- Бозиҳои чопӣ :–Ин намуди бозӣ шавқовар буда, кӯдакон таввасути он бо олами ҳайвоноту наботот, ҳодисаҳои табиати зинда ва ғайризинда шинос мешаванд, ки аз рӯи намуд гуногунанд: «лото», «домино», «тасвирҳо» ва ғайра.

- Бозиҳо бо калима – Дар асоси суханҳо ва амалҳои бозингарон гузаронида мешавад. Дар ин ҳолат кӯдакон объектҳоро тасвир мекунанд, хусусиятҳои хоси онҳоро нишон медиҳанд, фарқиятҳои байни ашё ва падидаҳои табиатро пайдо мекунанд.

Идоракунии бозиҳои дидактикӣ дар се самт - омода кардани бозиҳои дидактикӣ, амалӣ ва тақсими онҳо ба амал бароварда мешавад.

Омодагӣ ба бозиҳои дидактикӣ, интихоби бозӣ мувофиқи нақшаҳои таълиму тарбия; муқаррар кардани мувофиқати бозиҳои интихобшуда ба талаботи барномавии тарбия ва таълими кӯдакон; муайян кардани вақти мувофиқ барои гузаронидани бозии дидактикӣ; интихоби ҷойи бозӣ муайян кардани сифати бозингарон, омода кардани маводи дидактикӣ, омодагии худи мураббӣ, омода кардани кӯдакон ба бозӣ; ба кӯдакон додани дониш дар бораи ашё ва падидаҳои ҳаёти атроф ва ғайраро дар бар мегирад. Ҳамзамон, гузаронидани бозиҳои дидактикӣ шинос кардани кӯдакон бо мундариҷаи бозӣ, бо маводи дидактикӣ – яъне намоиш додани ашё, тасвирҳо, суҳбатҳои мушаххас, ки дар рафти он, дониш ва андешаҳои кӯдакон аниқ карда мешавад, фаҳмонида додани рафти бозӣ ва қоидаҳои бозиро низ дарбар мегирад. Ҳангоми гузаронидани бозиҳои дидактикӣ мураббиён бояд принсипҳои инкишофи фаъолияти бозиро дар кӯдакон ба эътибор гиранд (пешниҳоди Михаленко Н. ва Караткова Н.) яъне:

1. Ҷиҳати аз худ кардани малакаҳои бозӣ аз ҷониби кӯдакон, мураббиён (калонсолон) бояд бо онҳо бозӣ кунанд;

2. Ҷиҳати ташаккули маҳорати бозикунӣ, кӯдакон бояд бо ҳамсолони худ якҷоя бозӣ кунанд;

3. Калонсолоне, ки бо кӯдакон якҷо бозӣ мекунанд, бояд дар ҳар марҳала бозиро инкишоф диҳанд, то ки кӯдакон хусусиятҳои мушаххасро кашф ва аз худ кунанд ва тадриҷан тарзу усулҳои мураккаби бозиро омӯзанд. Усулҳои идоракунии бозӣ метавонанд мустақим ва бавосита бошад. Раҳнамоии мустақим бо ишти-

рок ва дахолати бевоситаи мураббӣ ё калонсолон ҳангоми бозӣ суръат мегирад ва ин аз ҷониби калонсолон ба шакли маслиҳат ба роҳ гузошта мешавад, на чун итоаткорӣ.

Бозиҳои дидактикии экологиро ҳангоми ташкил кардани сайругашти кӯдакон дар ҳудуди боғча пайваста гузаронидан мумкин аст. Бо ин мақсад аз ҷониби мураббиён дар муассисаҳои таълимии томактабӣ варақаи чорабиниҳои сайругашт бо тақсимоти бозиҳои дидактикии дорои маводи барномавӣ аз рӯйи фаслҳои сол тартиб дода мешавад. Ба монанди «Қурбоққа дар фасли баҳор», «Сабзавот дар тирамоҳ» ва ғайра. Бо аз худ кардани бозиҳои дидактикӣ кӯдакон ҳам бо табиати зинда ва ҳам ғайризинда шинос мешаванд ва бо ин васила, фарқи байни организмҳои зинда ва ғайризиндаро меомӯзанд. Онҳо бо тарзи ҳаёти ҳайвонот, ҷойи зист, тарзи ҳаракат, хӯроkхӯрӣ ва бо дигар хислатҳои онҳо шинос мешаванд ва бо ин васила фарқиятҳои байни онҳо, мутобиқшавӣ ва алоқаи байни онҳоро аз худ мекунанд. Ҳангоми гузаронидани бозиҳои дидактикӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ нақши муҳим мебозад. Масалан дар ҷараёни бозӣ дар мавзуи: «Гул ва шапаракҳо» - кӯдакон бояд фаҳманд, ки агар гулҳо бетартиб чидаву нест карда шавад, шапаракҳо барои худ чизе хӯрдани намеёбанд ва мемиранд. Инчунин, мураббиён ба кӯдакон бояд фаҳмонанд, ки ба ҷангал рафтан ба меҳмонии дӯстони худ ва барои муошират бо онҳо ва дарки зебоии табиат рафтан аст. Бозиҳои таълимии дидактикии экологӣ барои дарк кардани кӯдакон, ки инсон як ҷузъи табиат аст, мусоидат мекунад. Илова бар ин, кӯдакон масъалаҳои таъсири инсон ба табиат, истифодаи оқилона ва безарари муҳит ва ҳифзи табиатро меомӯзанд. Барои ташкили раванди муассири тарбияи экологии кӯдакон дар ҳар як гурӯҳ бояд муҳити мусоиди фаннӣ низ фароҳам оварда шавад, дар мисоли гӯшаи таълимӣ, то ки бачаҳо донишҳои дар раванди бозиҳои дидактикӣ гирифтаашонро мустаҳкам кунанд. Дар гӯшаи таълимӣ бояд дастурҳо, албомҳо, китобҳо, маводи табиӣ, ки худи бачаҳо ҳангоми сайругашт ҷамъ овардаанд, энсиклопедияҳо ва ғайра гузошта мешавад. Ҳамин тариқ, олимон ва тадқиқотчиёни соҳа – Удалсова Е.И., Сорокина А.И., Бондаренко А.К ва дигарон муайян кардаанд, ки бозиҳои дидактикӣ боиси ҳалли масъалаҳои гуногуни таълимӣ: инкишоф додани малакаҳои равонӣ, қобилиятҳои истифодаи донишҳои гирифташуда дар шароити нав ва минбаъда гардида, барои ташаккули донишу малакаҳои ахлоқӣ, иродавӣ, меҳнатӣ, экологӣ ва ғайра мусоидат мекунанд. Бинобар ин, тавсия дода мешавад, ки дар муассисаҳои таълимии томактабӣ бозиҳои дидактикӣ дар ҳамаи барномаҳои таълимию тарбиявӣ ворид карда шавад, зеро ки он барои рушди маърифати экологӣ, фаъолияти экологӣ ва ҳам барои ташаккули шахсияти кӯдак, хусусан, синни томактабӣ аҳамияти муҳим дорад. Дар ин росто, метавон хулоса кард, ки бозиҳои дидактикӣ воситаи муассири тарбияи экологии кӯдакони синни томактабӣ буда, яке аз самтҳои муҳимми тарбияи муҳаббат нисбат ба муҳити атроф ва табиат арзёбӣ мегардад. Тавассути бозӣ ҳамаи он вазифаҳои таълимиеро, ки тибқи нақшаҳо дар самти омӯзиши экология гузошта мешавад, ба амал баровардан имконпазир аст.

### АДАБИЁТ:

1. Артемова Л. Окружающий мир в дидактических играх дошкольников. М.1992.-65с.

2. Выгодский Л. Воображение и творчество в детском возрасте. – СПб: Союз,1997.-95с.

3. Выгодский Л. Мышление и речь// Собрание сочинений: В 6т.-Т2.-М.,1982.С.319-328.

4. Гармоническая атмосфера Мотессори.// Дошкольное воспитание,-2000,№11,-С47.

5. Козлова С., Куликова Т. Дошкольная педагогика: Учеб пособие для студ.сред. пед.. учеб. Завидений. -3-е изд., испр. и доп. – М.: Издательский центр «Академия», 2001.-416с.

6. Мир природы и ребенок. Под.ред. Л.М.Маневцевой, П.Г. Самаруковой.- СПб.: «Детство - пресс», 2003.-319 с.

7. Недоспасова Е. Развитие детей в игровой деятельности.// Ребенок в детском саду, -2001,-№5,-С38.

8. Нескучаева Л., Пискунова И., Черненко Ю., Игра-путешествие как форма развития познавательной активности детей.// Дошкольное воспитание,-2004,№10,-С15.

9. Николаева С. Место игры в экологическом воспитании дошкольников.-М.: 2006.-135с.

# ИСТИФОДАИ УСУЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ ТАЪЛИМ ДАР ОМӮЗИШИ ФАННИ ГЕОГРАФИЯ

**Талаботи таъхирнопазири таълим дар замони муосир ҷустуҷӯйи технологияҳои нави педагогиро тақозо дорад. Дар амалияи имрӯза инноватсия як шарти зарурии рушди зеҳнӣ, эҷодӣ ва ахлоқии хонандагон маҳсуб меёбад.**



**Шосафар АКОБИРОВ,**
номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, ходими илмии Озмоишгоҳи илмӣ-таҳқиқотии «Такмили маҳорати педагогӣ»-и ДҶТИБКСМ

Ҷомеа дигар мешавад, дар баробари он вазифаҳои таълими фанни география низ тағйир меёбанд. Асри XXI аз омӯзгори фанни география тақозо дорад, ки мағзи хонандагонро бо маълумоти гуногун он қадар «пур» накунад, балки ба ӯ малакаҳои мустақилона азхуд кардани маълумоти зарурии географӣ ва таҳлили онҳоро омӯзонад. Дар мадди назар вазифаҳои ташаккули шахсияти қодир ва худогоҳ бояд қарор дошта бошад, ки ин пеш аз ҳама, ба интихоби роҳу усулҳои таълими ҳадафманд вобаста аст.

Педагоги чех Я.А. Каменский гуфта буд: «Алфа ва омегаи мактабро ҷустуҷӯ ва кашфи усулҳое бояд ташкил диҳанд, ки омӯзгорон камтар ёд диҳанд, хонандагон бештар ёд гиранд».

Имрӯзҳо ташаккули хусусиятҳои инфиродии шахсият вазифаи муҳимтарини таҳсилоти муосир мегардад. Хатмкунандаи имрӯза, ки дар ҷомеаи муосир зиндагӣ ва кор хоҳад кард, бояд дорои чунин сифатҳои шахсӣ бошад:

- ба вазъиятҳои зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир ва ҳассос мутобиқ шавад, мустақилона донишҳои заруриро ба даст оварда, қобилияти дар амал татбиқ кардани онҳоро барои ҳалли масъалаҳои гузошташуда дошта бошад;
- эҷодкорона фикр карда, қобилияти дарки мушкилоти ба вуҷуд омадаро доро буда, бошуурона ва оқилона роҳҳои ҳалли онро интихоб намояд;
- тавоноии тафаккури эҷодӣ ва тавлиди ғояҳои принсипан навро дошта бошад;
- бо иттилоот моҳирона кор карда тавонад;
- хушмуомила буда, дар коллектив бо муносибату муоширати хуб кор карда тавонад.

Ҳамин тариқ, самти асосии стратегии рушди системаи таҳсилоти миёнаи умумӣ, дарёфти роҳҳои ҳалли таълими ба шахсият нигаронидашуда, яъне шахсияти хонанда дар маркази таваҷҷуҳи омӯзгор қарор гирифта, фаъолияти маърифатӣ дар мадди назар бошад, на таълим. Дар кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон низоми маориф маҳз ҳамин тавр бунёд шудааст. Он самти гуманистиро дар фалсафа, психология ва педагогика инъикос мекунад.

Мақсади таълим таъмини инкишофи қобилияти маъри-

фатии хонандагон ва истифодаи эҷодкоронаи донишҳои андухта дар ҳама гуна вазъи таълимӣ ва ҳаёт мебошад.

Дар шароити таълими ба хонанда нигаронидашуда омӯзгор дар раванди таълим нақш ва вазифаи дигарро касб мекунад. Ӯ на танҳо омӯзгор ва назоратчӣ, балки ҳамчун ташкилотчии фаъолияти мустақилонаи маърифатии хонандагон баромад мекунад. Дар чунин шароит омӯзгорро лозим аст, методу усулҳоеро истифода намояд, ки ба мустақилияти фаъолияти маърифатии хонанда мусоидат намоянд.

Аз ин хотир, ба низом даровардани модел ва технологияҳои инноватсионии педагогӣ, муайян кардани нақши онҳо дар раванди ташаккули шахсияти хонанда, нишон додани роҳу усулҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва моделҳои таълимӣ дар раванди таълими география зарур аст.

Танҳо технологияҳои муосири инноватсионии таълим метавонад таъмин намояд, ки ҳамаи хонандагон маводи таълимиро дар сатҳи талаботи стандартҳои давлатии таҳсилот, баландбардории сифати таҳсилот ва кафолати расидан ба ҳадафҳои таълим аз худ кунанд.

Технологияи инноватсионии педагогӣ воситаи татбиқи роҳҳои ташкили раванди педагогӣ мебошад. Технологияи инноватсионии педагогӣ, имкон медиҳад, ки раванди таълим самараноктар ва сифатноктар шавад. Мақсади асосии технологияи инноватсионии педагогӣ ташкили фаъолияти ба ҳам алоқаманди омӯзгор ва хонандагон бо назардошти принсипи фардикунонии таълим, ки ба таъмини натиҷаҳои пешбинишуда нигаронида шуда, мебошад.

Яке аз технологияҳое, ки дар таълими фанни география бештар истифода мешавад, технологияи модулӣ мебошад. Он дар асоси технологияи пурра азхудкунии дониш, таълими дифференсиалӣ ва омӯзиши ҳамдигарии коллективӣ таҳия шудааст. Модул як воҳиди махсуси функсионалӣ мебошад, ки мундариҷаи маводи таълим ва технологияи азхудкунии онро муттаҳид мекунад. Омӯзгор дар доираи модул (дарс) барои кори мустақилонаи хонандагон дастури махсус тартиб медиҳад, ки дар он мақсади азхудкунии ин ё он маводи таълим, манбаъҳои иттилоот, усулҳои азхудкунии мавод, намуди пешниҳоди натиҷаҳои дарс возеҳ нишон дода шудааст. Ҳамчунин, дар дастурҳо супоришҳои санҷишӣ ва худбаҳодиҳӣ оварда мешавад (одатан дар шакли тестҳои санҷишӣ). Моҳияти таълими модулӣ дар он аст, ки хонанда мустақилона ё бо ёрии омӯзгор ба мақсадҳои мушаххаси фаъолияти таълимӣ ва маърифатӣ ноил мегардад.

Ташкили раванди таълим, омодасозии дарс дар асоси таълими модулӣ бо татбиқи ҳадафи асосии таълим – эҷоди ҳавасмандӣ барои кори доимӣ ва пурмазмуни хонанда оид ба иттилооти таълимӣ дар шароити воқеии ҳаёт, ки барои хонандагон созгор алоқаманд мебошад. Истифодаи технологияи модулии таълим як қатор бартариҳо дорад, зеро хонандагон имкон доранд, аз рӯи барномаи дифференсиалӣ мавзуъро мустақилона омӯхта, ҳамчун маводи таълимӣ истифода намоянд. Масалан, хонандагон дар сурати бо сабаби беморӣ иштирок надоштан дар дарс, метавонад мустақилона дар хона омӯзиш кунанд. Илова бар ин, дар давоми дарс муҳити созгор фароҳам оварда мешавад, сифатҳои шахсии хонанда рушд меёбанд (мустақилият, қобилияти гузоштани ҳадафҳо, банақшагирӣ, ташкил ва арзёбии фаъолияти худ).

Бо вуҷуди ин, кор бо технологияи модулии таълим мушкилот низ дорад. Аз қабили: зарурати азнавсозии раванди таълим, таҳияи барномаҳои модулӣ; номутобиқати китобҳои дарсӣ ва талаботи ташкили таълими модулӣ; набудан ё нокифоя будани восоили нави таълимӣ ва методӣ; мушкилоти омодагии омӯзгор дар таҳияи дастурҳо; натиҷаи омӯзиш ва назорати ҳамдигарии хонан-

дагон на ҳамеша эътимоднок аст. Технологияи модулии таълим мисли ҳар гуна технологияи муосири педагогӣ имкон медиҳад, ки усулҳои анъанавии таълим нав карда шаванд. Ба қисмҳои ибтидоӣ тақсим кардани иттилооти таълимӣ, муайян кардани робитаҳои мантиқӣ ва психологию педагогии байни онҳо, стандартизатсияи муайяни раванди таълим дар асоси ин робитаҳо ва муҳиммияти худидоракунии худи хонандагон аз хусусиятҳои фарққунандаи талими модулӣ аст, ки ба ин васила фардикунӣ ҳамчун як намуди таълими тафриқавӣ пурра амалӣ мегардад. Муҳимтарин хусусияти усули модулӣ ба омода кардани мутахассисоне вобаста аст, ки қобилияти зуд ба тағйироти истеҳсолот ва шароити нав мутобиқ шудан, қарорҳои дахлдор қабул кардан ва ҳалли масъалаҳо доранд.

Дар таълими модулӣ бештар арзёбии рейтингии дониш ва малакаи хонандагон истифода мешавад.

Технологияи «Рушди тафаккури интиқодӣ» ба омӯзгор имкон медиҳад, ки бо истифода аз модели универсалии таълим ва системаи усулҳои муассир дар синф фазои шарикӣ, ҷустуҷӯи муштарак ва ҳалли эҷодии мушкилотро ба вуҷуд оварад, ки ин имкон медиҳад, дар хонандагон тафаккури интиқодӣ тавассути хондан ва навиштан, ташаккули фарҳанги кор бо матн рушд ёбад. Ин на танҳо талаботи барномаи таълими ба «ташаккули салоҳияти коммуникативӣ» -и нигаронидашудаи хонандагонро (қобилияти суханронӣ, гӯш кардан, фаҳмидан, мубоҳиса кардан, эҷоди матнҳои хурд чӣ хаттӣ ва чӣ шифоҳӣ) таъмин менамояд, балки онҳоро барои супоридани имтиҳонҳои ҷамъбастӣ бо назардошти ҳалли чунин мушкилот омода месозад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳиссаи ниҳоят ками хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ воқеан, фарҳанги иттилоотӣ ва кор бо матнро доранд.

Дар амалияи таълим фақат он методу усулҳоеро истифода бурдан лозим аст, ки амалан озмоиш шудаанд. Натиҷаҳои корҳои озмоишӣ, ки тули солҳои зиёд аз ҷониби омӯзгороне, ки аз рӯйи барномаи рушди тафаккури интиқодӣ кор мекунанд, имкон медиҳад, ки ин технология мустақилият ва фаъолияти хонандагонро дар кори муштараки онҳо дар раванди таълим таъмин намояд, тафаккури интиқодиро рушд диҳад, азхуд намудани салоҳияти кор бо матнро дар онҳо ташаккул диҳад.

Хонандаи имрӯзаро ҳавасманд кардан ба фаъолияти маърифатӣ, пайдо кардани роҳ барои ба ҳадаф расидан дар соҳаи иттилоот ва коммуникатсия ниҳоят душвор аст. Сабаб он аст, ки хонандагон аксар вақт дар дарки маводи таълимӣ аз ҳама фанҳо ба мушкилоти ҷиддӣ дучор мешаванд. Омили асосии он дар сатҳи зарурӣ ташаккул наёфтани тафаккури онҳо, пеш аз ҳама, тафаккури интиқодӣ мебошад. Тафаккури интиқодӣ барои шахсе, ки дар ҷаҳони муосир ба асри нав ва фарҳанги нави маърифатӣ ворид мешавад, хеле муҳим аст.

Майнаи сар на танҳо узвест, ки таҷрибаи қаблии моро ҳифз ва дубора тавлид мекунад, балки он аз унсурҳои ин таҷрибаи қаблӣ мавқеъҳои нав ва рафтори навро эҷодкорона коркард мекунад. Фаъолияти тафаккур мисли дигар равандҳои психологии инсон бо фарқиятҳои назарраси фардӣ хос аст. Хусусиятҳои тафаккури инсон натиҷаи инкишофи тафаккури ӯ дар раванди зиндагӣ, донистани воқеият дар раванди таълим мебошад. Инкишофи фаъолияти равонӣ дар сифати ақл зоҳир мешавад.

Қобилияти фикррониии интиқодӣ ба кам кардани шумораи амалҳое, ки баъдтар пушаймон мешавем, кумак мекунад, ва аз ин рӯ, имкони муваффақияти моро афзун мегардонад.

Солҳои охир дар муассисаҳои таълимӣ ба усулҳои кайҳо фаромушшудаи таълим зиёдтар диққат дода мешавад. Омӯзгорони фанни гео-

графия бештар усули лоиҳавиро истифода мекунанд, ки онро технологияи фаъолияти лоиҳавӣ меноманд. Мафҳуми ин технология ташкили фаъолияти илмии хонандагон дар асоси корҳои кишоварзӣ мебошад. Як қатор назарияҳои педагогӣ, махсусан, назарияҳое, ки проблемаҳои ҳавасмандии таълим, фаъолсозии фаъолияти маърифатӣ, ташаккули шахсият ва қобилиятҳои маърифатии хонандагонро дар раванди таълим таҳқиқ менамоянд, асос мегузоранд, ки технологияи педагогии ба талаботи дар боло зикршуда ба андозаи бештар мувофиқ аст ва нисбат ба дигар технологияҳо метавонад ба омӯзиши лоиҳавӣ хидмат кунад, зеро он хонандагонро барои нишон додани чунин қобилиятҳо водор мекунад:

- фаъолияти худро аз нуқтаи назари арзиш дарк намоянд;
- ҳадаф гузошта тавонанд;
- маҳорати худомузӣ ва ташкилотчигӣ дошта бошанд;
- иттилооти аз сарчашмаҳои гуногун дастрасамудаpо таҳлил, муттаҳид ва ҷамъбаст карда тавонанд;
- малакаи рушдёфта дошта бошанд;
- интихоб ва қарор қабул кардан тавонанд.

Ҳамин тарик, аҳамияти технологияи омӯзиши лоиҳавиро барои таҳсилоти муосир хусусиятҳои гуногунмақсад ва бисёрвазифавии он муайян мекунад. Он имкони ҳамгироиро дар раванди ягонаи таълим муайян мекунад, ки дар баробари дониш ва салоҳиятҳои калидии хонандагон, шахсияти онҳоро ҳамаҷониба рушд медиҳад.

Умуман, омӯзгор дар фаъолияти касбии худ бояд мунтазам дар ҷустуҷӯи ҳам усулҳои анъанавӣ ва ҳам усулҳои муосир аст. Рушди технология ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи методологияи фан, ба даст овардани натиҷаи кафолатноки педагогии фаъолияти омӯзгорро тақозо дорад. Ин натиҷа ҳангоми арзёбии сатҳи дониши хонандагон аз фанни мазкур муайян мешавад.

География дар байни дигар илмҳо мавқеи махсусро ишғол менамояд ва байни илмҳои табиатшиносӣ ва ҷомеашиносӣ нақши як «пул» -и пайвасткунандаро дорад. Аҳамияти донишҳои географӣ дар ташаккули шахсият ба хонандагон имкон медиҳад, ки системаи мукаммали донишу малакаҳои географӣ, имконоти татбиқи онҳоро дар ҳолатҳои гуногуни ҳаётӣ аз худ кунанд.

Масъалаи ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар раванди таълим солҳои охир мақсади ҳар як омӯзгори мактаби муосир мебошад. Дар асри фановарӣ (инноватсия) муассисаҳои таълимӣ барои пешрафт талош меварзанд ва омӯзгорон дар ин бобат, бояд методу усулҳои нави самаранок ва муассири таълимро дарёфт намоянд.

## АДАБИЁТ:

1. Кларин, М. В. Технология обучения: идеал и реальность// Кларин М. В.— Рига, «Эксперимент» , 1999 г.
2. Онищук, В. А. «Урок в современной школе» , Москва, «Просвещение» , 1991г.
7. Рудакова, Д.Т., н.с. ЦНИТ ИОСО РАО. Интернет-технологии в деятельности учителя. Материалы научно-практической конференции «Интернет-технологии в современном школьном образовании» // www.ioso.iip
8. Соуза, Э.Г. Университет ООН: глобальная миссия // Перспективы: вопросы образования. Париж: ЮНЕСКО, 1990» N3,С10.
9. Эйхельбаум де Бабини А.М. Сходства и различия в развитии современных моделей образования // Перспективы: вопросы образования. Париж: ЮНЕСКО, 1992. N4. С.51, 53.

# АРЗЁБИИ ТАШАККУЛДИҲАНДА

## МОДЕЛИ ПЕШРАФТИ ОМӮЗИШӢ

**Арзёбӣ ҷузъи пайвастаи раванди таълиму омӯзиш буда, дар он таълиму арзёбиро аз ҳам ҷудо кардан имконнопазир аст. Тадқиқоти зиёди мамлакатҳои мутараққӣ нишон медиҳанд, ки арзёбӣ ба раванди азхудкунӣ ва татбиқи донишу малакаҳои хонандагон таъсир мерасонад.**



**Сураё ШЕРДИЛОВА,**
номзади илмҳои филологӣ, омӯзгори калони кафедраи иқтисод ва идора дар соҳаи маорифи ДҶТИБКСМ

Дар педагогикаи муосир навъҳои гуногуни арзёбӣ маъмул буда, мавриди истифода қарор гирифтаанд. Арзёбӣ дар адабиёти гуногуни илмӣ-педагогӣ дар шаклҳои (мафҳумҳои) гуногун пешниҳод ва таҳқиқ мешаванд.

Арзёбӣ қисми таркибӣ ва муҳимми таълиму омӯзиш буда, яке аз масъалаҳои умда дар соҳаи маориф пазируфта мешавад. Бояд гуфт, ки аҳамият ва мавқеи арзёбӣ дар раванди таълим фаъолияти алоҳида набуда, он бо дигар зинаҳои дарс алоқаи занҷирӣ дорад. Соҳаи маорифи кишвар арзёбиро яке аз ҷанбаҳои муҳимми раванди таълим шумурдааст. Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф омӯзгорони ҷумҳуриро пайваста аз курс гузаронида, навгониҳои навинро дар ҷумҳурӣ паҳн менамояд, ки ин бевосита ба баланд гардидани сифати таълим сабаб мешавад. Омӯзгор бояд кӯшиш намояд, ки омӯзишро бо роҳу воситаҳои гуногуни таълим ба нақша гирад, то ки хонандагон аз воситаҳои гуногуни арзёбӣ огоҳ шуда, дониши амиқ гиранд.

Арзёбӣ таҳлили дараҷаи мувофиқати дониш, малакаю маҳорат ва салоҳияти хонанда ба талаботи муқарраргардидаи стандартҳои фаннӣ, барномаҳои таълим ва мушаххас намудани мушкилоти асосии раванди таълиму омӯзиш ва пайдо кардани роҳҳои ҳалли онҳо мебошад.

Саволҳое ба миён меояд, ки чӣ тавр мо сатҳи салоҳиятнокии хонандагонро арзёбӣ мекунем? Бо кадом усулҳо арзёбиро ташаккул метавон дод? Оё мо салоҳиятнокии хонандагонро ҳар рӯз марҳала ба марҳала арзёбӣ мекунем? Натиҷаи арзёбиро дар куҷо ва чӣ тавр ба қайд мегирем?

**Арзёбӣ навъҳои зерин дорад:**

- ташхисӣ;
- ташаккулдиҳанда;
- ҷамъбастӣ.

Гуфтан зарур аст, ки омӯзгор, пеш аз он ки ба синфхона дарояд, бояд аз навъҳои арзёбӣ огоҳ бошаду мавқеи истифодаи онҳоро донад. Имрӯзҳо бештари омӯзгорон мафҳуми арзёбиро танҳо дар охири дарс ҳамчун баҳогузорӣ ё гузоштани бал // холл истифода мебаранд, ки ин иштибоҳи маҳз аст. Яъне, дар бештари ҳолатҳо арзёбиро аз раванди таълим ҷудо меҳисобанд. Арзёбӣ фақат маънои баҳогузориро надошта, фаъол будани хонандаро дар ҳар лаҳзаи дарс талаб менамояд. Яъне, арзёбӣ дар ҳар марҳалаи дарс гузаронида мешавад.

**Арзёбии ташаккулдиҳанда раванди доимии ҷамъоварӣ, коркард ва таҳлили маълумоти сифатӣ оид**

**ба сатҳи дарк, азхудкунии маводи таълимӣ ва мутобиқ намудани фаъолияти таълимӣ ба ниёзи фардии хонанда барои баланд бардоштани дониш, рушди малака ва маҳорат маҳсуб мебад.**

Ин намуди арзёбӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки пешрафти худро дарк кунанд, назорат баранд ва қадамҳои минбаъдаро бо кумаки омӯзгор ба нақша гиранд. Баҳодиҳӣ барои таълим аз рӯйи нақшаҳои муайян сурат гирифта, диққати дуруст ва самаранокии раванди таълимро таъмин, имконияти омӯзиши талаботи таълимии хонандагонро фароҳам меорад ва пайгирии пешрафти хонандагонро дар соҳаи таълим таъмин менамояд.

«Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳар рӯз сурат мегирад ва ҳам ба омӯзгору ҳам ба хонанда имкон медиҳад, то амалҳои худро ба вазъияти таълимӣ мутобиқ созанд. Ин як имконияти имтиёзнокест, ки барои таҳлили таҷрибаҳо мусоидат мекунад. Ба қавли олими амрикоӣ Одиберт, арзёбии ташаккулдиҳанда таҳлили давомноки расмии пайвастаи доимҳаракаткунанда мебошад: агар амал дар асоси арзёбӣ пешгирифташуда таъсирбахш бошад, пас маълум мешавад, ки хонанда дар дарки мафҳумҳо пешравӣ дорад, боздиди мафҳумҳо ба роҳ монда мешавад ва чораҳо ҷиҳати дастгирии пешрафт (прогрессия)-и омӯзиш андешида мешаванд. Аз ин рӯ, арзёбии ташаккулдиҳанда манбаи бойи маълумот оид ба раванди омӯзиши хонандагон аст. Агар арзёбӣ ба тарзи доимӣ нею давравӣ ва ё тасодуфӣ ба роҳ монда шавад, маълумоти бадастомада наметавонад дар ташаккулдиҳии раванди таълиму омӯзиш ба кор равад. Хонандагон аз омӯзиш безнамеистанд, яъне беист меомӯзанд. Барои ҳамин раванди арзёбӣ низ бояд доимӣ бошаду омӯзишро дастгирӣ кунад.

Вобаста ба ин олими амрикоӣ Пофам қайд кардааст, ки «арзёбии ташаккулдиҳанда санҷиш/тест набуда, як равандест, ки тавассути он дар бораи дарку фаҳми хонандагон биниши сифатӣ ҳосил мегардад» . Олими дигари амрикоӣ Коффей ва дигарон омӯзгоронро ҳушдор мекунанд, ки «арзёбии ташаккулдиҳанда, чуноне ки дар адабиёти дахлдор қайд шудааст, танҳо аз муайянкунии «фарқият»-и байни фикрронии хонанда ва тарзи дурусти дарки мафҳум иборат нест». Ба ҷойи истифода бурдани калимаи «фарқият» шумо «масофа»-и хонандаро аз дарки мафҳуми омӯхташаванда баррасӣ кунед. Вагарна шумо моҳияти мураккаби инсонро қатъи назар карда, омилҳои муҳимро ҳамчун суръати фардии омӯзиш, мӯҳлати лозима барои омӯзиш, омодагӣ барои мафҳуми омӯхташаванда, алоқамандии мафҳум ба дониши қаблии хонанда ва сатҳи ҷалбшавии хонанда ба мавзуъ нодида мегиред. Маҳз аҳамият додан ба тарзи фикррони хонанда(гон) омӯзгорро водор мекунад, ки нақшаи дарси омодакардаашро боздид карда, ба шароити нав бетаъхир мувофиқ созад. Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳадафҳои омӯзишиеро ошкор месозад, ки омӯзгор аслан дар вақти банақшагирии дарс, мавзуъ ва ё боб дар назар надошт. Ин ҳадафҳои омӯзиш дар ду сатҳ ошкор мешаванд: сатҳи якум сатҳи консептуализатсия аст, яъне тарзи дарки мафҳум аз ҷониби хонандагон. Сатҳи дуюм тарзи ба даст овардани мафҳумро дар назар дорад. Омӯзгор бояд пайваста кӯшиш ба харҷ диҳад, ки хонандагон бо мафҳумҳои омӯхташаванда ҳамчун таҳқиқотчиён машғул бошанд. Ин зайл хонандагон ба омӯзиш ҷалб мешаванд ва барои фикррониию фурӯ рафтан дар мафҳумҳо вақти кофӣ пайдо мекунанд, ки ин ҳама барои омӯзиши рангину чуқур мусоидат хоҳад кард. Ҳангоми тарҳрезии арзёбӣ бо мақсади таҳлили рафтори хонандагон аслан омӯзгор тарзи фикррони хонандагонро месанҷад (арзёбӣ мекунад). Ин санҷишро (омӯзгор) тавассути диққати махсус додан ба амалҳои хонандагон, ки натиҷаи фикррониии онҳо мебошад, амалӣ мегардонад. Омӯзгор ба монанди ҳар як иштирокчии муколамаи маънодор бояд бифаҳмад, ки

хонандагон оид ба мафҳуми омӯхташаванда чиҳо фикр мекунанд ва бо кадом сабаб чунин фикр мекунанд. «Арзёбии ташаккулдиҳандаро ҳамчун иштиғол (кор) бо идеяҳо бояд бифаҳмем, ки посух додан ба ин идеяҳо ва истифодабарии онҳоро дар қадамҳои минбаъда низ дар бар мегирад» (Коффей ва дигарон, 2011). «Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳамоиши супориш, восита ва равандро дар бар мегирад» (Беннет, 2011).

Арзёбии ташаккулдиҳанда модели пешрафти омӯзишро дастгирӣ мекунад, зеро он раванди давомдор ҳангоми таълим ва омӯзиш мебошад. Мақсади асосии он назорат ва баланд бардоштани самаранокии омӯзиши хонандагон мебошад. Дар ҷараёни таълим, омӯзгорон метавонанд арзёбии ташаккулдиҳандаро барои ба даст овардани фикру мулоҳизаҳо ва фаҳмиш дар бораи азхудкунии мавод аз ҷониби хонандагон, муайян кардани ҷиҳатҳои қавӣ ва заиф ва мутобиқ кардани стратегияҳои таълимии худ истифода баранд. Хусусиятҳои асосии баҳодиҳии ташаккулдиҳанда инҳоянд:

**Зуд-зуд**: онҳо дар тамоми раванди таълим мунтазам гузаронида мешаванд, ки ба шумо имкон медиҳад, ки фавран ба омӯзиш ислоҳот ворид кунед.

**Иттилоотӣ**: арзёбии ташаккулдиҳанда фикру мулоҳизаҳоро дар вақти воқеӣ таъмин намуда, ба хонадагон дар фаҳмидани пешрафти худ ва роҳнамоии онҳо ба беҳбудӣ кумак мерасонад.

**Сарбории кам**: арзёбии ташаккулдиҳанда одатан вазни ҳадди ақкал доранд ё умуман, стрессро коҳиш медиҳанд ва иштироки фаъолро ташвиқ мекунанд.

Арзёбии ташаккулдиҳанда ҳангоми истифодаи пайваста метавонад ба фаъолияти ҳамаи хонандагон таъсири назаррас расонад ва махсусан барои он хонандагоне, ки дар омӯзиш душворӣ мекашанд. Дар сурати дуруст истифода бурдан, фарқияти нишондиҳандаҳо метавонад ба баҳодиҳии пурра ноил шавад.

**Стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда:**

- Натиҷаҳои омӯзишӣ ва меъёрҳои муваффақият;
- Робитаи мутақобилаи самаранок;
- Саволдиҳии таъсиргузор;
- Худ рефлексия;
- Мушоҳида ва дарёфти далел.
- Стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда чор рукни омӯзиши босалоҳиятро, ки ба омӯзиши таълими ба хонандагон нигаронидашуда тамаркуз мекунанд, дастгирӣ мекунанд. Стратегияҳо, инчунин, раванди таълими хонандагонро тавассути қабули равишҳои фарқкунанда дастгирӣ мекунанд, ки ба ҳамаи хонандагон имкон медиҳанд, ки дар барномаи нави таълимии фанҳо иштирок кунанд.

Стратегияҳои арзёбии ташаккулдиҳанда ҳангоми истифодаи самаранок метавонанд ба рушди ин салоҳиятҳо таъсири назаррас расонанд:

1. Ба омӯзгор ва дигар хонандагон гӯш медиҳад.
2. Саволҳои оддӣ медиҳад ва гуфтаҳоро ҷамъбаст мекунад.
3. Фикри худро баён мекунад.
4. Бо боварии комил фикри худро дар кори гурӯҳӣ ва бо дигар хонандагон баён мекунад.
5. Бо навбат сухан меронад ва ба дигарон халал намерасонад.
6. Вазифаҳо ва нақшҳои умумиро мефаҳмад ва барои ноил шудан ба онҳо кор мекунад.
7. Ба аъзоёни гурӯҳ имкон медиҳад, ки ғояҳо ва ниёзҳоро баён кунанд, онҳоро баррасӣ кунанд ва мувофиқи онҳо амал кунанд.
8. Ғояҳоро бо гурӯҳ мубодила мекунад.
9. Маълумот ва захираҳоро бо гурӯҳ ё ҳамсинфон мубодила мекунад.
10. Дар якҷоягӣ дар бораи кори гурӯҳӣ, аз ҷумла пешрафтҳо ва соҳаҳо барои такмил фикр мекунад.
11. Ҳангоми ҳамкорӣ ҷиҳатҳои қавӣ ва заифи худро муайян мекунад.
12. Бо истифода аз раванди амалӣ мафҳумҳо ва ғояҳои навро меомӯзад.
13. Эҷодкориро дар таввлиди ғояҳо ва ҳалли мушкилоти оддӣ нишон медиҳад.
14. Ғояҳоро меозмояд ва

дар бораи чӣ гуна беҳтар кардани онҳо фикр мекунад.

15. Идеяҳоро дар амал истафода мебарад.

16. Саволҳои мушаххас медиҳад.

17. Барои ҷамъоварии маълумот ду ё зиёда манбаъҳоро истифода мебарад.

18. Андешаҳо ва фикрҳоро асоснок мекунад.

19. Ба худ ҳадафҳои омӯзишӣ мегузорад ва ба ин ҳадафҳо уҳдадорӣ нишон медиҳад

20. Мушкилотро меёбад ва муайян мекунад.

21. Маълумот дар бораи мушкилот ҷамъоварӣ мекунад.

22. Барои ҳалли мушкилот ҳалли худро татбиқ мекунад.

**Меъёрҳои муваффақият ва натиҷаҳои омӯзишӣ**

**Чаро натиҷаҳои омӯзишӣ ва меъёрҳои муваффақият муҳим мебошанд?**

Агар омӯзгорон бештар масъулият ҳис кунанд, пас бояд донанд, ки чӣ кор кардан мехоҳанд. Онҳо вақте ба мақсадҳои таълимӣ ноил мешаванд, ки чӣ гуна онро қабул мекунанд ва барои чӣ бояд вай дар оғоз омӯзонида шавад.

**Натиҷаҳои омӯзишӣ**
«Чӣ?» «Чаро?» ва «Чӣ тарз?»

**Меъёрҳои муваффақият**
«Чӣ гуна муваффақиятро қабул кардан мумкин аст?»

**Меъёрҳои муваффақият чист?**

• Меъёрҳои муваффақият фаъолияти таълимие мебошанд, ки дар раванди як дарс истифода карда мешаванд.

• Онҳо аксар вақт ба як ё якчанд натиҷаҳои омӯзишӣ алоқамананд.

• Меъёрҳои муваффақият натиҷаҳои омӯзиширо, ки дар синф сурат мегирад, муайян мекунанд.

**Меъёрҳои муваффақият самаранок мебошанд, агар онҳо**

1. Муайян кунанд, ки хонандагон чиро меомӯзанд (Мо меомӯзем ...)

2. Сабаби омӯзишро фаҳмонанд; (Ин аст, зеро ...)

3. Меъёрҳои муваффақиятро ҳамроҳи хонандагон дар оғози дарс ё фаъолият муколама карда, дар ҳолати зарурӣ иваз кунанд.

4. Дуруст пешниҳод карда шаванд, то ин ки ба хонандагон фаҳмо бошанд.

5. Дар раванди дарс аз нав дида баромада мешаванд.

**Чаро меъёрҳои муваффақият муҳим аст?**

• Беҳтар кардани дарккунӣ;

• Ба хонандагон имконият додан;

• Барои азхудкунии мустақилона ҳавасманд кардан;

• Робитаи мутақобилаи самарабахшро фаъол сохтан.

**Меъёрҳо барои муваффақият…**

• бо натиҷаҳои омӯзишӣ алоқамананд;

• хоси фаъолият ё супориш мебошанд;

• пеш аз амалӣ кардани фаъолият ё супориш ҳамроҳи хонандагон муҳокима ва мувофиқа карда мешаванд;

• бештар барои хонандагон ҳангоми иҷрои фаъолият ё супориш ва ҷамъ овардани маълумот таҳия карда мешавад;

• ба ҳамдигар баҳо додан ва худбаҳодиҳӣ ҳамчун заминаи асосӣ истифода карда мешавад.

**Истифодаи натиҷаҳои омӯзишӣ:**

• Бештар хонандагон масъулият ба дӯш гиранд;

• Дигаргуниро дар таълим ба вуҷуд меоварад;

• Ба хонандагон имконият медиҳад, ки мустақилона омӯзанд;

• Дарккунӣ дуруст ба роҳ монда мешавад;

• Ба мулоҳизаронихо кумак расонида метавонад;

**Робитаи мутақобила барои фанни забони тоҷикӣ**

Мо, ҳамчун омӯзгор дар Тоҷикистон, мехоҳем омӯзиш ва фаъолияти хонандагон беҳтар шавад. Аммо чӣ тавр мо мефаҳмем, ки кадом стратегияҳои омӯзишӣ барои беҳтар намудани раванди омӯзиш кумак мекунанд.

Робитаи мутақобила барои беҳтар кардани раванди омӯзиш муҳим аст, зеро он ҳам ба ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиш ва ҳам дар бораи қобилияти онҳо дар ин кор таъсир мерасонад.

**Хонандагон робитаи мутақобиларо интизоранд**. Ин равшан ва мушаххас аст. Он диққати худро ба вазифа равона

мекунад, на ба хонанда ё амали онҳо. Робитаи мутақобила дарҳол пас аз кӯшиши ҳалли мушкилот дода мешавад.

**Мо тавассути робитаи мутақобилаи ташаккулдиҳанда чиро дар назар дорем?**

Робитаи мутақобила ба ҳар як хонанда бояд дар бораи сифатҳои хоси кори ӯ бо маслиҳат дар бораи он, ки ӯ барои беҳтар кардани кораш чӣ кор карда метавонад ва худро аз муқоиса кардан бо хонадагони дигар худдорӣ кунад).

**Чаро робитаи мутақобила муҳим аст?**

• Ба такмил додани омӯзиш нигаронида шудааст;

• Рақобатро аз байн мебарад;

• Ҳавасмандӣ ба омӯзишро беҳтар мекунад.

**Намудҳои робитаи мутақобила**

***Робитаи мутақобилаи шифоҳӣ:***

• *Дар давоми дарс/фаъолият*

• *Шахсӣ ва фаврӣ*

• *Интерактив (дутарафа)*

***Робитаи мутақобилаи хаттӣ***

• *Пас аз анҷоми вазифа*

• *Танҳо аломатҳо*

• *Нишонҳо ва комментҳо*

• *Танҳо комментҳо*

***Робитаи мутақобилаи ҳамсолон***

• *Маҳорате, ки метавонад бо роҳнамоӣ ва бо гузашти вақт инкишоф ёбад.*

• *Баъзе манфиатҳо:*

*- Хонандагон муайян кардани меъёрҳои муваффақиятро меомӯзанд, ки дар як кор мавҷуд ё ғоибанд;*

*- Хонандагон дар арзёбии кори худ маҳорати бештар пайдо мекунанд;*

*- Омӯзиши муштаракро эҷод мекунанд;*

*- Хонандагон аксар вақт ба фикру мулоҳизаҳои ҳамсолон диққати бештар медиҳанд.*

**Ҳангоми пешниҳоди робитаи мутақобила**

• Таваҷҷӯҳ ба кори хонанда, на ба худи хонанда

• Фикру мулоҳизаҳои худро ба меъёрҳои муваффақият равона кунед;

• «Дар хотир доред, ки нуктаи назари худро бо далелҳо аз ҳикоя дастгирӣ кунед ...» ва сипас дар бораи чӣ гуна муносибат кардан ба мушкилот пешниҳод кунед;

• Камтар ситоиш - рӯҳбаландӣ бештар: «Дидани он, ки шумо инро дар хотир доред ...», ман аз кӯшишҳои шумо ба ҳайрат афтодам...»;

• Аз таърифи нолоик ё аз ҳад зиёд худдорӣ намоед – хонандагон медонанд, ки кай таъриф сазовор аст, аз ин рӯ боварӣ ҳосил кунед, ки таърифи шумо рост ва ё ҳақ аст.

***Робитаи мутақобилаи ташаккулдиҳандаи самаранок бояд:***

• Бо натиҷаҳои омӯзишӣ ва меъёрҳои муваффақият алоқаманд бошад;

• Фаҳмонад, ки сатҳи пешрафти хонандагон дар айни замон кадом аст;

• Барои такмил додан мақсад гузорад;

• Нишон диҳад, ки чӣ гуна ва дар куҷо такмилдиҳӣ метавонад ба амал ояд;

• Ба амалҳо равона шуда бошад.

**Истифодаи самараноки саволдиҳӣ барои фанни забони тоҷикӣ**

Баъзе стратегияҳо барои саволдиҳии таъсиргузор:

***Истифодаи 7 сония барои фикр кардан:***

***- Даст набардоштан;***

***- Фикр кунед, дукаса шавед-мубодила кунед;***

***- Саволдиҳии сократӣ.***

Фаҳмонед - ҳангоми тавсиф кардан шумо чиро дар назар доштед?

Фарзияҳо - оё ин маънои онро дорад, ки шумо фикр мекунед?

Далелҳо ва сабабҳоро тафтиш кунед - шумо барои нишон додани он чӣ гуна мисолҳо оварда метавонед?

Назарҳо ва дурнамоҳои гуногунро баррасӣ кунед - оё шумо фикр мекунед, ки ҳама фикр мекунанд? Кӣ метавонад бо ин розӣ набошад?

Оқибатҳоро баррасӣ кунед - чӣ мешавад, агар ...................

Савол диҳед - оё шумо ҳоло ҳам фикр мекунед, ки ............................................?

Саволҳои хуб кушодаанд, ки аз хонандагон хоҳиш мекунанд, ҳамчун як қисми модели пешрафти омӯзиш амиқтар андеша кунанд.

**Стратегияи рефлексия (бознигарӣ) барои фанни забони тоҷикӣ**

**Рефлексия/Худбаҳодиҳӣ**

Хонандагонро ташвиқ мекунад, ки барои таҳсили худ масъулияти бештар бар душ гиранд;

Огоҳии хонандагонро дар бораи дониш ва маҳоратҳое, ки онҳо мегиранд, баланд мебардорад;

Баланд бардоштани худбаҳодиҳӣ;

Қобилияти хонандагонро барои эътироф кардани сифати кори худ инкишоф медиҳад.

**Чаро рефлексияи хонандагонро ташвиқ кард?**

Вақте ки дар синф 1 омӯзгор ва 30 хонанда аст ва ҳама фикру мулоҳизаҳо аз ҷониб омӯзгор ё тавассути ӯ меоянд, барои таъмин намудани фикру мулоҳизаҳои босифати кофӣ умеде нест.

**Чӣ тавр арзёбии ҳамсолон/рушди мутақобилаи ҳамсолон метавонад рефлексияи хонандагонро дастгирӣ кунад?**

Робитаи мутақобила бо забоне, ки хонандагон истифода мебаранд:

- Овози хонандагонро дар синф мустаҳкам мекунад;
- Метавонад фикру мулоҳизаҳои (робитаи мутақобилаи) арзишмандро ба вуҷуд орад.

«Ҷалб кардан ба арзёбии ҳамсолон ва худбаҳодиҳӣ бештар аз тафтиши хатогиҳо ё заъфҳост. Он талаб мекунад, ки талаба дар таълим фаъолтар бошад. Хонандагон бештар дарк мекунанд, ки кай меомӯзанд ва кай не».

**Хонандагон метавонанд дар бораи омӯзиши худ мулоҳиза кунанд, вақте ки онҳо:**

- Дар бораи омӯзиши худ нависанд;
- Дар бораи омӯзиши худ гап зананд;
- Дар бораи сафари омӯзиши худ як рӯзномаи видеоӣ созанд;
- Барои омӯзиши худ ҳадафҳо гузоранд;
- Баҳодиҳии ҳамсолон/худбаҳодиҳиро истифода баранд;

«Мо аз таҷриба намеомӯзем... мо аз бознигарии таҷриба меомӯзем.»

**Хонандагон метавонанд рефлексия кунанд...**

- Дар ибтидои дарс;
- Вобаста ба ҳаҷми азхудкунии мавзуъ;
- Дар охири дарс ва ё як силсила дарсҳо;

**Омода намудани хонандагон**

- Натиҷаҳои омӯзиш ва меъёрҳои муваффақиятро мубодила кунед;
- Раванди баҳогузорӣ ва робитаи мутақобиларо амсиласозӣ кунед;
- Муҳити дурустро муҳайё созед.

**Худбаҳодиҳӣ**

Хонандагон дар бораи **чизҳои** омӯхтаашон рефлексия (тафаккур) мекунанд

↓

Хонандагон дар бораи **чӣ гуна** омӯхтанд, рефлексия мекунанд

**Стратегияҳои пешниҳодшуда барои кумак ба кардани рефлексия**

- Онро муқаррарот кунед;
- Ба хонандагон маълумоти заруриро диҳед;
- Онро гуногун нигоҳ доред;
- Дар хотир доред, ки мисли ҳама маҳоратҳо, барои инкишоф додани он вақт лозим аст;
- Ба ҷиҳатҳои қавӣ таваҷҷӯҳ кунед;
- Ба волидон фаҳмонед;

Хонандагон дар марҳала фаҳмиши худро дар бораи мавзуъ, консепсия ё дарси таълим додашударо бо истифода аз меъёрҳои муваффақият ҳамчун истинод сабт мекунанд. Омӯзгор навиштаҷотро аз назар мегузаронад, то бубинад, ки хонанда дар бораи мавзуъ, дарс ё мафҳуми омӯхташуда фаҳмиш пайдо кардааст.

Қаламчаи арғувонӣ барои **рефлексия (бознигарӣ)**. Агар шумо нахоҳед, ки хонандагон мулоҳизаҳои худро аз омӯзиши ҳаррӯзаашон ҷудо кунанд, шумо метавонед аз онҳо хоҳиш кунед, ки ҳангоми ба итмом расониданӣ корашон аз қалами кабуд/сиёҳ ва барои навиштани мулоҳизаҳои худ дар бораи кори худ аз қалами арғувон истифода баранд. Ин барои онҳо ва омӯзгор барои дидани **рефлексияи (бознигарӣ)** онҳо дар дафтарҳояшон осонтар мешавад.

Ба омӯзгорон тавсия дода мешавад, ки дар як вақт танҳо як стратегияи арзёбии ташаккулдиҳандаро дар амал дар кори худ ҷорӣ кунанд. Кадом стратегияро шумо аввал дар таҷрибаи худ дар дарси забони тоҷикӣ татбиқ кардан мехоҳед?

**Афзалиятҳои натиҷаҳои**

**омӯзиши ва меъёрҳои муваффақият.**

**Хонандагон:**

• Дарк кунанд, ки чиро бояд донанд, фаҳманд ва иҷро кунанд;

• Имкониятҳои бештар барои гузоштани ҳадаф ва пешрафти худро эътироф мекунанд;

• Онҳо натиҷаи кори худро инкишоф ва такмил диҳанд;

• Онҳо тавонанд натиҷаи омӯзиши худро таҳлил кунанд ва хулоса бароранд;

• Иҷроиши омӯзиши худро назорат кунанд;

• Назорат кардан ба пешрафти омӯзиши худ, арзёбии пешравии ҳамсолон, қадамҳои омӯзиш ва сода баён кардани фикру мулоҳизаҳо осонтар аст.

**Омӯзгорон:**

• Дар раванди омӯзиш хонандаро масъул донистан;

• Бо хонандагон ҳамкорӣ ва робитаи беҳтар доштан;

• Ҳангоми банақшагирии дарс, фаъолият ва ҷамъ овардани далелҳо оид ба омӯзиш фикр мекунад ки чӣ бояд кард;

• Пешниҳод ва тарҳрезӣ кардани робитаи мутақобила бо хонандагон;

• Хонандагон то кадом андоза ва чӣ қадар хуб омӯхтанд, арзёбӣ кардан.

**Афзалиятҳои робитаи мутақобилаи самаранок**

**Хонандагон:**

• Тавассути робитаи мутақобила огоҳ шудани хонандагон аз пешравии худ ва ба худ боварӣ кардани онҳо;

• Дарки моҳияти омӯзиш: ман ба кадом кор қодирам, ба ман чи лозим аст, то ки такмил ёбам ва пеш равам;

• Робитаи мутақобила метавонад эътимоди хонандаро ба худшиносӣ ва шавқу ҳавас ба омӯзиш беҳтар созад;

• Беҳтар шудани муносибат тавассути робитаи мутақобила байни ҳамсолон ва омӯзгор.

• Таъмини робитаи мутақобилаи мувофиқ ба хонандагон мефаҳмонад, ки омӯзгор ҳақиқатан дар бораи онҳо ва таҳсили онҳо ғамхорӣ мекунад.

**Омӯзгорон:**

• Робитаи мутақобилаи хонандагон ба омӯзгор имкон медиҳад, ки талабот (ниёз)- и хонандагонро муайян кунад, ва онро дар рафти банақшагирии дарс истифода баранд;

• Дарк кардани фаҳмиши хонанда ва омӯзишро ба талабот (ниёз) - и хонанда мутобиқ созад;

• Робитаи мутақобила ба муносибатҳои хонандагон ва омӯзгорон заминаи мусбӣ фароҳам меорад;

• Муносибати байни омӯзгор ва хонанда мустаҳкам ва босамар мегардад;

• Робитаи мутақобила ба омӯзгор имкон медиҳад, ки таълимро чӣ тавр такмил дод ва кадом стратегияҳои таълимро бештар истифода бурд.

**Афзалиятҳои саволдиҳии таъсиргузор**

**Хонандагон:**

• Зинаҳои омӯзиш равшан ва муайян мегардад;

• Хонандагон дарк мекунанд, ки оид ба чӣ андеша кунанд;

• Хонандагон сифати таълимро дарк карда мувофиқи мақсад роҳҳои омӯзишро муайян мекунад;

• Шавқманд гаштани хонандагон ба ҷавобҳои пурра ва мураккаб.

**Омӯзгорон:**

• Саволҳои пайдарпайи пурмазмун роҳҳои беҳтари таълимро муайян мекунад, ки боиси фаҳмиш ва дастгирии хонандагон мегардад;

• Огоҳ шудан аз ҷараёни таълим ва тавассути он ба натиҷаҳои омӯзиши зарурӣ ноил шудан;

• Дарк кардани роҳҳои амиқи таълими хонандагон ва ба омӯзиши рӯяки роҳ надодан;

**Афзалиятҳои рефлексия, худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии ҳамсолон**

**Хонандагон:**

• Назорати пешравии худ дар мактаб;

• Ташаккул додани маҳоратҳои арзёбии воқеӣ ва муносибати масъулиятнок ба матлабҳои худ;

• Баён кардани натиҷаҳои омӯзиш ва меъёрҳои муваффақият тавассути робитаи мутақобила ба ҳамсолон;

**Омӯзгорон:**

• Ба хонандагон омӯзонидани худтанзимкунӣ;

• Мутобиқ кардани робитаи мутақобила ба раванди таълим;

• Ба инобат гирифтани фи-

кру мулоҳизаҳои ҳамсолон дар беҳтар гаштани робитаи мутақобила ба ҳар хонанда;

• Барои ба мақсад расидани хонандагон кумак кардан ва монеа нашудан ба гирифтани баҳои хуб.

Арзёбии ташаккулдиҳанда заминаи асосӣ барои арзёбии байналмилали (PISA)-и хонандагон мебошад.

Хуллас арзёбии ташаккулдиҳанда дар баланд бардоштани сатҳи давомоти хонандагон, афзоиши адолати натиҷаҳои ниҳоии хонанда ва беҳбуди қобилияти хонандагон барои омӯзиш бисёр муассир аст.

Арзёбии ташаккулдиҳанда маҳоратҳои «омӯзиш барои омӯхтан»-и хонандагонро бо таъкид намудани раванди таълим ва омӯзиш ва ҳамчунин ҷалби хонандагон ҳамчун шарикон дар он раванд эҷод мекунад. Он ҳамчунин маҳоратҳои хонандагонро дар арзёбии ҳамсолон ва хударзёбӣ эҷод намуда, ба онҳо барои таҳияи як қатор стратегияҳои самарабахши омӯзишӣ кумак менамояд. Хонандагоне, ки ба таври фаъол фаҳмиши худро дар бораи мафҳумҳои нав ташаккул медиҳанд (на танҳо иттилоотро аз худ мекунанд) ва онҳое, ки муҳокима намудани сифати кори худ ва кори ҳамсолони худро нисбат ба меъёрҳои ба хубӣ муайяншуда ёд мегиранд, онҳо маҳоратҳои арзишмандро барои омӯзиши абадӣ инкишоф медиҳанд.

**АДАБИЁТ:**

1.Арзёбии ташаккулдиҳанда. Дастури методӣ барои муаллимони математика. – Душанбе, 2010. - 54 с.

2. Арзёбии ташаккулдиҳанда барои таълим ва омӯзиш: Бойл ва Чарлез 2013, 50 с.

3. Дастурамал оид ба озмоиши низоми баҳогузории 10-хола ва меъёрҳои арзёбии дониш, малака ва маҳорати хонандагони муассисаи таҳсилоти умуми Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2023. -20 с.

4. Аз арзёбии ташаккулдиҳанда то танзими назоратшудаи раванди омӯзиш ба сӯи заминаи мафҳумии васеътар. Перреноуд.1998. Арзёбӣ дар таълим, 5 (1), саҳ.85-102

5. Black & Wiliam: Working Inside the Black Box. 1998, 20.

## ТАРБИЯИ ХЕШТАНШИНОСӢ ВА ХУДОГОҲИИ МИЛЛӢ

***Тавассути тарбияи хештаншиносӣ ва худогоҳии миллӣ шаҳрванд бояд мутааллиқи миллат, давлати соҳибистиқлол, соҳиби Ватан ва ҳуқуқу озодиҳо будани худро дарк кунад ва онҳоро эҳтиром намояд. Донад, ки вазифаҳои ӯ дар назди давлат, ҷамъият ва оила аз чӣ иборат аст. Бахри иҷрои онҳо ҷидду ҷаҳд намояд. Манфиатҳои худро бо манфиати давлат, ҷомеа ва оила пайваста тавонад.***

***Шаҳрванд бояд қадру қимати худро донад ва онро ҳимоя намояд, аз миллат, таърих ва фарҳанги он бохабар бошад ва онҳоро гиромӣ донад. Худогоҳӣ аз бедории миллии шаҳрванд ба миён меояд ва ӯро ба сӯи ифтихори миллӣ ҳидоят менамояд. Ӯро барои хизмат кардан ба Ватан ва миллат сафарбар мекунад, ба райъи ӯ ғизои ахлоқию маънавӣ ворид месозад. Шаҳрванди хештаншинос ва худогоҳ истиқлолияти давлатии кишвари хешро чун гавҳараки чашм ҳимоя мекунад ва дар ҷодаи ғанӣ гардидани боигарии моддию маънавӣ ва фарҳангии миллат саҳм мегузорад, ифодагари манфиатҳои миллат мебошад.***

***Консепсияи миллии тарбия***

# МОДЕЛИ СЕЗИНАГИИ ТАЪЛИМ ВА МОҲИЯТИ ОН ДАР ШАРОИТИ КУНУНӢ

**Бо пешрафти илму техника дар ҳама давру замон дигаргуниҳои зиёд ба миён меоянд, зеро илм шахшуда нест, он ҳамеша дар таҳаввулот аст. Аз ин рӯ, дар таълим низ дигаргуниҳои нав, ба монанди модели сезинагӣ рӯйи кор омад. Модели мазкур яке аз ҷанбаҳои муҳимтарин ба ҳисоб рафта, он қадамҳои дарсро дар худ инъикос мекунад. Модели сезинагии таълим дар таҷрибаи педагогӣ ба таври васеъ паҳн гардида, барои ташкилу гузаронидани дарсҳои ба ташаккули салоҳиятҳо нигаронида шуда, кумак мекунад.**

Донистан зарур аст, ки модели сезинагӣ ба омӯзгор имконият медиҳад, ки мулоҳизакорона дарсро ба нақша гирифта, онро дар амал татбиқ карда тавонад. Омӯзгор дар раванди таълим дарсро бо модели сезинагӣ ба роҳ монда, ба мақсади гузоштааш мерасад.

Лаҳзаҳои дарс бо мурури замон тағйир меёбанд. Агар дар низоми анъанавӣ лаҳзаҳои дарс 7 - то буданд, дар муносибати босалоҳият дар таълим он аввал 6- то ва баъдтар ба 3- зина оварда шуд. Ин модел кори омӯзгорро осон намуда, дарс хеле ҷолиб ва фаҳмо баён мегардад.

**Модели сезинагии таълим**

**1 ВОДОРНАМОӢ**

- фаъолгардонии таҷрибаи пештара;
- ташаккули ҳавасмандгардони хонанда.
- таҷрибаи пешина, яъне вазифаи хонагӣ(саволгузорӣ, проблемагузорӣ)

**2 ДАРКНАМОӢ (дарки мазмун)**

- мушоҳидаи (пайгирии) фаҳмиши худ
- таҳлили ахбори нав

вохӯрӣ бо маълумотҳои нав (баёни мавзуи нав)

**1 ВОДОРНАМОӢ**

- дарки таҷрибаи азхудшуда
- ташаккули муҳокимарониҳои баҳодиҳӣ
- таҷрибаи нав (мустаҳкамкунӣ)
- чараёни беохири омӯзиш

Бояд қайд кард, ки модели сезинагии таълим имконият медиҳад, ки сохтори дарс ба низоми муайян дароварда шавад:



**Бибиқанд НЕЪМАТОВА,**
номзади илмҳои филологӣ,
омӯзгори калони кафедраи
Методикаи таълими фанҳои
ҷамъиятӣ-гуманитарӣ,
ДҶТИБКСМ

**а) Марҳилаи водорнамоӣ** зинае мебошад, ки он донише, ки хонанда дорад, омӯзгор шавқу ҳаваси кӯдакро ба мавзуи нав равона месозад. Масалан, вақте ки омӯзгор вориди синфхона мешавад, аз хонандагон вазифаи хонагиро пурсон мешавад, яъне дониши пешинаи онҳоро бо роҳҳои гуногун пурсон

мешавад ва дониши хонандаро арзёбӣ менамояд. Методу усулҳои қисмати усулҳои ҷолиби оғози дарс барои гузаронидани зинаи водорнамоӣ зиёданд, ки омӯзгорон бо онҳо шинос хастанд ё дар таҷриба истифода мебаранд. Зарур донистем, ки шуморо бо усули «Чархи андешаҳо» шинос намоем.

**Чархи андешаҳо -** дар маркази «чарх» мафҳум, савол ё проблемаи мавзуи нав навишта мешавад. Вазифаи хонандагон аз он иборат аст, ки ду ё чорнафарӣ кор карда, маълумотҳои доштаашонро оид ба ин мавзуъ нависанд.

**Мисол**. Адабиёт
**Мавзуъ:** Ҷалолиддин Балхӣ мутафаккири абадзинда
- Оё роҷеъ ба ҳаёт ва мероси гаронбаҳои мутафаккир маълумот доред?




Бояд зикр намуд, ки «Чархи ақидаҳо» метавонад аз ададҳои гуногун: бо миқдори 4 - 7 ё 12 иборат бошад. Ин аз мақсадҳои мушаххас ва сатҳи омодагии хонандагон вобаста аст.

- Савол: - Чӣ бояд кард, агар хонандагон миқдори муайяншудаи ақидаҳоро навишта натавонанд?

- Ҷавоб: - Дар ин сурат метавонед навиштани саволҳоеро, ки мехоҳанд, ба он ҷавоб гиранд, пешниҳод намоем. Муҳим: пурра кардани ҳамаи «ақидаҳо» мебошад. Дар ин маврид номуваффақӣ боқӣ намемонад. Бори дигар ёдрас менамоем, асос бедор намудани шавқу ҳавас, муайян кардани сарҳади донишҳои мукаммал ва нопурраи мавҷудаи хонандагон мебошад. Дар хотир бояд гирифт, ки сухан на дар бораи донишҳои ғалат, балки донишҳои алҳол нопурраи хонандагон меравад. Чунки ақидаи нопурраи хонандагонро пурра кардан осонтар аст.

Усули дигаре, ки мо метавонем дар зинаи водорнамоии дарс истифода барем - **«Блитс-пурсиш»** аст. Ин усул имконият медиҳад, ки вазифаи хонагиро аз ҳамаи хонандагон пурсида тавонӣ. Блитс-пурсиш савол ва ҷавоби кӯтоҳро талаб карда, дар ҷавоб гуфтан ҳамаи хонандагон иштирок мекунанд. Усули мазкурро омӯзгор метавонад дар такрори мавзуъҳо низ истифода барад. Мисол:

- Устод Рӯдакӣ намояндаи кадом аср буд?

- Соли таваллуди шоир кадом сол аст?

- Қасидаи «Модари май» ва «Шикоят аз пирӣ» моли кист?

- Зодгоҳи шоир дар куҷост?

Байти зерин «Бирав зи таҷрибаи рӯзгор бахра бигир...» ба қалами кӣ тааллуқ дорад?

**б) Марҳилаи даркнамоӣ** зинае мебошад, ки ба фаҳмиши худи хонандагон равона карда шуда, бо донишҳои нав алоқаманд кардани донишҳои пешинаро мақсади асосӣ медонанд. Дар ин марҳала омӯзгор, мавзуи навро ба хонандагон бо усулҳои нав фаҳмонида медиҳад.

Усулҳое, ки дар зинаи даркнамоӣ истифода мешаванд, инҳоянд: инсерт, харитаи хирад, рӯзномаи дубахша, ММД, диаграммаи чӣ тавр, чаро, барои чӣ, саволҳо ба муаллиф, хониши ботавaққуф.

Одатан омӯзиши баёни мавзуи нав дар муассисаҳои таълимӣ аз чӣ оғоз меёбад? Фикр мекунам, ки аз хондан, дар хотир гирифтан ва нақл кардан. Хонандагон маълумоти нав гирифта, бо он самаранок кор карда тавонанд. Яъне кадом усулҳо (осон ва сода) дар ин марҳалаи дарс заруранд, ба хонандагон дар ин бора маълумот медиҳем.

Омӯзгор зинаи водорнамоиро бомуваффақият мегузаронад ва ба ин васила шавқу ҳавас ва майлу рағбати хонандагон ба дарс бедор мешавад.

Омӯзгор метавонад дар оғози мавзуи нав, яъне зинаи даркнамоӣ аз усули «Ангезиши зеҳн» истифода намояд. Мисол:

**Дар бораи матн ва навъҳои он чӣ маълумот доред?**

Хонандагон андешаҳои худро доир ба матн ва навъҳои он баён мекунанд, омӯзгорро зарур аст, ки фикри ҳар як хонандаро қадр карда, аломатҳои усулро дар тахтаи синф овезон мекунад ва моҳияти корро ба хонанда мефаҳмонад. Баъдан аз хонандагон хоҳиш менамоем, ки мустақилона ба кор шурӯъ намоянд. Қайд бояд кард, ки саволҳо дар тахтаи синф навишта шаванд.

намояд. Усули мазкур имкон медиҳад, хонанда ба омӯзиши мавзуи нав пурра омода гардад.

Дар ин марҳала донишҳои мавҷудаи хонанда пурра муайян мегардад. Омӯзгор баёни мавзуъро пурра фаҳмонида, аз усули инсерт истифода

**МЕТОДИ ИНСЕРТ**

Хонанда системаи аломатгузориро истифода менамояд. Ин имкон медиҳад, ки ӯ ҳангоми хониш фаҳмиши худро пайгирӣ кунад. Бояд гуфт, ки аломатҳои инсерт барои коркарди ахбори нав кумак мерасонад.

| Вазифаи таълимӣ | Маънои рамз/ нишона |
|---|---|
| ✓ нишонагузории ахбороти маълум | медонам, ангуштак дар ҳолате гузошта мешавад, агар он чиро, ки мехонед аллакай медонед. |
| + нишон додани маълумоти нав | - нав, ҷамъ дар мавриде нишона гузошта мешавад, ки дар вақти хондан маълумоти нав, далелҳои нав ошкор гардад. |
| - ёфтани шубҳа ва ихтилоф | шубҳа, мухолифат тире дар мавриде гузошта мешавад, ки агар ҳангоми хондани матн ғалату ихтилоф ошкор гардад. |
| ? пешниҳоди саволҳо дар рафти кор бо матн. | нофаҳмо, савол маънои калимаю ҷумла, сарсатр, ақида…и нофаҳморо ифода мекунад. |

Саволгузорӣ дар тахтаи синф чунин роҳандозӣ мешавад:

| | |
|---|---|
| - Кадом маълумоти медонистаатонро дар матн вохӯрдед (шумо дар куҷо ангуштак гузоштед)?<br><br>- Чӣ маълумоти навро омӯхтед (оё шумо аломати «+» доред? Чандто? Дар куҷо?)? Дар кадом хусус бештар донистан мехостед? | - Шумо дар муқоисаи мундариҷаи матн ва донишҳои мавҷудаи худ дар куҷо бо ихтилоф рӯ ба рӯ шудед? (Кӣ ғалатҳоро ёфта метавонад? Миқдори ғалат чӣ қадар аст?)<br><br>- Кадом саволҳо пайдо шуданд? Чӣ нофаҳмо буд? Дар фаҳмиши кадом калимаҳо душворӣ кашидед? |

Ба сифати ҷамъбаст - пурра кардани маълумотҳои нисбатан муҳим дар ҷадвали «инсерт». Агар дар дарс вақт камӣ кунад, он гоҳ метавонед пур кардани ҷадвалро супориши хонагӣ диҳед.

**Ҷадвали Инсерт**

| ✓ | + | - | ? |
|---|---|---|---|
| | | | |

Ба хонандагон тавсия карда мешавад, ки миқдори муайяни аломатҳо дар саҳифаи китоби дарсӣ шарт нест (аломатҳо бо қалам гузошта мешаванд), хонанда метавонад сатр, калима, ҷумла ё сарсатрро аломат гузорад. Муҳимаш *назорат бурдани фаҳмиши шахсӣ, алоқаманд кардани донишҳои мавҷуда бо донишҳои нав, дарёфти ғалатҳо мебошад.*

Ба хонандагон тавсия карда мешавад, ки миқдори муайяни аломатҳо дар саҳифаи китоби дарсӣ шарт нест (аломатҳо бо қалам гузошта мешаванд), хонанда метавонад сатр, калима, ҷумла ё сарсатрро аломат гузорад. Муҳимаш *назорат бурдани фаҳмиши шахсӣ, алоқаманд кардани донишҳои мавҷуда бо донишҳои нав, дарёфти ғалатҳо мебошад.*

Усули дигаре, ки дар лаҳзаи даркнамоии дарс истифода бурда мешавад, ин усули **«5П»** мебошад. Ин усул имкон медиҳад, ки дар раванди дарс масъалае ба монанди Тадқиқот! Саволгузорӣ! Хондан! Такрор кардан ва Баррасӣ! мушоҳида мешавад. Мафҳуми SQRPR ба маънои S (сурвер) - таҳқиқот, Q - савол, R - хондан, P - такрор кардан ва R шарҳу баррасӣ фаҳмида мешавад. Мисол: Омӯзгор доир ба ҳаёти Абуалӣ ибни Сино дар гурӯҳҳо матнҳо доир ба мавзуъ тақсим мекунад. Хонандагон доир ба матнҳо таҳқиқот мегузаронанд, яъне ҳар кас андешаҳои худро доир ба Абуалӣ ибни Сино аз китоб ё сарчашмаҳои интернетӣ зуд мехонад, ба матни хондааш саволҳо тахия мекунад,ҷойҳои асосиро ба худ қайд мекунанд, матнро бори дигар такрор мекунанд ва дар охир бори дигар матнро аз назар мегузаронанд.

Намояндагони ҳар гурӯҳ мавзуъро муаррифӣ карда, фикру андешаҳои ҳар як аъзои гурӯҳро ба аҳли синф баррасӣ менамояд.

**Қадамҳои усули «5П» инҳоянд:**

*1Р – матнро аз назар гузаронед (зуд);*
*2Р - барои ӯ саволҳо пешниҳод кунед;*
*3Р – муҳимтарин ҷойҳоро бо қалам қайд кунед;*
*4Р - матнро такрор кунед (бо истифода аз калимаҳои калидӣ);*
*5Р - матнро бори дигар аз назар гузаронед.*

**в) Марҳилаи мулоҳизааронӣ** зинае мебошад, ки барои мустаҳкам намудани дониш, фаҳмиши дурусти донишҳои гирифташуда, худбаҳодиҳӣ ва худтаҳлилнамоии такмилёбии андешаи фардӣ равона мегардад. Омӯзгор метавонад, дар мустаҳкамкунии мавзуъ аз усулҳои харитаи хирад, диаграммаи чӣ тавр, барои чӣ, кластер, чаро, намоиши кубӣ, дуруст ва нодуруст, кор бо картотейка ва синквейн истифода барад. Дар раванди дарс низ ҳар чиз ибтидо ва интиҳо дорад. Лаҳзаи мулоҳизаронии дарс бояд хотирмон ва пурмаҳсул бошад. Мутаассифона, аз ҷониби баъзе омӯзгорон дар муассисаҳо лаҳзаи мулоҳизаронӣ чунин мушоҳида мешавад, занг зада мешавад, омӯзгор бо суръати баланд ва тез-тез сухан карда, дарсро тамом мекунад. Ё ин ки супориши вазифаи хонагӣ дода шуда, бо ҳамин дарс тамом шуд.

Қисмати хотимавии дарс бо як қатор усулҳои махсус анҷом дода мешавад: тартиб додани ҷадвал, нақша, навиштани корҳои гуногуни хаттӣ ва ғайра.

Ин усулҳо барои барқарор кардани робитаи мутақобила, муайян кардани дараҷаи фаҳмиш ва таъмини мулоҳизаронӣ (рефлексия) истифода мешавад. Яке аз чунин усулҳо, ки ба хонанда барои сода баён кардани фикри худ имконият медиҳад, усули «проблемаро фирист» ном дорад:

## «ПРОБЛЕМАРО ФИРИСТ»

Хонанда ҳудуди фаҳмиши худро муайян мекунад, дар донишҳои худ «доғҳои сафед»-ро меёбад ва савол медиҳад.

| | |
|---|---|
| - Пас аз нақли омӯзгор, хониши матн, иҷрои машқ ва ҳалли масъала баррасии робитаи мутақобила муфид аст.<br>Барои ин гурӯҳҳои чорнафарӣ созмон дода мешавад ва ҳар як хонанда дар гурӯҳҳои хурд савол – масъалаи худро менависад.<br>- чӣ нофаҳмо?<br>- кадом амал, қоида, қонун шарҳи иловагиро талаб мекунад? | - Масъалаҳо - «доғи сафед» дар гурӯҳҳо муҳокима мешаванд ва агар гурӯҳҳо ба савол ҷавоб ёфта натавонанд, пас савол ба муаллим фиристода мешавад.<br>- Аслан, дарҳол ба савол ҷавоб додан шарт нест. Омӯзгор метавонад боз ба хонандагон мурочиат карда гӯяд, канӣ кӣ ба ман ёрӣ медиҳад?, кӣ метавонад ба ин савол ҷавоб ёбад ва амсоли ин.<br>Танҳо пас аз ин омӯзгор метавонад ҷавобҳоро пурра кунад ва ё ҷавоби муфассал пешниҳод намояд. |

Ҳакими юнонӣ гуфта буд: «Барои ман такягоҳ ёбед, ман оламро чаппа мекунам» . Дарки ҳудудҳои нофаҳмиҳои худ такягоҳест барои баланд бардоштани донишу малакаҳои худ. Худбаҳодиҳиро дар кӯдак бояд ташаккул дод ва инро мо метавонем дар дарсҳои худ ба роҳ монем.

Усули дигаре, ки метавон дар лаҳзаи мулоҳизаронӣ истифода бурд, усули **«Галерея»** - нигористон мебошад. Усули мазкур имкон медиҳад, ки як ё якчанд масъала якбора дар гурӯҳҳои хурд муҳокима карда шаванд. Дар айни замон ҳар як аъзои гурӯҳ метавонад дар муҳокимаи ҳамаи масъалаҳои пешниҳодшуда иштирок намуда, саҳм гузорад. Ҳадафи истифодаи ин усул он аст, ки инкишофи малакаҳои кор дар гурӯҳ ва арзёбӣ карда тавонистани кори дигарон мебошад. Хонандагон метавонанд дар гурӯҳ:

1) савол гузошта, роҳи ҳалляро ҷустуҷӯ менамоянд;
2) андешаҳои худро дар гурӯҳ таҳлил мекунанд;
3) ҷавобҳоро муҳокима менамоянд;
4) ҷавобҳоро муҳокима мекунанд;
5) ба мулоҳизаҳои худ далел меоранд.




Ҳамчунин, метавонем дар зинаи мулоҳизаронӣ тавассути саволҳои зерин рефлексия гузаронем. Рефлексия дар охири ҳар як дарс зарур аст. Чунки хонандагон муайян мекунад, ки чӣ мақсад дошт, чиро аз мавзуъ фаҳмид, чиро такмил додан зарур ва кадом маълумотро фаҳмид ва дар амал татбиқ карда метавонад.

1. Шумо аз машғулиятҳои имрӯза чиро омӯхтед, ки шумо ният доред, ки дар омӯзиши муаллимони худ истифода баред?
2. Имрӯз ба шумо чӣ бештар маъқул шуд?
3. Оё дар машғулияти имрӯза чизе норавшан буд? Шумо бо ин чӣ гуна муносибат мекардед?
4. Муҳимтарин чизе, ки шумо имрӯз омӯхтед (дониш ва/ё малака) чист?
5. Дигар шарҳҳо.



Хуллас, модели сезинагии таълим ҳавасмандкунии фаъолияти дарпешистода, барқарор намудани алоқамандии мавзуи нав бо мавзуи гузашта ва худбаҳодиҳӣ мебошад. Бо боварӣ метавон гуфт, ки модели мазкур кори омӯзгоронро осон намуда, бо ин васила ҳам омӯзгор ва ҳам хонанда ба мақсади гузоштаашон мерасанд.

### АДАБИЁТ:

1. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 4. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-65с.
2. Банақшагирии дарс дар асоси стандартҳо, китоби дарсӣ ва замимаҳо (Дастур барои омӯзгор). Модули 2. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-73с.
3. Маводи тақсимотӣ оид ба истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда ва арзёбии омӯзиш (Барномаи Федерасияи Русия барои рушди маориф). Душанбе., 2018. -64.саҳ.
4. Мухторӣ Қ. Татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои табиӣ ва технологияи информатсионӣ.Душанбе 2018. -40 с.
5. Методика дар низоми таълими салоҳиятнокӣ (Дастур барои омӯзгор). Модули 3. Мураттибон: Ниёзов Ф., Алиев А., Нусратов Б., Ҷонмирзоев Э., Қодиров Н., Иргашева М., Зиёев Қ.- Душанбе, 2016.-141с.
6. http://www.ido.rudn.ru/psychology/pedagogical_psychology/8.html.Педагогическая психология. Тема 8. Психологические основы типов обучения. 8.1. Традиционное обучение: сущность, достоинство и недостатки.

# ТАЪСИРИ УСУЛҲОИ МУОШИРАТ БА ҶАРАЁНИ ТАЪЛИМУ ТАРБИЯ

**Одам тавассути шуури худ дар ибтидои зиндагӣ аввал олами иҳотакардаашро меомӯзад, сипас онро ба манфиати худ дигаргун месозад. Ҷараёни омӯзиши олами иҳотакарда, аз тарафи насли наврас бо дастгирии калонсолон сурат мегирад. Дар ибтидо ба кӯдакон волидон ва аҳли оила мадад мерасонанд, ки олами иҳотаашонро дарк намоянд. Минбаъд, тавассути таълим кӯдакон бо ёрии омӯзгорон мекӯшанд, ки олами иҳотакардаашонро дониста гиранд.**



**Нодир АМОНОВ,**
номзади илми психология, дотсенти кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими ДҶТИБКСМ

Бояд қайд кард, ки ҷараёни таълим тавассути муошират сурат мегирад. Муошират воситаи асосие мебошад, ки тавассути он омӯзгор ба шогирд дониш, маҳорат ва малакаи худро меомӯзонад. Ин ҷараён босамар мешавад, агар муоширати омӯзгор бо шогирд созанда бошад. Зеро, муоширати педагогӣ, ки дар байни устод ва шогирдон ба амал меояд, ягона воситаи аз омӯзгор ба хонандагон гузаштани дониш, маҳорат ва малакаҳои зиндагӣ мебошад. Дар сурати нодуруст ба роҳ мондани муоширати педагогӣ шогирдон аз ин дониш, маҳорат ва малакаҳои барои онҳо муҳим маҳрум мемонанд. Бинобар ин, ҷараёни дурусти ба роҳ монданӣ муоширати педагогӣ барои таълим ва тарбияи насли наврас аҳамияти калон дорад.

Муоширати педагогӣ усулҳои худро доро мебошад: авторитарӣ, демократӣ ва либералӣ. Ҳар яке аз ин усулҳо ба ҷараёни таълиму тарбия таъсири муайяни худро мерасонаду сифат ва самараи худро доро мебошад. Масалан, усули авторитарии муошират тавассути фишор овардан дар майнаи хонандагон тарсу воҳима пайдо мекунонад, ки боиси пайдошавии ҳиссиёти астеникӣ мегардад. Ҳиссиёти астеникӣ қувваи кории шогирдонро паст мекунад ва шогирдон дар зери таъсири тарсу ҳарос омӯзгорро гӯш карда, супоришҳои ӯро иҷро мекунанд. Омӯзгоре, ки аз усули авторитарии муоширати педагогӣ истифода мебарад, пеш аз ҳама, бе чуну чаро иҷро кардани ҳар як супоришро талаб мекунад. Хонандагон зери фишори омӯзгор қарор гирифта, имконияти ташаббус нишон доданро аз даст медиҳанд. Ҳар як ташаббуси хонандагон аз тарафи омӯзгор ҳамчун худписандӣ ва худнамоишдиҳӣ қабул карда мешавад. Ҳама ҳаракату амали хонандагон бо ҷузъиётҳояшон бояд мувофиқи супориши омӯзгор иҷро карда шаванд. Дар рафти амалӣ шудани муоширати авторитарӣ баъзан хонандагон ҷуръат намекунанд, ки саволи дар фикрашон пайдошударо пурсанд ва ё ақидаи худро оид ба мавзуъ баён намоянд. Баҳодиҳӣ низ аз тарафи омӯзгор характери субъективиро доро аст. Омӯзгор метавонад якеро беасос баҳои баланд ва дигареро баҳои манфӣ гузорад

Ба ин васила, хонандагон набояд ба чараёни баҳогузории омӯзгор монеъ шаванд, зеро ин масъулияти танҳо омӯзгор ҳисобида мешавад.

Усули демократии муошırати педагогӣ куллан аз усули авторитарӣ фарқ мекунад. Дар усули демократии муошират тавассути дастгирӣ ва руҳбаланднамоӣ дар хонандагон ҳиссиёти стеникӣ пайдо мешавад. Дар зери таъсири ҳиссиёти стеникӣ қувваи кории хонандагон дучанд мешаваду онҳо фаъолтар шуда, бо завқи баланд дарсро гӯш карда, супоришҳои омӯзгорро ичро мекунанд. Омӯзгоре, ки аз усули демократии муошırати педагогӣ истифода мебарад, пеш аз ҳама, ба хоҳиш ва шавқу завқи хонандагон эътибор дода, ичро кардани ҳар як супоришро талаб мекунад. Хонандагон аз муносибати хуби омӯзгор ҳавасманд шуда, имконияти ташаббус нишон доданро пайдо мекунанд. Ҳар як ташаббуси хонандагон аз тарафи омӯзгор дастгирӣ меёбаду боиси мароми ҳамкорӣ намудани омӯзгору хонандагон мешавад. Ҳама ҳаракату амали хонандагон ҳавасманд карда мешаванд. Дар рафти амалӣ шудани муошırати демократӣ хонандагон имкон пайдо мекунанд, ки саволи дар фикрашон пайдошударо пурсанд ва ё ақидаи худро оид ба мавзуъ баён намоянд. Баҳодиҳӣ низ аз тарафи омӯзгор характери объективиро доро аст. Омӯзгор бо хонандагон маслиҳату машварат карда истода, кӯшиши мондани баҳои объективиро мекунад, яъне ба беҳтаринҳо баҳои баланд гузошта, ба шогирдони пассив баҳои манфӣ мегузорад. Хонандагон дар чараёни баҳогузории омӯзгор фаъолона ширкат меварзанду баҳо шаффофона гузошта мешавад.

Усули либералии муошırати педагогӣ нисбатан камсамар аст. Омӯзгор дар рафти амалӣ намудани ин усул масъулиятро аз худ дур карда, нисбат ба сифат ва самаранокии чараёни таълим ва тарбия беэътиноӣ зоҳир мекунад.

Бояд қайд кард, ки агар чанбаҳои гуногуни ин ҳамкории «омӯзгор-хонанда» -ро дар заминаи сифати он таҳлил намоем, мо метавонем оид ба ду намуди муошırати педагогӣ сухан ронем. Намуди якумро ҳамчун муошırати ҳақиқии педагогӣ ҳисобидан мумкин аст, ки аз рӯи нақша бо формулаи «субъект – омӯзгор – субъект - хонанда» шарҳ дода мешавад. Ин чунин маъно дорад, ки ҳардуи тарафи муошıраткунанда муошıратро аз руйи ҳамкорие ба роҳ мемонанд, ки хусусиятҳои психологии (шавқу завқ, маром, мақсад, хоҳиш, мизоч, қобилият ва ғайра) якдигарро ба эътибор бигиранд.

Омӯзгор ҳангоми амалигардонии ин намуди муошırат ягон талаботро пешниҳод намуда истода, пеш аз он тасаввур менамояд, ки нисбати ба шогирдон чӣ гуна муносибат хоҳанд кард. Барои талаботро дуруст дарк намудани хонандагон, омӯзгор онро асоснок менамояд: «Ин супориш бояд ичро карда шавад, зеро…», фаъолияти таълимии хонандагонро баҳо дода, омӯзгор шарҳ медиҳад, ки барои чӣ ин баҳо монда шуд ва ӯ дар оянда барои баҳои баландтарро гирифтани хонанда бояд кадом корҳоро ичро намояд. Ба хонандагон баҳо монда истода, инчунин, омӯзгор фардият, характер ва лаёқати хонандагонро низ ба назар мегирад. Дар чараёни муошırат бошад, омӯзгор мавқеи баробарро нисбат ба шогирдон ишғол намуда, дар симои шогирдон ҳамсуҳбати баробарҳуқуқро мебинаду бе ҳеч гуна ғурур ва хунукназарӣ бо онҳо муошırат менамояд (усули демократии муошırати педагогӣ).

Дуюм намуди муошırати педагогӣ, дар муассисаҳои таълимии имрӯза ниҳоят бисёр вомехӯрад ва онро мо ҳамчун сохтакории педагогӣ меномем. Ба таври нақша онро бо формулаи «субъект – омӯзгор – объект - хонанда» ишора намудан мумкин аст (усули авторитарии муошırати педагогӣ).

Моҳиятан, сохтакории педагогӣ ба пуррагӣ чараёни муошırат набуда, балки нусхаи қалбакии он мебошад. Рафтору гуфтугӯи омӯзгор ва хонанда зоҳиран ба муошırат монандӣ дорад: онҳо ба якдигар сухан мегӯянд. Аз нигоҳи психологӣ бошад, омӯзгор ба хонанда ибораеро гуфта исто-

да, муносибати фардии хонанда ва баҳои ӯро ба эътибор намегирад, ки онҳо на ҳама вақт бо муносибат ва баҳои омӯзгор рост меоянд (усули авторитарии муошырати педагогӣ).

Зимнан, ин ҷо айб танҳо дар омӯзгор нест. Таълим дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ чунин ба роҳ монда шудааст, ки дар он хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии хонандагон кам ба эътибор гирифта мешавад. Масалан, хонандагони мо наметавонанд, ки дар асоси шавқу завқашон фанҳои таълимиро интихоб намоянд, ё ин ки барои омӯхтани ягон фан ба дарсҳои омӯзгори писандидаашон дароянд. Умуман, муассисаҳои таълимии имрӯза бояд ба ин ҷиҳат эътибор диҳад.

Дар ҳар сурат, омӯзгор ҳамеша ба хонанда бояд ҳамчун ба объекти таълим муносибат намояд. Хонандагонро ҳамчун объекти таълим ташаккул дода, омӯзгори синфҳои ибтидоӣ маҷмуи қоидаҳо ва талаботи махсусро тартиб медиҳад, ки иҷрои онҳо барои хонандагон ҳатмӣ мешавад. Хонандагонро ҳамчун объекти таълим ба эътибор гирифта, омӯзгор ба оқибатҳои амалҳои худ аҳамият намедиҳад. Вай муошырати расмиро амалӣ гардонида, аз усулҳои назорати қатъӣ, фишори эмотсионалию роҳбарӣ истифода мебарад ва дар хонандагон ҳиссиёти тарсу ваҳмро пайдо карда, онҳоро ба пассивию тобеъ будан ҳидоят менамояд (усули авторитарии муошырати педагогӣ).

Оқибати сохтакории педагогӣ чӣ мешавад? Хонандаҳо аз будаш зиёд изтиробнок, пассив ва ба имкониятҳои худ нобовар мешаванд. Онҳо ҳатто намедонанд, ки мақсад ва шавқу завқи аз муассисаи таълимӣ фарққунандаи худро доштан хуб аст ё бад, яъне онҳо дар ҳақиқат, психологияи «Ман» -и худро гум мекунанд. Дар натиҷа, онҳо ё аз тобеият мебароянд, ё саркашӣ мекунанд, ё нисбат ба муассисаи таҳсилотӣ нафрат пайдо менамоянд. Дар ҳар сурат, дар чунин муҳити таълим ҳаматарафа инкишоф ёфтани шахсият душвор мешаваду ташаккули тафаккури озоду эҷодкоронаи хонандагон қатъ мегардад. Дар насли наврас қобилияти азнавҳосилкунӣ ташаккул мeёбаду онҳо танҳо ҳамчун иҷрокунандаи фаъолият ба воя мерасанд (усули авторитарии муошырати педагогӣ).

Акнун биёед, андеша намоем: ба таври воқеӣ дар ҳаёти муассисаи таҳсилотӣ чӣ рӯй дода истодааст? Оё дар ҳақиқат хонандаи мо объекти таълим ва тарбия мебошад? Агар ба синф дар вақти танаффус то даромадани омӯзгор нигарем, метавонем, омӯзгор ва тарзи муносибаташ ба хонандагонро тассавур намоем. Агар хонандагон озод, хурсанду фориғбол бошанд ва дар рафти муошират озодона ақидаи худро баён карда тавонанд, дурустии фикри худро асоснок намуда исбот намоянд, пас дар ин синф омӯзгори пешқадам фаъолият кардааст, ки бо хонандагон муошырати созандаро анҷом додааст (усули демократии муошырати педагогӣ). Агар хонандагон пассив ва бадқаҳр бошанд, тафаккур ва фаъолияти якхела дошта бошанд, нисбат ба калонсолон нобоварӣ зоҳир намоянд, ба гуфтугӯи озод ҳамроҳ нашаванд, пас омӯзгори ин синф аз рӯйи тавсияҳои муайян фаъолият намуда, муошырати сохтакорона истифода мебарад (усули авторитарии муошырати педагогӣ). Ин нишонаҳо бисёр равшан дар синфҳои ибтидоӣ зоҳир мешаванд, зеро дар ин зиннаи таҳсилот, дар синфҳои зикршуда муддати якчанд сол як омӯзгор дарс медиҳад.

Тассавур менамоем, ки омӯзгори синф тағйир мeёбад ва ба синфи омӯзгорӣ аз рӯи директиваҳо амал мекардагӣ (яъне, усули авторитарии муошырати педагогӣ), омӯзгори демократ меояд. Чунин воқеа рӯй хоҳад дод: омӯзгор аз камфаъолиятии хонандагон, аз ҳад зиёд беҷуръат будани онҳо, аз набудани ташаббускорӣ ва эҷодиёт дар хонандагон норозӣ мешавад. Хонандагон бошанд, намефаҳманд, ки омӯзгори нав аз онҳо чӣ мехоста бошад? Шояд чунин низ шавад, ки оҳиста-оҳиста дар синф хонандагони фаъолу эҷодкор пайдо шаванд. Аз паси онҳо бошад, дигар хонандагон боҷуръату фаъолтар меша-

ванд. Ҳамин тавр, бо мурури замон дар байни омӯзгор ва хонандагон якдигарфаҳмие ба вуҷуд хоҳад омад, ки ба омӯзгор лозим аст. Аммо чунин низ шуданаш мумкин аст, ки синф тарзи одаткардаи таълими аз омӯзгори пешина гирифтаро ба омӯзгори нав мегузаронад ва ӯ аз тарафи синф «тарбия» карда мешаваду ба яке аз омӯзгорони аз рӯйи директиваҳо (усули авторитарии муоширати педагогӣ) рафтор мекардагӣ табдил меёбад ва бо хонандагон воситаҳои муоширати сохтакориро истифода мебарад.

Аз мисоли мазкур маълум мешавад, ки аниқ муайян намудани субъект ва объекти таълим душвор аст. Маълум мешавад, ки омӯзгор ва хонанда аз якдигар ҷудо вуҷуд дошта наметавонанд. Дар натиҷаи ҳамкории онҳо як «организми» нав ба вуҷуд меояд, ки дар он аз як тараф ба тарафи дигар таъсир намуда, аз он тараф таъсири муайянро низ қабул менамояд. Ба монанди ин, хонандагон ҳам на танҳо таъсири омӯзгорро қабул мекунанд, балки ба омӯзгор низ таъсири худро мерасонанд. Дар натиҷа, муоширати баробари омӯзгорон ва хонандагон ҳамчун субъектҳои ҳамкор ба вуҷуд меояд.

Шогирдон ҳамеша омӯзгоронро мушоҳида мекунанд: оё дар муошират бо онҳо донишу маҳорати омӯзгорон ғанитар мешавад? Агар не, чӣ ҳоҷат ба дарсу ба китобу ба худи омӯзгорон? Ҳамкорӣ дар сурате хуб ба роҳ монда мешавад, ки ҳар ду ҷониб ба ҳамдимгар таваҷҷуҳ дошта бошанд. Пас, бояд ҳарду ҷониб ҳуқуқи якхеларо соҳиб шаванд. Албатта, байни устоду шогирд фосилаи муайяне зарур аст, вале он набояд монеа ё деворе бошад, ки аз он наметавон гузашт.

Ҳамин тавр, истифодаи намуд ва усулҳои муоширати сохтакорӣ дар мактаб бо ду сабаб бесамар мебошад. Якум ин ки инкишофи озоди тафаккури эҷодии хонандагонро боз медорад. Дуюм, дар ҷараёни таълим зиддиятҳо ба вуҷуд меоянд: хонандагон бошуурона рафтор менамоянду шавқу завқ, хоҳиш ва талаботи худро доранд, ки дар равиши муоширати сохтакорӣ ба эътибор гирифта намешаванд. Хонанда ҳеҷ вақт субъекти таъсир шуда наметавонад, ӯ ҳамеша бояд субъекти ҳамкорӣ бошад.

Ҳамкориро бо хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ чӣ гуна бояд ташкил намуд? Аз ҳама муҳимаш бо тамоми ҳастӣ бояд амал намуд. Бо хонанда бе мақсад ва бепарвоёна набояд сухан кард. Бикӯшед, ки дар симои хонанда ҳамсуҳбатро бинед на танҳо хонандаро. Аз муоширати расмӣ канораҷӯӣ бояд кард. Ҳадаф бояд он бошад, ки бо ҳар як хонанда алоқаи психологиро ба роҳ монед. Аз шавқу завқи хонандагон огоҳ бошед ва кӯшиш намоед, ки дар ҳалли мушкилоти хонандагон бетараф намонед.

Хусусиятҳои синнусолӣ ва фардии хонандагонро ба эътибор бигиред. Фаромӯш накунед, ки хонандагони синни хурди мактабӣ талабот ба таъриф, дастгирӣ ва ғамхорӣ доранд. Наврас майли баробарҳуқуқиро дораду навҷавон эҳтиромро металабад.

### АДАБИЁТ:

1. Амонов, Н.Қ. Асосҳои психологии муоширати педагогӣ. – Душанбе, 2003.

2. Бадалев, А.А. Личность и общение. - М., 1983.

3. Дерманова, И. Б., Сидеренко Е. В. Психологический практикум. -СПб, 2002.

4. Добрович, А.Б. Воспитателю о психологии и психогигиене общения. - М., 1987.

5. Доценко, Е.А. Психология манипулирования. - М., 1996.

6. Занков, В.В. Понимание в познании и общении. - М., 1994.

7. Ильин, Е.Н. Искусство общения. – М.: Педагогика, 1989.

# ВУСЪАТИ ОМӮЗИШҲОИ ФОСИЛАВӢ ДАР НИЗОМИ ТАКМИЛИ ИХТИСОСИ КОРМАНДОНИ СОҲАИ МАОРИФ

## (ДАР МИСОЛИ ОМӮЗИШҲОИ ОМЕХТА)

**Имрӯзҳо ҳаёти ҷомеаро бидуни техника ва технологияҳои муосир тасаввур кардан имконнопазир аст. Маҳаки асосӣ дар ин ҷабҳа истифодаи ин васоит дар ҳамаи соҳаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ мебошад, яъне технологияи иттилоотӣ, алалхусус, компютер барои хонандагон, донишҷӯён, омӯзгорон, муҳосибон ва кормандону мутахассисони ташкилоту муассисаҳои гуногун, новобаста аз шакли фаъолияташон омили асосии корӣ гардидааст.**



**Зикриё РАҶАБОВ,**
корманди лоиҳаи USAID
«Биё, ҳамроҳ омӯзем»

Агар дар солҳои аввали пайдоиш технологияи компютерӣ танҳо барои иҷрои ҳисобкунии мураккаби илмӣ истифода шуда бошад, ҳоло он барои ҳал намудани муаммоҳои гуногуни пешбурди фаъолияти соҳаҳои гуногун хидмат мекунад. Яке аз муаммоҳои муҳимми ин соҳа, нигоҳдорӣ, коркарди саривақтӣ ва истифодаи ахбору маълумоте, ки ҳар дақиқа афзуда истодаанд, мебошад.

Аз ин лиҳоз, ворид ва ҳамгиро сохтани технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ба раванди таълим ва ба ин васила, самараноку муосир гардонидани соҳа амали саривақтӣ ва муҳим ба шумор меравад. Дар ин самт такмили маҳорати касбии омӯзгорон, огаҳии онҳо аз падидаҳои самараноки соҳаи педагогика ва истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ ба мақсади тақвияти малакаҳои касбии онҳо нақши муҳим дорад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ дар ташаккул ва такмили ихтисоси омӯзгорон дар ҷаҳони муосир ба таври васеъ ва муназзам дар қолаби (модели) «Омӯзиши омехта» ба роҳ монда шудааст. Таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки модели «Омӯзиши омехта» ба такмили маҳорати касбии омӯзгорон таъсири мусбат расонда, онро самаранок мегардонад.

Омӯзиши омехта модели омӯзишиест, ки дар он шаклҳои омӯзиши аудиторӣ (семинар, машварат, лексия), омӯзиши фосилавӣ (тариқи воситаҳои технологияҳои иттилоотиву коммуникатсионӣ), иҷрои корҳои амалӣ ва роҳбаладӣ ба мақсади тақвияти маҳорати касбии омӯзгорон ба таври ҳамгиро доир карда мешавад.

Раванди омӯзиши омехта дар асоси маводи таълимию методии анъанавӣ (чопӣ), платформаи рақамӣ (онлайн ва оффлайн) ва маводи аудиовидеоӣ, ки мазмун, мундариҷа ва натиҷаҳои ниҳоии барномаи такмили маҳорати касбии омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро фаро мегиранд, ба роҳ монда мешавад.

**Шакл ва сохтори омӯзиши омехта**

Омӯзиши омехта муносибати нав дар соҳаи такмили ихтисоси омӯзгорон мебошад. Қобили қайд аст, ки дар педагогикаи муосир шаклҳои гуногуни «Омӯзиши омехта» истифода мешавад.

Шакли «Марказҳои омӯзишӣ/гардиш» ба роҳ мондани омӯзишро дар «марказҳо»-и гуногун дар асоси барномаи муайян дар назар дорад. Дар зер шарҳи мухтасари он, ки омӯзгорон дар ҳар як «марказ» чӣ меомӯзанд ва чӣ кор мекунанд, оварда шудааст.

**Маркази омӯзишии 1. Марказҳои методии минтақавӣ**

Марказҳои методии минтақавӣ (МММ) мувофиқи Низомномаи намунавии Маркази методии минтақавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бо қарори мушовараи Вазорати маориф ва илми ҶТ аз 27 июли соли 2020, №1117 тасдиқ карда шудааст) аз ҷониби раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо таъсис дода шуданд.

**Маркази омӯзишии 2. Иттиҳодияҳои методии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ**

Иттиҳодияҳои методии омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар ҷараёни омӯзишҳои омехта нақши муҳим доранд. Омӯзгорон ин марказро ҷиҳати таҳлил ва баррасии мушкилот ва комёбиҳояшон бо ҳамкасбон ва роҳбаладони муассисаи худ истифода хоҳанд бурд. Омӯзгорон дар банақшагирии дарсҳо, мушоҳидаи кори ҳамкасбон ва омӯзиши мафҳумҳои нав ширкат меварзанд ва аз ҳамкорон ва роҳбаладон фикру мулоҳизаҳои муфид мегиранд.

Роҳбарони ИМ фаъолиятҳоро дар ин марказ дар ҳамкории зич бо роҳбарони МММ пеш мебаранд.

**Маркази омӯзишии 3. Платформаи рақамии омӯзиши омӯзгорон**

Ин маркази асосии омӯзишӣ мебошад. Ҳар як омӯзгори муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар платформаи рақамӣ сабти ном мешавад. Тартиби сабти ном ва истифодаи платформаи рақамӣ дар Дастурамали истифодабаранда қадам ба қадам шарҳ дода шудааст. Пас аз омӯзиши ҳар як бахши омӯзиш омӯзгор тест ва супоришҳои мустақилонаро иҷро карда, соҳиби Шаҳодатнома мегардад. Ҳангоми омӯзиш тариқи платформа омӯзгор тавассути равзанаи «Чат» бо омӯзгорони дигар ва роҳбалад саволҳои гуногунро баррасӣ мекунад. Раванди омӯзиши омӯзгорон тавассути платформаи роҳбалад назорат карда мешавад. Роҳбалад бевосита натиҷаи омӯзгоронро дар платформаи худ дида, маълумоти сифативу омориро ба мақсади расонидани ёрии методӣ ва арзёбӣ таҳлил карда метавонад.

Се роҳи дастрасӣ ба платформаи рақамӣ мавҷуд аст:

1. Зеркашии ройгони барномаи мобилӣ аз торнамои «Play Market» барои истифода дар смартфонҳо ё планшетҳо бо барномаи Андроид. Барои зеркашӣ кардан интернет лозим аст, аммо барномаро пурра ба тариқи офлайн (бе дастрасӣ ба шабакаи интернет) истифода кардан мумкин аст.

2. Дастрасӣ ба вебсайти платформаи рақамӣ дар ҳама гуна компютер ё дастгоҳ. Ин роҳ ҳам дастрасӣ ба интернетро талаб мекунад.

***Қисмҳои платформаи омӯзишӣ дар заминаи Системаи иттилоотии рушди касбии омӯзгорон (СИРКО)***

**1) Асосӣ** – маълумоти мухтасар оид ба фаъолиятҳои омӯзишӣ ва тестҳои ташхисӣ

**2) Модулҳо** – маводи таълимӣ бо қисмҳои назариявӣ, амалӣ ва арзёбӣ

**3) Натиҷаҳои «ман»** – натиҷаҳои арзёбӣ ва сертификатҳои рақамӣ аз ҳар як модул, натиҷаҳои мушоҳидаи дарс ва тавсияҳои роҳбалад

**4) Чат** – муошират байни омӯзгорони дигар ва роҳбалад

**5) Галерея** – сурат, видеонаворҳо, нақшаҳои дарс, ки омӯзгорон дар саҳифаи худ ворид мекунанд

**6) Маводи иловагӣ** – маводи иловагии таълим, аз ҷумла, наворҳои видеоӣ, нақшаҳои намунавии дарс, дастурамалҳои методӣ ва ғайра.

**Маркази омӯзишии 4. Платформаи рақамии роҳбаладон**

Платформаи рақамии роҳ-

баладон ба мақсади расонидани ёрии методӣ ба омӯзгорон ва мушоҳидаи раванди омӯзиши онҳо таҳия шудааст. Платформаи мазкур аз маҷмуи варақаҳои мушоҳидаи дарс, махзани маводи таълимиву методӣ, форум ва галерея иборат аст. Дастрасӣ ба имкониятҳои платформаи мазкур ба роҳбарони МММ, роҳбаладони сатҳи ноҳия, мушовирони синфҳои ибтидоии раёсат ва шуъбаҳои маориф, кормандони шуъбаи таълим ва кафедраҳои таҳсилоти ибтидоии Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он фароҳам оварда мешавад. Платформаи роҳбаладро ҳамчун платформаи омӯзгор аз Плей-маркет ё тариқи сомона дастрас кардан мумкин аст.

### Маркази омӯзишии 5. Синфхона

Яке аз вазифаҳои омӯзгор дар раванди омӯзиши омехта дар амал татбиқ кардани усулҳои наве, ки дар раванди омӯзиш аз худ мекунанд, мебошад. Омӯзгор пас аз омӯхтани модулҳо, усулҳои тавсияшавандаро дар нақшаи дарси худ ҷо дода, ин усулҳоро мегузарад. Пас аз гузаштани дарс, нақшаи дарс ва таҳлилҳо, саволу масъалаҳои пайдошударо бо роҳбалад тариқи равзанаи форум ё воситаҳои дигари муошират (коммуникатсия, аз ҷумла, телефон, вайбер, имо ва амсоли онҳо) муҳокима мекунад.

### Маркази омӯзишии 6. Портфолиои омӯзгор

«Портфолиои омӯзгор» марказест, ки аз ҷониби ҳар як омӯзгор дар алоҳидагӣ идора шуда, ҳамчун воситаи баҳодиҳӣ ва арзёбӣ истифода мешавад. Дар портфолио омӯзгор натиҷаҳои кори худ ва хонандагонро, ки ҳамчун натиҷаҳои ниҳоии омӯзиш шинохта мешаванд, ҷо медиҳад. Омӯзгорон доир ба тартиби таҳия ва ҷобаҷогузори маводи портфолио дар машғулиятҳои иттиҳодияҳои методӣ маълумот мегиранд.

Омӯзиши омехта ҳамкории сохторҳои гуногуни хадамоти такмили ихтисос ва ёрии методиро талаб мекунад. Вобаста ба ин, модели омӯзишӣ дар Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф ва филиалҳои он, Маркази ҷумҳуриявии таълимиву методӣ, раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо, марказҳои минтақавии методӣ ва иттиҳодияҳои методии муассисаҳои таълимӣ дар ҳамкории қавӣ қарор дошта, фаъолият мекунанд. Ҳар яке аз ин воҳидҳо дар ин раванд вазифаҳои муайянро ба мақсади такмили маҳорати касбии омӯзгорон ва расонидани ёрии методӣ иҷро мекунанд.

**Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф** ҳамчун сохтори масъул барои такмили ихтисоси омӯзгорон ҷалб мешавад. Кормандони донишкада дар таҳлилу баррасии барнома ва маводи таълимиву методӣ ва гузаронидани машғулиятҳо, назорати раванди омӯзиш, арзёбии донишу малакаи омӯзгорон ва супоридани сертификатҳо ширкати фаъол мекунанд. Бо назардошти самаранокии модели омӯзиши омехта, маҷмуи маводи рақамӣ ва маҷозиро дар низоми такмили ихтисос ҷорӣ мекунанд.

**Филиалҳои ДҶТИБКСМ** ҳамчун намояндаи ДҶТИБКСМ дар вилоятҳо дар раванди назорат иштирок карда, мониторинг мегузаронанд ва натиҷаҳои омӯзиши омӯзгоронро арзёбӣ карда, барои гирифтани шаҳодатномаи курси такмили ихтисоси сатҳи ҷумҳуриявӣ хулоса медиҳанд.

**Маркази ҷумҳуриявии таълимиву методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон** ба сифати маркази ҷумҳуриявӣ масъулияти расонидани ёрии методиро ба дӯш дорад. Бо ибтикори Маркази ҷумҳуриявии таълимиву методӣ Низомномаи Хадамоти минтақавии методӣ таҳия ва тасдиқ шудааст. Хадамоти минтақавии методӣ дар модели омӯзиши омехта нақши басо муҳим дорад, аз ин лиҳоз, иштироки фаъоли кормандони марказ дар таҳлилу баррасии мавод, тартиб ва раванди озмоиш зарур аст.

**Раёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо** ка-

бинети методии раёсат ва шуъбаҳои шаҳру ноҳияҳо дар раванди баргузории курсҳои такмили ихтисос бо истифодаи модели омӯзиши омехта нақши муҳим мебозанд. Аз ҷумла, таъсис додани МММ бо ҷалби муассисаҳои таълимӣ, иштирок дар омӯзишҳо, дастгирӣ ва ҳамкорӣ бо роҳбаладони сатҳи ноҳия, ташриф овардан ва расониданиёрии методӣ ба роҳбарони МММ ва иттиҳодияҳои методии омӯзгорон.

**Марказҳои хадамоти минтақавии методӣ** (МММ) ҳамчун макони асосии омӯзиши омӯзгорон фаъолият мекунад. МММ аз ҷониби раёсат ва шуъбаҳои маориф таъсис дода шуда, номгӯй ва миқдори муассисаҳои тобеи он бо фармоиши сардори раёсат/ мудири шуъбаи маориф тасдиқ карда мешавад. Дар раванди баргузори омӯзишҳо аз рӯйи модели омӯзиши омехта, МММ нақши калидӣ дошта, барои роҳбаладони сатҳи муассисаҳои таълимӣ омӯзонда шуда, донишу малакаи азхудкардаашонро бо омӯзгорони муассисаашон таълим медиҳанд.

### Афзалиятҳои модели «Омӯзиши омехта»

Омӯзиши омехта модели нав дар низоми такмили маҳорати касбии омӯзгорон буда, татбиқи самараноки он аз якчанд омил вобастагӣ дорад. Модели мазкур талаб мекунад, ки тартиб ва мавод дар ҳар як марҳалаи омӯзиш ба нақша гирифта шуда, вақт ва неру вобаста ба мураккабии мазмун ва раванд дуруст ба нақша гирифта шаванд.

«Омӯзиши омехта» -ро омилҳои зерин самаранок мегардонанд:

• Ба роҳ мондани такмили ихтисоси омӯзгорон мувофиқи шароит ва ниёзи онҳо. Ҷалби омӯзгорон дар банақшагирии омӯзиш ва татбиқи натиҷаҳои он.

• Ниёз, таҷриба ва шароити омӯзгорон дар маркази диққат буда, ақидаҳои онҳо, таҳлили мазмуни омӯзиш, шинохтани омӯзгорон ҳамчун мутахассисон, ҳавасманд намудани онҳо дар таҳлили фаъолиятҳои таълимӣ ва гузоштани заминаи устувор ба тағйироти касбии бардавом, маҳаки асосии омӯзиши омехта мебошанд.

• Фароҳам овардани имконияти дар амал татбиқ карданиусулҳои нав, таҳлили натиҷабахшии онҳо ва робитаи мутақобила бо ҳамкасбону роҳбаладон.

Омӯзиши омехта дар маҷмуъ, ҳамчун шакли инноватсионии такмили ихтисоси кормандони соҳаи маориф метавонад дар рушди маҳорати касбии онҳо нақши бориз дошта бошад.

### АДАБИЁТ:

1. Арзёбӣ дар низоми таълими салоҳиятнокӣ. Модули 1. (мураттибон Ниёзов Ф. ва дигарон). — Душанбе, 2016.- 65 с.

2. Акобиров Ш., Собиров С., Ҳасанов С., Розиқов Б., Назаров Д., Ниёзов Ф., Раҷабов З. Муносибати мусбат-асоси самаранокии таълим. Маҷмуи маводи методӣ барои омӯзиши омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ оид ба тақвияти таълими хониш ва математика. Душанбе - 2022 с.

3. Назарова Н. Интегрированное (инклюзивное) образование: генезис и проблемы внедрения // Социальная педагогика. 2010. № 1.

4. Meyer, A., D.H. Rose, and D. Gordon. Universal Design for Learning: Theory and Practice. Wakefield, MA: CAST Professional Publishing, 2014.

5. Смешанное обучение, или blended learning: что это такое // Skillbox Media,

6. Электронный журнал «Современная зарубежная психология» 2020. Том 9. № 3. С. 5-7. ISSN: 2304-4977 (online) (psyjournals.ru)

# ҲАМҚАДАМИ ЗАМОН БОЯД БУД

**Калиди ҳама гуна дастоварду пешравӣ ва истиқлолияти фикрӣ муаллим- омӯзгор ва хазинаи маънавию илмии ӯ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, самаранок ба роҳ мондани корҳои таълиму тарбия аз ҷониби омӯзгор имкон фароҳам меорад, ки сатҳи мафкура ва донишу ҷаҳонбинии хонандагон ҳамқадами замон гарданд.**

**Эмомалӣ Раҳмон**



**Махфират СОЛИЕВА,**
омӯзгори калони кафедраи методикаи таълим дар муассисаҳои томактабӣ ва миёнаи умумии ДҶТИБКСМ

Омӯзгор, ки худ ҳидояткунанда, роҳнамо, пешбаранда, некхоху ибратомӯз ва ёрирасони фарзанди инсон дар роҳи ростиву росткорӣ ва омӯзишу бурдбориҳо мебошад, ҳамеша бояд кӯшиш ба харҷ диҳад, ки омӯзгори ҳақиқӣ буданро фаромӯш насозад. Омӯзгори ҳақиқӣ бояд устувор, пурсабр, ба душвориҳои ғайричашмдошт омода бошад, дар ҳама ҳолат худро идора карда тавонад. Чунки дар кори омӯзгор чизи аз ҳама муҳим сабр ва фаҳмиш буда, дуруст шарҳ дода тавонистани мавод аст ва муҳимтар аз ҳама, дӯст доштани касби худ, дӯст доштани фарзандон ва ҳамдигарфаҳмӣ байни шогирду омӯзгор ба ҳисоб меравад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки имрӯз дар қисме аз муассисаҳо омӯзгоронро падару модарон интихоб мекунанд. Яъне, мувофиқи хоҳиши волидайн фарзанди онҳо дар синфи омӯзгорони мехостагиашон бояд таҳсил намояд. Дар ҳамин ҳолат нофаҳмӣ байни омӯзгору маъмурият сар мезанад, боиси озурдахотирии баъзе омӯзгорон мегардад. Ба саволи «Чаро дар муассисаи таълимӣ чунин ҳолат рух медиҳад?» баъзе омӯзгорон ибрози ақида менамоянд, ки гӯё маъмурияти муассиса онҳоро дастгирӣ намекунад. Қисми дигар дар он андешаанд, ки омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ дар ҷомеа аллакай мавқеи худро дарёфтаанд. Чунки баҳои ҳақиқии омӯзгор маҳз дониши ҳамон хонандагоне мебошад, ки давоми чор сол ба онҳо таълиму тарбия медиҳад.

Албатта, мавқеъ, обрӯ, нуфузи ҳар як шахс дар дасти худи ӯст. Агар деҳқон ба полизи худ хуб нигаҳбонӣ кунад, ҳосили фаровон ба даст хоҳад овард. Боғбон ба ниҳолакони наврустаи худ парасторӣ накунад, ҳеҷ вақт ҳосиле ба даст нахоҳад омад. Пас, чӣ бояд кард, то омӯзгор дар ҷомеа мавқеи баландро доро бошад?

Мехоҳам чанд андешаро дар бораи фаъолияти омӯзгори идеалии асри XXI рӯйи қоғаз биёрам ва боварӣ дорам, ки барои омӯзгорони ҷавон ҳамчун маслиҳат кумакрасон хоҳад буд. Албатта, касби омӯзгорӣ маънои махсус дошта, омӯзгорон насли ояндаро тарбия намуда, рушди ҷомеаро муайян мекунанд. Барои омӯзгор шудан на танҳо дониш, балки хислатҳои муайяни шахсӣ низ доштан лозим аст. Поквиҷдон будан, хатоиҳои худро эътироф карда тавонистан, аз гуфтани ҳақиқат натарсидан метавонад пайравии шогирдонро нисбат ба ибрати омӯзгор афзояд. Ҳамаи хонандагон душвориҳои ба худ хоси омӯзиш доранд ва омӯзгорро лозим аст, то ба дили ҳар як кӯдак роҳ ёбад, барои бартараф намудани душвориҳо ва ба муваффақият ноил шудан ба ӯ ёрӣ расонад. Илова бар ин, омӯзгор бояд ҳатто дар ҳолатҳои душвор сабрро аз даст надиҳад.

Омӯзгор бояд чеҳраи кушода дошта, хонандагонро гӯш кунад ва фаҳмад, фикри онҳо-

ро эҳтиром карда, эҳтиёҷоти онҳоро ба назар гирад. Танҳо дар он сурат хонандагон метавонанд дар синф худро бароҳат ҳис кунанд ва барои таҳсил намудан хоҳиш пайдо намоянд. Омӯзгорро лозим аст, ки ба кори худ серғайрат ва дилчасп бошад. Вай бояд хонандагонро ба омӯхтани фанҳои нав ва инкишоф додани маҳорати онҳо руҳбаланд намуда, майли худро ба омӯзиш нишон диҳад. Ниҳоят, омӯзгор бояд мутахассис буда, дар соҳаи худ ихтисос ва дониши баланд дошта бошад, барои пайваста омӯхтану такмил додани маҳорати худ омода бошад. Танҳо дар ҳамон сурат метавонад донишу таҷрибаи худро ба шогирдонаш омӯзонад ва дар оянда барои ноил шудан ба комёбиҳо кумакрасон бошад.

Табибон пеш аз кӯдакро муоина намудан дастҳои худро гарм мекунанд ва инро ба худ қоида меҳисобанд. Омӯзгор бошад, на танҳо гармии дастонаш, балки гармии руҳи худро бояд дар хотир нигоҳ дорад ва формулаи муваффақияти зиндагии омӯзгор метавонад чунин суханҳои хирадмандона ба ҳисоб равад: «Агар хоҳед, ки руҳи кӯдаконро соҳиб шавед, ҷони худро ба онҳо фидо кунед» .

Аз таҷриба маълум аст, ки хонандаи хурдсол ба суханронӣ, рафтор ва баҳогузории омӯзгор боварии беандоза дорад. «Муаллим чунин гуфт, муаллим чунин кард» - ин суханоне мебошанд, ки хонанда аксар вакт ба забон меорад, ки эътиқоди ӯро нисбат ба омӯзгор, дурустӣ, эътимод ба дониш ва талаботи ӯ ифода мекунад. Пас, омӯзгори идеалии қарни XXI-ро лозим аст, ки дӯстдоштаи касби хеш, донандаи технологияҳои нав, меҳрубон, адолатпарвар, масъулиятшинос бошад, бо ибрати худ ба хонандагон на танҳо дониш, балки муошират бо одамон, масъулиятшиносӣ, поквиҷдонӣ ва ғайраро омӯзонанд. Доштани қобилиятҳои иштирок дар раванди таълим, масъулиятнок ва бодиққат будан, доштани маҳорати эҷодӣ ва муошири боэътимод, гӯш кардан ва бовар кунондан, ҳавасмандкунӣ, ҳисси юмор ва ҳамдардӣ ба омӯзгор имкон медиҳад, ки фаъолияти худро дар таълиму тарбияи насли наврас хуб ба роҳ монад. Метавон даҳ аломати салоҳияти омӯзгорро номбар кард:

✓ мавзуи худро хуб медонад;

✓ стандартҳои давлатии таҳсилот ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрию ҳуқуқиро, ки соҳаи маорифро ба танзим медароранд, доимо дар маркази диққат нигоҳ медорад;

✓ усулҳои гуногуни таълимро азхуд мекунад ва дар ҳар вазъият чӣ гуна интихоб кардани усулҳои хубро медонад;

✓ таваҷҷуҳ ва нигоҳ доштани шавқи хонандагонро медонад, диққати онҳоро ҷалб карда метавонад;

✓ суръати таълимро бо суръати азхудкунии дониш мувозинат мекунад;

✓ системаи аниқ ва пешакӣ мувофиқшудаи назорат дорад ва ба донишҳо объективона баҳо медиҳад;

✓ кӯдаконро эҳтиром мекунад ва медонад, ки чӣ гуна худро ба ҷои кӯдак гузоштан мумкин аст;

✓ ҷаҳонбинии васеъ, истеъдоди нақшофарӣ дорад;

✓ консепсияи омӯзиши шахсӣ дорад ва онро рушд медиҳад;

✓ мунтазам инкишоф меёбад.

Барои омӯзгор самаранок истифода бурдани усулу технологияҳои МДД (медонам, донистан мехоҳам, донистам), ГБМ (гузариши ботадриҷи масъулият), ФТА (фикр кун ва табодули андеша намо), САНДМ (супоридани вазифа, санҷиши дарки вазифа, назорати иҷрои вазифа, давр задан ва мушоҳидаи кори иштирокчиён), Радар, ИНСЕРТ (системаи интерактивии аломатгузорӣ барои хониш ва фикрронии самаранок), ФДЗ (фаъолгардонии донишҳои заминавӣ), РПССП ва ғайра аз манфиат холӣ нест.

Хулоса, ҳар як омӯзгорро зарур аст, доимо дар ҷустуҷӯ бошад, истифодаи технологияи муосирро хуб донад, худомӯзӣ намояд, аз шабакаҳои интернет вобаста ба ихтисоси худ мавод ҷамъоварӣ намояд, ба дарсҳои дигар омӯзгорони таҷрибадор пайваста иштирок намояд, маҳорати касбии худро баланд бардорад, усулу технологияҳои омӯхтаашро дар фаъолияти худ истифода барад. Аз рӯи гуфтаҳои олим-энсиклопедисти барҷастаи рус Д. И. Менделеев: «Муаллими ҳақиқӣ ҳамонест, ки дониши ӯ дониши хонандагонаш гардад» амал намояд.

# НАҚШИ ОМӮЗИШИ ТАҶРИБАИ ПЕШҚАДАМИ ПЕДАГОГӢ ДАР БАЛАНД БАРДОШТАНИ МАҲОРАТИ КАСБИИ ОМӮЗГОРОН

**Дарёфт, омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ яке аз масъалаҳои мубраме мебошад, ки омили асосии баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон ба ҳисоб меравад. Дарёфт ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони соҳибтаҷрибаю навовар ва баландихтисоси ҷумҳурӣ ба пешрафти фаъолияти дигар омӯзгорон дар рушди соҳаи маориф такони ҷиддӣ бахшида, ҷойгоҳи омӯзгоронро ба талаботи замон ҷавобгӯй менамояд.**



**Абдулло ОРИФОВ,**
номзади илмҳои химия,
мудири шуъбаи таълими фанҳои табиатшиносӣ ва дақиқи Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

Ҷиҳати муҳимми ин навъи омӯзиш дар он аст, ки истифодаи таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ дар камолоти зеҳнӣ, фаъолияти минбаъда бахри баланд бардоштани савияи дониш, ташаккули малакаю маҳорат ва истифодаи методҳои мухталиф ва инноватсионии педагогӣ барои омӯзгорон созгор аст. Дар иртибот ба ин, шиносоӣ бо таҷрибаи пешқадам ва донистани фаъолияти пурсамари омӯзгорони пешқадам ва муваффақи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ барои ҳамкорон, алалхусус, омӯзгорони ҷавон, муҳим аст.

Таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ аз малакаи эҷодии ҳазорон омӯзгору роҳбари навовар тавлид меёбад.

Мутаассифона, тақрибан дар тамоми муассисаҳои таълимии шаҳру ноҳияҳои кишвар рафти омӯзиш, ҷамъбаст ва тарғиби таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ ба таври зарурӣ ба роҳ монда намешавад. Дар муассисаҳои таълимӣ иштирок ба 2-3 дарс ва таҳлили онро таҷрибаи пешқадам муаррифӣ мекунанд. Ҳол он ки таҷрибаи пешқадам раванди амиқи омӯзишӣ, таҳлилӣ, ҷамъбастӣ ва тавсиявиро тақозо дорад.

Дуруст аст, ки ҳар омӯзгор каму беш таҷрибаи педагогии хешро дорост ва дар заминаи он маҳорати педагогиву кордониаш шакл гирифта, эътимоднокияш ба самараи фаъолият афзун ва ташаккули таҷрибаи педагогӣ таъмин мегардад. Аслан, қабл аз омӯзиши таҷрибаи пешқадами ин ё он омӯзгор мебояд, аввал ба заминаи илмию методологии кори омӯзгор, арзиши самараи ниҳоии он таваҷҷуҳ намуд. Пас аз натиҷаи муқаддимотӣ он бо қарори шурои педагогӣ тасдиқ ва бо фармоиши роҳбари муассиса ба расмият дароварда мешавад (табиист, ки дар ин бора омӯзгор огоҳонида мешавад). Пас аз анҷоми омӯзиш таҷрибаи пешқадам мавриди

ҷамъбаст ва таҳлил қарор мегирад.

**Таҷрибаи пешқадами педагогӣ** маҳорати баланд ва натиҷаи назарраси кори омӯзгор буда, аз навоварии педагогӣ бояд фарқ карда шавад. Дар он анъана эҷодкорона шикаста мешавад, хулоса ва тавсияҳои илмӣ тавъам бо таҷрибаи шахсии омӯзгор амалӣ карда мешавад.

Маҳз таҷрибае, ки дар асоси тавсияҳои илмӣ эҷодкорона ба вуҷуд омадаву инкишоф ёфтааст, самараи хуб ба бор меорад ва диққати омӯзгоронро ҷалб намуда, дар таҷрибаи умум таъсири амалӣ мерасонад.

**Навоварии педагогӣ** ҳодисаи маъмулӣ нест. Он бояд ҳатман падидаи нав ва тоза дошта бошад ва дар он самтҳои ба илми педагогика ҳанӯз номаълум ошкор гардад. Таҷрибаи омӯзгори навовар аз роҳбарияти муассисаву мушовирони шуъбаҳои маориф эътибори ҷиддӣ, омӯзиши амиқ, асосноккунии илмиро тақозо мекунад, зеро кори эҷодии омӯзгори ба дараҷаи муҳаққиқӣ расида, чун сарчашмаи бебаҳо бахри рушду инкишоф ва таҳкими таҷрибаи омӯзгорӣ ва фаъолияти муассиса хидмат мекунад. Яке аз шартҳои асосии зуҳури таҷрибаи навоварӣ дарки моҳияти пажуҳиши эҷодӣ, сатҳи баланди донишҳои назариявӣ, доштани маҳорати қабули таҳлил, омӯзиш ва ҷамъбасти фаъолияти таҷрибавӣ ба шумор меравад. Омӯзгорони навовар дар зинаи баланди эҷодкории педагогӣ қарор гирифта, вазифаи муҳаққиқ - озмоишгарро иҷро менамоянд. Агар кори ӯ аз ҷиҳати назариявӣ асоснок бошад, аллакай он арзиши ҷамъиятӣ касб карда, дастоварди таҷрибаи умум мегардад.

Ҳангоми омӯзиши таҷрибаи пешқадам тамоми ҷузъиёти фаъолияти омӯзгор: шуруъ аз таҳияи нақшаҳову ороишоти синфхона то эҷодкорӣ дар дарсу истифодаи технологияҳои гуногуни таълим ва самараи меҳнати ӯ (иштирок ва ҷойҳои намоёнро ишғол кардан дар озмунҳо ва олимпиадаҳои фаннӣ) мавриди омӯзиш қарор мегирад.

Ҳамин тариқ, муқарраротиилмӣ, ҳатто дар намуди тавсияву коркарди методӣ бошад ҳам, бояд дар амалия татбиқ гардад. Ин амалисозӣ табъи баланди эҷодкорӣ, рағбат, таҳаммул, илҳом ва ҳадафмандиро тақозо мекунад. Дарсе, ки бо маҳорату масъулият, табодули афкор ва рағбатангез мегузарад, василаи асосии татбиқи навовариҳост. Таваҷҷуҳи мушовирони шуъбаҳои маориф ва роҳбарияти муассисаҳои таълимӣ ба бозёфти омӯзгорони беҳтарин коллективро бахри ҷустуҷӯйи эҷодӣ ҳавасманд мегардонад.

Эҷодкорӣ омӯзиши амиқи асосҳои методологӣ ва назариявии илми педагогика, назарияи таърихиву муосири он, истифодаи таҷрибаи пешқадам, татбиқи амалии дастовардҳои илмӣ, ташкили корҳои мустақилона доир ба тавсеаву такмили дониш, маҳорату малакаи педагогӣ, азхудкунии санъати тадрис ва тарбияро тибқи талаби замон аз ҷониби омӯзгор дар бар мегирад. Агар омӯзгор бо дастовардҳои педагогӣ ва таҷрибаи пешқадам мусаллаҳ шавад, фаъолияти ӯ пурсамар мегардад.

Таҷрибаи пешқадами педагогӣ маҷмуи малака ва усулҳои озмудашудаи таълиму тарбияро дар бар мегирад. Он аз фаъолияти мушаххаси омӯзгор дар заминаи усули кори коллективи педагогӣ ва хусусиятҳои шахсияти омӯзгор тавлид мегардад. Таҷрибаи педагогӣ дар асоси донишҳои педагогӣ, махсусан, бо роҳи қиёс (индуктивӣ) тавассути мутаносибан ба мазмун ва мантиқи фанни таълимӣ чандин маротиба такрор намудани методу усулҳои ҷудогона шакл мегирад.

Масъалаи дигар, ғолибони озмунҳои «Омӯзгори сол», «Мураббии сол» ва дигар озмунҳои сатҳи ҷумҳуриявӣ мебошанд, ки бо ғолиб омадан ва соҳиби ҷоизаҳо шудан тақдири минбаъдаи онҳо норӯшан мемонад. Маҳз чунин омӯзгоронро мавриди омӯзиш ва тарғиб қарор додан зарур аст. Чунки агар онҳо соҳиби мактаби таҷрибаи пешқадами педагогӣ намебуданд, ғолибияти онҳо таҳти суол мерафт. Бинобар

ин, зарур аст, ки дар чараёни курсҳои такмили ихтисос ба сифати лектори даъватӣ аз таҷрибаи ғании онҳо истифода карда шавад ва дар як вақт ин яке аз роҳҳои омӯзиш, таблиғ ва истифодаи таҷрибаи пешқадами омӯзгорони навовару ташаббускор дар сатҳи ҷумҳурӣ мебошад.

Бо мақсади дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани омӯзиш ва тағиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ дар Донишкада рӯйхати омӯзгорони омӯхташаванда ва объектҳои омӯзиш муайян карда шуда, дар асоси он дар кафедраҳо нақшаи омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ таҳия ва дар ин самт ҷузвдони алоҳида ташкил карда шуда, ҳуҷҷатҳои зарурӣ нигоҳдорӣ мешаванд.

Дар Донишкада «Низомномаи омӯзиш ва тарғиби таҷрибаи пешқадами омӯзгорӣ дар Донишкада ва филиалҳо», бо қарори шурои олимони донишкада аз 28 декабри соли 2018, № 10/4 тасдиқ карда шуда, мувофиқи он фаъолиятҳо ба роҳ монда шудааст. Тибқи низомнома, дар Донишкада раванди омӯзиш, дарёфт ва тарғиби таҷрибаи пешқадам аз се марҳалаи асосӣ: марҳилаи якум - дарёфт, дуюм - омӯзиш ва сеюм - ҷамъбасту паҳнкунӣ иборат мебошад.

Айни ҳол дар донишкада ва филиалҳо 75 таҷрибаи пешқадами педагогӣ омӯхта мешавад.

Ҳамкориҳои донишкада бо шарикони рушд дар доираи созишномаҳои имзогардида дар самти омӯзиш ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ низ дар сатҳи хуб ба роҳ монда шудааст. Ҳамкориҳои Донишкада ва филиалҳо бо лоиҳаи «Мактабҳои 2030» дар 100 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии ҷумҳурӣ дар қатори 10 кишвари ҷаҳон амалӣ шуда истодааст. Омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии озмоишӣ аз омӯзишҳои «Тарҳи инсонмеҳвар» бархӯрдор шуда, дар асоси мушкилии пайдонамудаашон роҳҳои ҳалро дарёфт ва лоиҳаҳои хурд омода менамоянд. Бо мақсади дарёфт намудани омӯзгорони боистеъдод, навовару эҷодкор, паҳн намудани таҷрибаи пешқадами омӯзгорони беҳтарини муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муайян намудани лоиҳаи инноватсионии муассисаҳои таълимӣ дар доираи амалишавии лоиҳаи мазкур, рӯзҳои 30-31 майи соли 2023 форуми ҷумҳуриявии «Омӯзгори навовар» бо иштироки 28 нафар омӯзгори Марказҳои инкишофи кӯдакон, синфҳои ибтидоӣ ва фанҳои табиӣ - риёзӣ баргузор гардид, ки Маҳмадиева Назокат- омӯзгори фанни химия ва биологияи МТМУ №2, ноҳияи Данғара ғолиб омада, дар форуми глобалӣ, ки дар шаҳри Портои Португалия баргузор гардид, иштирок кард. Иштирокчиёни форум ҳамчун омӯзгорони дорои таҷрибаи пешқадам интихоб шудаанд ва таҷрибаи пешқадами онҳо омӯхта мешавад.

Дар Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти омӯзиш, ҷамъбаст ва тарғиби таҷрибаи пешқадами педагогӣ мудир, мушовирони кабинети методӣ, мудир, мураббиёни муассисаҳои томактабӣ ва омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ як қатор корҳоро ба сомон расонидаанд:

- дастури методии «Омӯзиш, ҷамъбаст ва паҳн намудани таҷрибаи пешқадами педагогӣ» (муаллиф Ҷ. Иматшоев ) соли 2014,

- дастури методии «Таҷрибаи пешқадам ва нақши он дар такмили маҳорати касбии омӯзгор (муаллифон: Б.Ҳайдаров ва А Турсунов ), соли 2017

- Роҳнамои директор (дастури методӣ барои роҳбарони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ) аз таҷрибаи ғолиби озмуни «Беҳтарин- кабинети методӣ- соли 2016 Ҷ. Исупов» , соли 2018 таҳия ва тариқи Шурои методии Марказ, тасдиқ нашр ва дастраси муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гардонида шудааст.

Илова бар он, дар ин давра аз тарафи кормандони марказ таҷрибаи пешқадами 15 нафар мудир, мушовирони кабинети методӣ, мудир, мураббиёни муассисаҳои томактабӣ, ғолибони озмунҳои «Беҳтарин- кабинети ме-

тодӣ», «Омӯзгори сол», «Мураббии сол» ва омӯзгорони пешқадаму навовари муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ омӯхта шуда дастраси муассисаҳои таҳсилоти умумӣ гардонида шудааст.

Маркази ҷумҳуриявии таълимию методӣ пайваста ҷиҳати рушди маҳорати касбии мудиру мушовирони кабинети методӣ, мудиру мураббиёни кӯдакистонҳо, роҳбарони иттиҳодияи методию омӯзгорони муассисаҳои томактабӣ дар самти таҳияи дастуру воситаҳои аёнӣ, коркардҳои методӣ, таҳияи маводҳои тестӣ, тарҷумаи китобҳои дарсӣ, маводи ёрирасони таълим, пешниҳоди хулосаву тавсияҳо ба санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва дастурҳои методӣ, мақсаднок ба роҳ мондани раванди корҳои методӣ, ташкили дарсҳои намунавӣ, расонидани кумаки методӣ ба мутахассисони ҷавон ва дигар самтҳои афзалиятноки раванди хадамоти методӣ аз таҷрибаи 37 нафар омӯзгор пайваста истифода мекунад.

Мақсади асосии таҷрибаи пешқадам ва накши он дар такмили маҳорати касбии омӯзгор баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгор, такомули тахассуси вай мебошад. Шахсе, ки ба омӯзиши таҷрибаи пешқадами педагогӣ машғул аст, бояд роҳу усулҳои ҷадиди таълимро дарёфт намуда, онҳоро ба низом даровarда, ба маҷрои ҳадафманд равона намояд.

Ҳамзамон, мутахассисони ҷавон ба кумаки методӣ ниёз доранд, онҳо чӣ дар баланд бардоштани маърифати ҳуқуқӣ, ҳуҷҷатнигорӣ ва чӣ дар истифодаи роҳу усулҳои гуногуни таълим ба мушкилот рӯ ба рӯ мешаванд. Аз ин рӯ, шахси таҷрибаомӯз масъул аст, ки беҳтарин ва ҷадидтарин усулҳои тадрис, методҳои судмандтарину ба талаботи замони муосири ҷавобгӯйи таълими фанро пайдо намуда, дастраси онҳо гардонад.

Бояд қайд намуд, ки дар марҳалаи ҳозира микдори зиёди таҷрибаи пешқадами педагогӣ роҷеъ ба масъалаҳои мухталифи таълиму тарбия омода гардидааст. Мақсади омӯзиш, ҷамъбаст ва дастраси ҳамкасбон гардонидани таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорони навовару эҷодкор, баланд бардоштани маҳорати касбии мутахассисони ҷавон, ҳавасманд намудани онҳо ба пешаи интихобкардаашон мебошад. Агар омӯзгор бо дастовардҳои педагогӣ ва таҷрибаи пешқадам мусаллаҳ бошад, фаъолияти ӯ пурсамар гардида, дастовардҳояш бештару беҳтар мешаванд, дар натиҷа ба муваффақиятҳои назаррас ноил мегардад. Ҳамзамон шахси дилсӯзу ғамхор, содиқ ба пешаи худ, дорои қобилияти эҷодӣ ва маҳорати баланди касбидошта метавонад, ин кори хайру судмандро ба сомон расонад. Ин кор асосан ба зиммаи муовини директор оид ба корҳои таълим, ки дар як вақт раиси Шурои методӣ аст, мебошад. Аммо мушоҳидаҳо собит намуданд, ки бештари муовинони директор оид ба корҳои таълим дар ин самт азоб мекашанд ва намедонанд, ки ба чӣ такя кунанду таҷрибаи пешқадами педагогиро чӣ тавр омӯзанду ҷамъбаст намоянд.

Омӯзгореро бояд интихоб намуд, ки вай дониши назариявии хуб, истеъдоди баланди касбӣ ва қобилияту маҳорати эҷодкорӣ дошта, методикаи таълимро хуб донад, мактабшиноси варзида бошад. Асбоби аёнӣ, воситаҳои техникии муосирро моҳирона истифода карда тавонад. Пайваста аз пайи ҷустуҷӯйи эҷодӣ, роҳу усулҳои ҷадиди беҳтар кардани технологияи таълиму тадрис ва баланд бардоштани сатҳу сифати дониши хонандагон бошад. Барои ҳаматарафа босавод кардани шогирдон, ташаккул додани нутқи хаттӣ ва шифоҳии онҳо дарсҳои худро эҷодкорона гузаронад. Аз усулҳои фаъоли таълим моҳирона истифода ва ҳамкории педагогиро хуб ба роҳ монда тавонад.

Таҷрибаи пешқадами педагогӣ дорои як қатор талаботи педагогӣ мебошад, ки иҷрои он аз манфиат холӣ нест, чунончи:

- барои истифодаи аксари кормандони соҳаи маориф мувофиқ ва фаҳмо бошад;
- ба талаботи илмҳои педагогика, методика, психо-

логия, физиологияи муосир ҷавобгӯй бошад;

- таҷрибаи пешқадам тарзе тасниф гардад, ки истифодаи он имкони тағйирдиҳии самтҳои таълиму тарбияро дошта бошад;

- дар баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорони ҷавон нақши муассир гузошта тавонад;

- ҷиҳати сифатан беҳтар намудани сатҳу сифати таълим ва дониши хонандагон нақши калидӣ дошта бошад;

- ба такмили ихтисос ва бозомӯзии омӯзгор, худомӯзии вай диққат додан;

- иштироки омӯзгор дар чорабиниҳои дохилимактабӣ, ноҳиявӣ ва дар сатҳи ҷумҳурӣ;

- эътибори омӯзгор ба маданияти сухан, низоми гуфтори худ ва шогирдон, нутқи шифоҳӣ ва хаттии онҳо;

- иштироки шогирдонаш дар озмуну олимпиадаҳои ноҳиявӣ, минтақавӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ;

- коркарди мавзуъҳои таълимӣ, нақша, барномаҳои фаннӣ, иштироки омӯзгор дар таҳияи китобҳои дарсӣ ва дастурҳои методӣ;

- фароҳам овардани шароити мусоиди корӣ ба омӯзгор, ҳавасманд намудани заҳмати омӯзгор аз тарафи маъмурияти таълимгоҳ ва шуъбаҳои маорифи шаҳру ноҳияҳо;

- истифодаи самараноки асбобҳои аёнию дидактикӣ, воситаҳои техникии ҳозиразамони таълимӣ ва ғайраҳо.

Хулоса, танҳо бо тай кардани марҳалаҳои мазкур метавон таҷрибаи пешқадами омӯзгорирo омӯхта, ҷамъбаст, таҳлил ва тарғиб намуд. Маҳз иҷрои ин назму тартиб омили дар фаъолияти рӯзмарраи омӯзгорон ҷорӣ намудани усулҳои пешқадаму пешрав ва самарабахши таълим гардида метавонад. Сохторҳои дар боло зикргардидаро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимӣ ва раёсату шуъбаҳои шаҳру ноҳияҳои кишвар пешниҳодҳои анҷомдодаи мутахассисони Академияи таҳсилоти Тоҷикистонро ба назар гиранд.

## АДАБИЁТ:

1. Бурҳонов, М., Ҳайдаров, Б., Назаров, Э., Муовини директор оид ба таълим – пешбарандаи раванди таҳсилот. Дастури методӣ барои муовини директор оид ба корҳои таълим дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, -Душанбе, 2017.

2. Иматшоев, Ҷ. Омӯзиш, ҷамъбаст ва паҳнсозии таҷрибаи пешқадам, -Душанбе, 2014.

3. Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ ва умумӣ, (қисми I), - Душанбе, Раҳнамо, 2014.

4. Муҳиддинов, Қ., Зиёев М., Шодиева З. Роҳнамои методӣ, Душанбе, «Эр-граф» , 2012.

5. Ҳайдаров, Б. Иштирок дар дарс ва таҳлили ҳадафманди он, маҷаллаи «Масъалаҳои маориф» №1, соли 2015.

6. Искандаров, Ҳ. Рӯзнома «Ҷумҳурият». 30.06.2016, №129.

## ТАРБИЯИ ВАТАНПАРАСТӢ

***Ватанпарастӣ арзиши муқаддас ва аз ҳама муҳимтарини тарбия мебошад, ки он дар мафҳумҳои диёр, макон, кишвар, сарзамин, Ватан низ ифода меёбад. Ҳамаи унсурҳои дигари тарбия ба ҳамин унсури тарбия иртибот доранд ва садоқатмандии шаҳрвандро ба ватани хеш дар назар дорад.***

***«Фаромӯш набояд кард, ки, - таъкид мекунад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонов,-танҳо шахси воқеан ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад».***

***Консепсияи миллии тарбия***

# ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИННОВАТСИОНӢ ДАР ТАЪЛИМИ ФАННИ МАТЕМАТИКА

**Истифодаи воситаҳои иртиботӣ ва технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти касбӣ барои тайёр кардани мутахассисони математика бо истифода аз технологияи инноватсионӣ ҷойи махсусро ишғол мекунад. Технологияҳои иттилоотӣ аллакай оламро тағйир дода, дигаргунсозии он нақши калидиро мебозад.**



**Умедҷони ФАЙЗАЛӢ,**
сардори раёсати илм ва инноватсияи ДҶТИБКСМ

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмин намудани пешрафти соҳаҳои илму маориф ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ аз тамоми имконот истифода карда, ба рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад ва доир ба баланд бардоштани сатҳу сифати таълим, ҷорӣ намудан ва васеъ гардонидани доираи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ, аз ҷумла, шабакаи интернет дар низоми таҳсилот, таъмини самаранокии фаъолияти омӯзгорон ва такмили маҳорати педагогии онҳо тамоми чораҳои заруриро амалӣ мегардонад. Дар ин раванд як нуктаро дар назар бояд дошт. Дар ҷаҳони муосир кишваре ба дастовардҳои бузург ноил мегардад, ки ба баланд шудани сатҳи маърифат дар ҷомеа таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда, техникаву технологияи инноватсиониро ба таври васеъ дар амал ҷорӣ намояд. Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар соли 2021) ба масъалаи мазкур таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, таъкид намуданд, ки: «Минбаъд муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро лозим аст, ки истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ - иртиботиро дар ҷараёни таълим ба роҳ монанд, таҷрибаи байналмилалиро омӯзанд, нақшаву барномаҳои таълимиро ба талаботи бозори дохиливу ҷаҳонии меҳнат ва таҳсилот мутобиқ гардонанд» .

Барои ин, мо бояд нишондиҳандаҳои таъмини сифатро дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот бо стандартҳои ҷаҳонӣ наздик созем, ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбиро бо субъектҳои бозори меҳнат густариш бахшем, дараҷаи рушди низоми инноватсияи миллӣ ва нишондиҳандаҳои азхудкунии технологияҳои иттилоотиву иртиботиро беҳтар гардонем. Таҳти истилоҳи технологияи иттилоотӣ-иртиботӣ (ТИИ) мо маҷмуи методу воситаҳои техникии ҷамъоварӣ, ташкил, ҳифз, коркард, интиқол ва пешниҳоди иттилоот (таҷҳизоти компютерӣ, таъминоти барномавӣ, технологияҳои телеиртиботӣ, воситаҳои мултимедӣ ва Интернет)-ро мефаҳмем, ки дониши одамонро васеъ мекунанд, имконоти онҳоро дар идоракунии равандҳои

техникӣ ва иҷтимоӣ инкишоф медиҳанд. Дар замони муосир компютер дар ҳамаи соҳаҳо ба таври васеъ истифода мешавад. Самарабахшии таҳсилро бо роҳҳои гуногун баланд бардоштан мумкин аст, аз ҷумла, аз ҳисоби такмили ихтисоси омӯзгорон ва такмили методикаи таълим ва ғайра. Як ҷанбаи дигари баланд бардоштани самарабахшии таҳсилот, бо шаклҳои нави таълим муҷаҳҳаз сохтани раванди таълим мебошад. Технологияҳои компютерӣ, ки дар назди ҳар як омӯзгори математика уфуқҳои нави имконоти тадриси фанро боз мекунанд, аз ҷумлаи чунин шаклҳо ба ҳисоб мераванд. Дарсҳое, ки ба тарзи анъанавӣ гузаронида мешаванд ё дарсҳои ҳамгиро ба истифодаи рӯнамоҳои мултимедӣ ва маводи барномавӣ донишро амиқтар мекунанд, самарабахшии таълим ва сатҳи зеҳниро баланд мебардоранд, дар хонандагон маҳорати худомӯзиро ба вуҷуд меоранд, ҳалли вазифаҳои амалиро сабук менамоянд, ба омӯзгор ба ихтисори вақте ки барои дар тахта бо бӯр навиштану расм кашидан сарф мекунад, имкон фароҳам меоранд. Истифодаи воситаҳои техникаи таълим ба сафарбаркунии иқтидори зеҳнии шахс, амсоли, маърифатӣ, маънавию ахлоқӣ, эҷодӣ, иртиботӣ ва зебоишиносӣ мусоидат мекунанд. Алҳол низоми маориф дар тамоми ҷаҳон дар баробари зарурати истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва иртиботӣ қарор доранд. Барои он ки тамоми ин иқтидор бо натиҷаи беҳтар амалӣ гардад, зарур аст, ки омӯзгорон дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ ба қадри кофӣ тахассусманд ва босалоҳият бошанд.

Имрӯз хонандагон бояд ба ваҳдату гуногунии олам нигоҳи томи ба иҷтимоият нигаронида дошта бошанд. Дарс шакли ташкилии раванди таълиму тарбия буд ва мемонад, ки ба таҳияи низоми донишу маҳоратҳо на танҳо оид ба фанни мушаххас, балки тамоми раванди маърифатӣ низ имкон медиҳад. Раванди инноватсионии таълим, бо истифодаи технологияҳои компютерӣ, видеопроектор ва тахтаи интерактивии электронӣ дар муҳити таълимӣ алоқаманд аст. Компютеркунонии раванди таълим бо воситаҳои техникаи муосири таҳсилотӣ – муҷаҳҳаз кардани муассисаҳои таълимӣ мебошад, ки ба истифодаи мусоиди таъминоти иттилоотии раванди таълим бо ёрии компютер, видеопроектор ва тахтаи интерактивии электронӣ нигаронида шудааст. Мувофиқи пешгӯиҳои илмӣ ва дурнамои рушди устувори кишвар, Тоҷикистон дарояндаи наздик бояд ба яке аз давлатҳои саноатии калидӣ дар минтақа табдил ёфта, рушди иқтисодиёташро таъмин намояд. Таҷрибаи бисёре аз давлатҳо собит намудаанд, ки амсилаи иқтисодии устувори низоми давлатдориро рушди инноватсионии маориф таъмин менамояд. Бартарии асосии рушди инноватсиониро сармояи инсонӣ ташкил медиҳад. Давлатҳои Аврупо, Ҷопон ва ИМА барои омода намудани мутахассисони муҳандисӣ – техникии лаёқати эҷодкоридошта аҳамияти махсус зоҳир намуда, айнан бо ҳамин роҳ ба тараққиёт ноил гаштаанд. Баъди ба даст овардани истиқлолият, пайваста ба сифати таълим таваҷҷуҳи махсус зоҳир мегардад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-иртиботӣ дар тарбияи кадрҳои омӯзгорӣ дар шароити муосир хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

Истифодаи барномаҳои компютерӣ, видеопроектор ва тахтаи интерактивии электронӣ дар раванди таълими математика дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва донишгоҳҳо назаррас аст. Танҳо барои дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани он мутахассисони дорои донишҳои замонавӣ заруранд. Баланд бардоштани сифати таҳсилот бо истифодаи усулҳои нави фаъоли таълим, аз қабили мултимедиаро низ пешбинӣ мекунад. Дар муассисаҳои таълимӣ васеъ истифода

шудани технологияҳои нав ва истифодаи воситаҳои муосири техникии таълим метавонанд, самарабахшии таълимро дар ҳамаи шаклҳои ташкили раванди он тадриҷан баланд бардоранд. Ҳангоми истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ комплекси таълимӣ-методӣ (КТМ) ҷойи махсусро ишғол мекунад, ки он дар машғулиятҳои амалӣ оид ба ҳалли масъалаҳо, иҷрои корҳои ҳисобию графикӣ, гирифтани маслиҳат дар бобати иҷрои онҳо, амалӣ гардонидани назорати марҳилавии дониш имкон медиҳад. Барои азхудкунии бомуваффақияти мундариҷаи таҳсил кори зиёди мустақилонаи хонандагон ва ҷустуҷӯи методҳои интенсивӣ ва технологияҳои таълимӣ аз ҷониби омӯзгорон тақозо карда мешавад.

Талаботе, ки ба комплекси таълимию методӣ барои ташкили раванди таълим бо истифодаи ТИИ пешниҳод мегарданд, серҷабҳа буда, онҳо бояд ба дидактикии (банизомдарорӣ, мустаҳкамкунӣ ва худназорат, ҳамгироӣ, ҳамоҳангӣ, аёният, дастрасӣ ва самарабахшӣ) мундариҷаи таълим ҷавобгӯ, муҷазу дастрас ва ҳамзамон устувор бошанд ва аз ҷониби хонанда пурра азхуд шудани маводи таълимиро таъмин кунанд. Тавсия дода мешавад, ки барои таҳияи комплекси таълимӣ–методӣ дар навбати аввал муайян кардани масъала ва мақсаду вазифаҳои фанни математикаро аниқ намудан лозим аст. Сипас, дар асоси муносибатҳои бунёдии мазкур ба коркарди комплекси таълимию методӣ шуруъ намудан ба мақсад мувофиқ мебошад. Зимнан, шароитҳои вурудӣ (муқаррар кардани сатҳи ҳадди ақали ибтидоии босалоҳиятӣ, ки барои омӯзиш аз рӯйи ин барнома зарур аст, муайян кардани дастурҳои таълимӣ ва методии зарурӣ барои ташкили самарабахши раванди таълими математика), интихоб ва сохторбандии мундариҷа (муқаррар намудани пайдарпайии мантиқии таълими математика)-ро ба назар гирифтан зарур аст. Тавре ки маълум аст, асоси раванди таълим мақсади он ба ҳисоб меравад, ки интихоби мундариҷаи таълим (маводи таълимӣ) аз он вобаста аст. Методҳои таълими математика бояд ба ин мундариҷа мувофиқат кунад. Дар натиҷаи таҳқиқот собит карда шуд, ки истифодаи технологияҳои муосири иттилоотӣ-иртиботӣ дар раванди таълими математика воситаи баланд бардоштани сатҳи донишу малака ва маҳорат аст. Таҳлили натиҷаҳои озмоишӣ-таҷрибавӣ аз дурустии фарзияи илмии ибтидоӣ шаҳодат медиҳад, ки афзоиши сатҳи омӯзиши хонандагон тавассути истифодаи технологияҳои компютерӣ, видеопроектор ва тахтаи электронӣ дар таълими математика метавонад самаранокии нишондиҳандаҳои донишомӯзии хонандагонро афзоиш дода, қобилияти азхудкунии онҳоро инкишоф диҳад.

**Тахтаи интерактивии электронӣ чист?**

Тахтаи интерактивии электронӣ экрани росткунҷаи шакли сенсорӣ мебошад, ки ба компютер пайваст шудааст ва аз проектор ба тахтаи электронӣ инъикос мегардонад.



Барои он ки дар тахтаи интерактивии электронӣ бо тариқи ламс (сенсорӣ) кор кунем моро зарур аст, ки барномаи заруриро дар компютери худ бояд насб намоем. Яке аз ин барномаҳо барномаи DrawViewV4.34, ки бисёр осон ва қулай дар раванди таълим мебошад ва ин барнома ба 4 қисм (панели корӣ) ҷудо карда мешавад.

Ин панели корӣ ҳар як қисмаш вазифаҳои худро иҷро мекунад, ки оид ба ҳар як қисми панели корӣ барои шумо маълумоти муфассал оварда мешавад.




**1. Маълумот оид ба қисми якуми панели кори электронӣ**

Қисмати якуми панели корӣ ба 5 зерқисми корӣ тақсимбандӣ шудааст, ки он дар нақша оварда мешавад.




| | |
|---|---|
| 1. Баромадан ва ворид шудан  | Дар зерқисми якум истифодабаранда метавонад аз барномаи тахтаи электронӣ набаромада, дар компютери худ маводи заруриро дар экран намоиш диҳад. Яъне, ба таври автоматӣ ҳангоми пахш кардани равзани мазкур дубора ба барнома ворид шаваду кори худро идома диҳад. |
| 2.Ҷудо карда гирифтани матн  | Дар зерқисми дуюм истифодабаранда метавонад он навиштаҷот ё тасвиреро, ки дар тахтаи электронӣ иҷро мекунад, ҷудо карда гирад ва аз як гӯшаи тахта ба гӯшаи дигари тахта ба ҷойи зарурӣ бурда гузорад. |
| 3. Нест кардан  | Дар зерқисми сеюм истифодабаранда барои тоза ё нест кардани навиштаҷот аз ин равзана метавонад истифода намояд. |
| 4. Баргардонидан  | Дар зерқисми чорум истифодабаранда барои аз нав баргардонидани матн ё сурати нестшуда ҳангоми пахш кардани ин равзана ба ҳолати аввалаи иҷрокардаи кори худ бармегардад. |
| 5. Меню  | **Дар зерқисми панҷум истифодабаранда метавонад чунин корҳоро ба сомон расонад:** - Файли нав кушояд; файлро кушояд (ба воситаи равзанаи мазкур); файлро аз дохили компютер ба экрани тахта намоиш диҳад; файлҳои дар тахта анҷомдодашуда сабт карда шаванд; файлро метавонед дар файли зарурӣ сабт намояд; файли даркориро чоп намоед; ба воситаи почтаи электронӣ ба дигар ҷой маводро интиқол диҳед; истифодабаранда метавонад кори худро ба танзим дарорад. |

**2. Маълумот оид ба қисми дуюми панели кори тахтаи электронӣ**

Қисмати дуюми панели корӣ ба 10 зерқисми корӣ тақсимбандӣ шудааст, ки он дар нақша оварда мешавад.




| | |
|---|---|
| 1.Саҳифаҳо  | Дар қисми 2 ва зерқисми як, истифодабаранда метавонад аз саҳифаҳои сафед, сиёҳ, сабз, экран, шаффофият ва саҳифа вобаста ба фанҳоро истифода намояд. |
| 2. Қаламҳо  | Дар қисми 2 ва зерқисми ду, истифодабаранда метавонад аз қалам, нишондиҳанда (маркер), мӯқалам (кисть), аломати ишоратӣ (штамп), қалами нарм, қалами ранга ва қалами нурдор барои ҷолибияти дарс метавонад истифода намояд. |
| 3. Шаклҳои геометрӣ  | Дар қисми 2 ва зерқими се, истифодабаранда метавонад аз шаклҳои геометрӣ бо сифати баланд истифода намояд. Дар ин зерқисм ҳатто андоза ва ченакҳои градусии онҳо нишон дода мешавад. |
| 4. Хаткуркунакҳо  | Дар қисми 2 ва зерқисми чор, истифодабаранда метавонад аз намудҳои гуногуни хаткуркунакҳо истифода намояд. Дар ин зерқисм аз хаткуркунаки объект, хаткуркунаки калон, миёна ва хурд истифода кардан мумкин аст. |
| 5. Блокунот  | Дар қисми 2 ва зерқисми панч, истифодабаранда метавонад навиштаҷоти тахтаи электрониро дар Word, Excel сабт намояд. |
| 6. Китобхонаи зазиравӣ  | Дар қисми 2 ва зерқисми шаш истифодабаранда метавонад аз васоити аёнии фанҳои биология, химия, забонҳои чинӣ, англисӣ, математика, мусиқӣ, физика ва корҳои лабораторӣ аз физика ва химия истифода намояд. |
| 7. Асбобҳои ёридиҳанда  | Дар қисми 2 ва зерқисми 7, истифодабаранда метавонад аз ҷадвал, паргор, секунҷа, зовиясанҷ (транспортир) ва сабткунаки экран (бо садо) истифода намояд. |
| 8. Воситаҳои саҳифа  | Дар қисми 2 ва зерқисми ҳашт, истифодабаранда метавонад саҳифаро ба пешу қафо, калону хурд ва ба воситаи ангуштони даст истифода намояд. |

| | |
|---|---|
| 9. Сабти садоӣ  | Дар қисми 2 ва зерқисми нуҳ, истифодабаранда метавонад садои худро дар раванди машғулиятҳо ва дигар ҳолатҳо сабт намояд. |
| 10. Объектро ворид кардан  | Дар қисми 2 ва зерқисм даҳ, истифодабаранда метавонад сурат, видео ва дигар навъи мултимедиявиро дар тахтаи электронӣ гузорад ва мавриди истифода қарор диҳад. |

**4. Маълумот оид ба қисми чоруми панели кории тахтаи электронӣ**

Қисмати чоруми панели корӣ ба 4 зерқисми корӣ тақсимбандӣ шудааст, ки он дар нақша нишон дода шудааст.




| | |
|---|---|
| 1. Ранги тахта ва қалам  | Дар қисми 4 ва зерқисми як, истифодабаранда метавонад аз рангҳои гуногун дар тахтаи электронӣ истифода намояд. Яъне, метавонад замини тахта ва ё ранги қаламро тағйир дода, аз рангҳои гуногун истифода намояд. |
| 2. Андозаи хат  | Дар қисми 4 ва зерқисми ду, истифодабаранда метавонад аз андозаҳои гуногуни қаламҳо истифода намояд. |
| 3. Диаграммаро ранга кардан  | Дар қисми 4 ва зерқисми се, истифодабаранда метавонад, ҳангоми диаграмма сохтан аз рангҳои гуногун истифода карда, диаграммаҳоро рангоранг намояд. |
| 4. Намудҳои хат  | Дар қисми 4 ва зерқисми чор, истифодабаранда метавонад аз намудҳои гуногуни хат истифода намояд. Ин гуна хатҳо бештар дар дарсҳои забони тоҷикӣ истифода мешаванд. |

## АДАБИЁТ:

1. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои Миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. ш.Душанбе, 26 январи с.2021.

2. Лутфуллоев М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик (осори педагогӣ,ҷилди 6). – Душанбе, 2015. – 704 с.

3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф». Сарчашмаи электронӣ: http://base.mmk.tj/view_sanadholist.php

4. Леонтьев А.Н. Деятельность. Сознание. Личность / А.Н. Леонтьев. – М.: Политиздат, 1975. – 304 с.

# УСУЛҲОИ ФАЪОЛИ ТАЪЛИМ ДАР ДАРСҲОИ ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**Дар замони муосир зарурат ва аҳамияти омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик бештар гардидааст, зеро барои ҳифзи якпорчагии марзу буми кишвар, ба ҷо овардани эҳтирому садоқат ва арҷгузорӣ ба арзишу дастовардҳои ниёгон, тақвияти ҳисси инсондӯстиву меҳанпарастӣ, худшиносиву худогоҳӣ, рӯ овардан ба таърихи халқи тоҷик, омӯхтану аз он сабақ гирифтан вазифаи ҳар як шахси ватандӯст аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар китоби худ «Тоҷикон дар оинаи таърих» қайд кардаанд: «Имрӯз мардуми кишвар ба худшиносӣ ва барқарор кардани хотираи таърихии хеш беш аз пеш ниёз дорад. Мо бояд аз таърихи гузашта сабақ гирем ва барои ваҳдати комили миллӣ корҳои бузургеро ба анҷом бирасонем».**



**Манучеҳра ҶУМАХОНОВА,**
номзади илмҳои сиёсатшиносӣ, мудири кафедраи методикаи таълими фанҳои ҷамъиятӣ-гуманитарии ДҶТИБКСМ

Ҳадаф аз омӯзиши фанни таърихи халқи тоҷик дар муассисаҳои таълимӣ, огаҳӣ ёфтани хонандагон бо таърихи гузаштаи халқи тоҷик, ташаккули ҷаҳонбинию ҷаҳонфаҳмӣ, тарбияи тафаккури таърихӣ, ҳисси ватандӯстию хештаншиносӣ, инсонпарварию башардӯстӣ, эҳсоси шаъну шарафи одамӣ ва омода намудани онҳо ба ҳаёти мустақилона мебошад. Вобаста ба ниёзи хонанда имрӯз омӯзгор вазифадор аст, ки ба онҳо барои омӯзиши таърихи ватан ёрии амалӣ расонад ва дар ин росто, хонанда низ бо иҷрои вазифаи хеш маводи таълимии пешниҳодшударо саривақт аз худ созад. Омӯзгоронро зарур аст, дар замони муосир ҷиҳати таълиму тарбияи насли созандаву эҷодкор, босалоҳият, пеш аз ҳама, маҳорату малакаи хешро такмил дода, дар раванди таълим, бо истифода аз методҳои мухталиф, ба натиҷаи баланди донишандӯзӣ ва ба шахси комили ҷомеа табдил ёфтани хонандагон ноил гарданд. Ҷиҳати расидан ба чунин ҳадафҳо ҳар як омӯзгор дар робита ба рисолати хеш бояд пайваста кор барад. Дар ин маврид суханони мутафаккири бузурги чинӣ Конфутсийро бояд ёдовар шавем, ки чунин гуфта буд: «Омузгори ҳақиқӣ-ин ҳамон шахсест, ки пайваста меомӯзад ва ҳамарӯза аз болои худ кор мекунад»…

Омӯзгорон мекӯшанд, то дар асоси мушоҳидаю таҳқиқ ҳар як мавзуъро аз нигоҳи илм асоснок намуда, ба хонандагон омӯзонанд. Аз натиҷаи таҳқиқот бармеояд, ки навъҳои дарс вобаста ба мазмун, моҳият, тавсифу тарзи сурат гирифтан мухталифанд – лексионӣ, амалӣ, санҷишӣ, семинарӣ, ҷамъбастӣ, такрорӣ, омехта, факултативӣ, дарс-конференсия, дарс-экскурсия ва ҳоказо. Дар ҳамаи навъҳои дарс омӯзгор нақши асосӣ мебозад. Айни замон олимону муҳаққиқони риштаи педагогӣ ва омӯзгорон равишу усулҳо ва методҳои мухталифи самаранокии таълимро меҷӯянд ва ҷиҳати ба ҳадафҳои таълимиву тарбиявии ба нақша гирифтаи хеш расидан ин усулҳоро аз рӯйи фаҳмиш истифода менамоянд. Методи таълим (аз юнонӣ methodos-роҳ, тарз, тарик), банизомоварии фаъолияти омӯзгор ва хонандагон аст, ки ба ноилгардии мақсади гузоштушудаи омӯзиш равона карда шудааст, А.С.Громтсева дар ин бобат чунин қайд мекунад: «Методҳои таълим – тарзҳои фаъолияти якҷояи муаллиму талабагон мебошанд, ки барои ҳалли вазифаҳои таълим нигаронида

шудаанд». Муаллифони «Модули таълимии курсҳои омӯзиши омӯзгорони фанни забони тоҷикӣ оид ба гузариши муносибатҳои босалоҳият дар таълим», муҳаққиқон – Қ.Мухторӣ ва Ф. Мирзоёров дар хусуси мафҳуми методи таълим чунин ибрози ақида намудаанд: «Методҳои таълим тарз ва воситаҳои самарабахши фаъолияти омӯзандагии омӯзгору хонандагон нисбат ба инкишофи қобилияти фардии хонандагон, доираи назар ва дар онҳо ҳосил кунонидани дониш, маҳорат ва малакаҳо мебошад».

Гуфтан ҷоиз аст, ки методҳои омӯзишро бе усулҳои дохилии он тасаввур кардан имконнопазир аст. Умуман, методҳои таълим хеле зиёданд. Ҳар як омӯзгор вобаста ба малакаву маҳорати хеш онҳоро ҷиҳати самаранокии натиҷаи дарс ва барои ба ҳадафҳои таълимиву тарбиявии дар пеш гузоштаи худ расидан мавриди истифода қарор медиҳад. Истифодаи методҳои интерактивӣ дар ҷараёни дарсҳо дар замони муосир айни муддаост. Мафҳуми «интерактив» англисӣ буда, «inter»- тарафайн ва «act» - фаъолият карданро ифода менамояд. Дар раванди амалишавии методи мазкур принсипҳои тақсимоти баробари имконоти таълим, озодии баён, масъулиятшиносӣ, тағйири нақшҳо (омӯзгор-роҳбалад), фароҳам овардани фазои мусоиди таълимӣ ва истифодаи арзёбии ташаккулдиҳанда бояд ба эътибор гирифта шаванд.

Низоми таълими интерактивӣ ҳамкориро дар таълим тақозо карда, ҳаллу фасли масъалаҳо тавассути муҳокима ва хулосабарорӣ дар гурӯҳҳои дунафара ва чор-панҷнафара сурат мегирад. Яъне ҳамкорӣ ҳангоми азхудкунии донишҳои нав, ноил гаштан ба мақсаду натиҷаҳои таълим аст.

Ин ҳамкорӣ дар муоширати байни омӯзгор ва хонанда, хонанда ва хонандагон, омӯзгор ва хонанда зоҳир мегардад.

**Ҳамкории мазкур дар нақшаи зерин ба тарви зайл аст:**

Дар методи интерактивӣ усулҳои гуногун, аз қабили кори фардӣ, кори гурӯҳӣ, тартиби «Кластер», «Диаграммаи Венн», «Рӯзномаи дубахша», «Харитаи хирад», «Шаршара» ва истифо-




даи онҳо дар лаҳзаҳои мувофиқи дарс мушоҳида мешавад. **Кластер** (маънояш «хӯша», «шохча») усули гирдоварии андешаҳои хонандагон доир ба ягон мавзуъ, мафҳум буда, дар шаклҳои гуногун тасвир меёбад. Хонандагон андешаҳои баёншударо дар як ҷой гирд оварда, дар баробари шунидан боз ба таври аёнӣ бо онҳо шинос мегарданд. Ҳадафҳои асосӣ – гирдоварии андешаҳои хонандагон, фароҳам овардани вазъияти ҷустуҷӯ, тақвияти малакаҳои баёни мухтасари фикр ва ғайраро дар бар мегирад.

**Қадамҳо:**

1. Дар маркази тахтаи синф (ё варақаи сафед) давра кашед;
2. Дар дохили давра мавзуъ, мафҳум ва ё калимаи асосиро нависед;
3. Оид ба мавзуъ, мафҳум ва ё калимаи асосии овардашуда ба хонандагон савол диҳед;
4. Аз хонандагон хоҳиш кунед, ки андешаҳои худро дар атрофи мавзуъ, мафҳум ва ё калимаи асосӣ нависанд;
5. Хонандагон байни андешаҳо иртиботи мувофиқро барқарор намуда, ишора мекунанд (ин қадам барои кластери мураккаб аст).

Намудҳои кластер: сода ва мураккаб

**Намунаи кластери сода аз фанни таърихи халқи тоҷик чунин аст: Мавзуъ: Давлати Ҳахоманишиҳо**



**Диаграммаи Венн:**

Диаграммаи Венн – усулест барои ёфтани фарқ ва умумияти мафҳум, ҳодиса, ашё ва муқоисаи онҳо. Омӯзгор метавонад онро дар муқоисаи симоҳои мусбат ё манфии матн низ истифода кунад. Талабагон фарқ, монандӣ ва муқоисаи маводи пешниҳодшударо дар дафтари худ ё тахтаи синф метавонанд, нависанд. Ҳадафи асосии истифодаи усули мазкур – таҳлил ва муқоиса карда тавонистани ду ва зиёда мафҳум (ашё, ҳодиса, симо) ва инкишофи қобилияти фикррониву малакаи баҳогузории хонандагон мебошад.

**Қадамҳо:**

5. Дар тахтаи синф ду доираро тасвир мекунем, ки якдигарро бурида гузаранд; (Эзоҳ: ду давра фарқият, байни умумияти мафҳумҳо ё масъалаҳоро ифода мекунад).

6. Дар болои давраҳо масъалаҳои баррасишавандаро менависем; 7. Фикри хонандагонро дар даруни давраҳо қайд мекунем; 8.Шарҳу тавзеҳи дурустро пешниҳод менамоем.

Намуна аз фанни таърихи халқи тоҷик

Масъала: Фарқият ва умумияти ду симои барҷастаи дунёи қадим ва созмондиҳандагони империяҳои бузургро муайян намоед:



Дигар усуле, ки ҷиҳати истифода пешниҳод карда мешавад – усули «Рӯзномаи дубахша» мебошад.

«Рӯзномаи дубахша» чадвалест, ки ду қисм (бахш)-ро дорост ва аз ин рӯ, онро «рӯзномаи дубаҳша» ном мебаранд. Ин усулро дар вакти шарҳу тафсири ягон мафҳум, кор бо луғат, тадкиқи мазмуни матн истифода мекунанд. Усули мазкурро дар мавридҳои пурсиши вазифаи хонагӣ (истифода аз тахтаи синф), баёни мавзуи нав ва дигар лаҳзаҳои машғулият низ истифода кардан мумкин аст.

**Тартиби истифодаи усули «Рӯзномаи дубахша»:**

Аз хонандагон хоҳиш карда мешавад, ки вараки дафтарашонро ба ду қисм тақсим карда, аз тарафи чап калимаи «иқтибос» ва аз тарафи рости он калимаи «шарҳ»-ро нависанд. Сипас матнро хонда, андешаҳои таваҷҷуҳангезро дар тарафи чап (иқтибос)ва андешаҳои ҷолибро дар тарафи рости дафтар (шарҳ) қайд кунанд.

**Намуна:**

| **Иқтибос** | **Шарҳу тафсир** |
|---|---|
| «То зиндаам девори Бухоро манам» | Гуфтаҳои асосгузори давлати Сомониён – Исмоили Сомонӣ: Яъне Исмоили Сомонӣ худро ҳомии Бухоро дар масъалаи эмин нигоҳ доштани он аз ҳуҷуми қабилаҳои кучманчӣ, ки доимо таҳдид менамуданд, арзёбӣ кард. |
| **Калима** | **Шарҳи калима** |
| Осорхона | Осорхона ҷой ё биноест, ки дар он ёдгориҳои таърихӣ, санъат ва дастовардҳои илму техника нигоҳ дошта мешаванд |

Умуман, методи интерактивӣ дар ҷараёни таълим бо мақсади ташкил намудани муҳити хуби корӣ ва ҳамдигарфаҳмӣ мусоидат намуда, шавқу завки хонандагонро нисбат ба маводи омӯхташаванда бедор мекунад. Истифодаи методҳои интерактивӣ, анъанавӣ ё дигар вобаста ба завқ ва тайёрии омӯзгор дар мавриди зарурӣ барои муваффақ гардидан ба натиҷаи хуби таълимӣ ва ҳосил намудани салоҳиятҳои зарурии хонандагон дар ҷараёни дарсҳо ба роҳ монда мешавад. Донишманди маъруфи тоҷик Маҳмадулло Лутфуллоев чунин ақида дорад: «Агар хоҳед, ки дар фаъолияти педагогии худ комёб шавед, ба ҳар як дарс тайёрӣ бинед. Тайёрӣ, ба дарс ҷузъи таркибии фаъолияти муаллим аст. Тайёрӣ пеш аз ҳама, пешравист. Вай ба кори эҷодии омӯзгор зич алоқаманд аст. Эҷодкорӣ хислати хоси муаллим мебошад». Аз ин нуктаҳо бармеояд, ки тайёрӣ ва эҷодкории муаллим омилҳои асосии натиҷабахш ва самараноки ин ё он методи таълим дар ҷараёни дарс истифодашаванда мебошанд.

## АДАБИЁТ:

1. Активные методы обучения в системе многоуровневого образования: Сб. науч. трудов / Ред. Р.Ф.Жуков.-СПб, 1995. -354 с.

2. Лутфуллозода М. Педагогикаи миллии халқи тоҷик / М. Лутфуллозода Душанбе, 2015.-саҳ 60

3. Каршиева, Г.Г. Методика формирования умений профессионально-культурологического общения студентов в мультиэтнической среде педагогического вуза: дисс. … канд. пед. наук / Г.Г.Каршиева [Текст]. –Душанбе, 2018.-172 с.

